ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 809.155.0+802.0
ТКБ: 81.2 Тоҷ+81.2 Анг
Р- 42

РАҲИМЗОДА САФАРАЛӢ АБДУСАМАД

ТАҲЛИЛИ ҶАНБАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГИИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФӢ ДАР ТАРКИБИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

(дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)

Дисертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Роҳбари илмӣ: д.и.ф.,
профессор Муҳаммадҷонзода О.О.

Мушовири илмӣ: н. и. ф.,
дотсент Мусоямов З.М.

Душанбе-2022

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

МУҚАДДИМА……4

БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ТОПОНИМҲО ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР.....11

1.1. Тавсифи умумии ономастика ва номвожаҳо дар забоншиносии муосир……...11

1.2. Хусусиятҳои функционалӣ ва семантикии номвожаҳо……..….24

1.3. Таснифоти ономастика ва топонимия дар забонҳои муқомсашаванда…….....41

БОБИ II. ОМӮЗИШИ ҲАМБАСТАГИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ВА НОМВОЖАҲО…….…65

2.1. Мафҳуми воҳиди фразеологӣ…….…65

2.2. Таснифоти воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ……72

2.3. Хусусиятҳои морфологии воҳидҳои фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....78

БОБИ III. ТАҲЛИЛИ ЗАБОНӢ ВА ФАРҲАНГИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТОПОНИМӢ……..…….…….95

3.1. Таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ ва фарҳангии воҳидҳои фразеологии топонимӣ.....95

3.2. Таҳлили воҳидҳои фразеологии топонимӣ вобаста аз маҳалли ҷойгиршавии объектҳои таъиншуда…….....107

3.3. Таҳлили фразеологияи топонимӣ аз рӯйи ашёи ифодашаванда……...……...114

3.3.1. Воҳидҳои фразеологии ойконимӣ…….…114

3.3.2. Воҳидҳои фразеологии хоронимӣ ва урбанонимӣ…….……177

ХУЛОСА…….……121

Натиҷаҳои асосии рисола…….……..121

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо……123

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ……..……..124

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..141

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

анг. – забони англисӣ

ВФ – воҳидҳои фразологӣ

ДДЗТ ба номи С. Улуғзода– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

ИМА – Иёлоти Мутаҳидаи Амрико

МДКОА – Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

лот. – забони лотинӣ

таҳт. – таҳтуллафзӣ

тоҷ. – забони тоҷикӣ

Халқӣ – воҳидҳои фразологӣ аз даҳони халқ

Adj. – Adjective (сифат)

Jnf. – Infinitive (масдар)

N – Noun (исм)

Prep. – preposition (пешоянд)

V – Verb (феъл)

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Нишон додани ҷузъи миллӣ-фарҳангии семантикаи воҳиди фразеологӣ, ки дар ин таҳқиқот топоним ба ҳисоб меравад, имкон медиҳад, ки воҳидҳои фразеологӣ аз нуқтаи назари фарогирии маълумот дар бораи фарҳанги миллӣ дар онҳо омӯхта шаванд. Ин амр имкон медиҳад, ки тазодди фарҳангии архетипии «мо – дигарон / худӣ – бегона», ки дар воҳидҳои фразеологии топонимикӣ сабт шудаанд, муқаррар ва муайян карда шаванд.

Аҳаммияти ин таҳқиқот аз тамоюли умумии забоншиносии муосир ба омӯзиши омилҳои фарҳангии ташаккули забон вобаста мебошад. Дар рисола дар заминаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушкилоти ҷузъи миллӣ-фарҳангии маънои топоним мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки ба ошкор сохтани хусусиятҳои тасвири фразеологии олам аз ҷониби гӯяндагони забонҳои мавриди назар мусоидат мекунад. Ин таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҷрибаи тавсифи забонӣ-фарҳангии воҳидҳои фразеологии топонимикӣ аз нуқтаи назари муқоисавӣ дар забоншиносии муосири тоҷик ба шумор меравад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ. Масъалаи мавриди назарро аз ҷанбаҳои гуногун олимони тоҷик А. Хромов [1970; 1974; 1975; 1980], О. Ғафуров [1964; 1969; 1970; 1971; 1983], С. Сулаймонов [1979], Р.Х. Додихудоев [1980; 1985], Н. Абдуллоев [1978], Н. Офаридаев [1984; 2001; 2010], А. Девонақулов [1989], Ш. Ҳайдаров [1991], Ш. Исмоилов [2014], А. Абдунабиев [1992], М. Шодиев [1994], Ҷ. Алимӣ [1993; 1996], О. Маҳмадҷонов [2004; 2010], Д. Ҳомидов [2012; 2013; 2014; 2016], Р. Шоев [2013], М. Насридинов [2016], Б. Тураев [2010] ва ғ. мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Аз олимони рус асарҳои В.В. Виноградов [1946; 1947; 1977], Е.В. Кортунова [2004; 2011], Е. Курилович [1955; 1962], В.А. Никонов [1960; 1962; 1978], А.В. Суперанская [1964; 1967; 1973], З. Фрейд [1923], Л.В. Шерба [1958; 1974] ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои мавриди таҳқиқу омӯзишро фаро мегиранд.

Олимон А.В. Суперанская [1962, 1964, 1967, 1973, 1989], В. Ташицкий [1961], В.Д. Бондалетов [1970], С.С. Губаева [1973], В.А.Никонов [1960, 1965, 1978] низ дар осори илмии хеш, аз ҷумла дар мақолаҳои алоҳида масъалаҳои марбут ба назария ва амалияи номшиносиро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Асару монография ва мақолаҳои олимони Осиёи Миёна Т.Нафасов [1968], Э.М. Мурзаев [1970, 1978, 1982], О.Ғ. Ғафуров [1964, 1969, 1970, 1973, 1978, 1983], Л.И. Ройзензон [1972], С.К. Караев [1987], У. Бекбаулов [1978] ва дигарон ин манзурро ба пуррагӣ собит месозанд.

Монографияҳои калонҳаҷму силсиламақолаҳои забоншиносони варзида А.З. Розенфелд [1977], А.Л. Хромов [1970; 1974; 1975; 1980], О.И. Смирнова [1950], Г.Г. Дитрих [1978] сирфан таҳқиқоти ономастикӣ буда, ба ин ва ё он риштаи ин илми номшиносӣ бахшида шудаанд. Тафовути байни фарҳангҳо тафовути қавмиро дар бисёр соҳаҳои ҳаёти одамон ташкил медиҳад ва сарҳади байни фарҳанги «мо» ва «дигарон»-ро ба таври возеҳ ҷудо мекунад. Зиддияти нишонаҳои фарҳангшиносии «худӣ – бегона» дар семантикаи топонимҳои фразеологишуда, ҳам дар дохили воҳидҳои фразеологии худи забон ва ҳам дар воҳидҳои иқтибосӣ таърихан собит мондааст. Маҳз хусусиятҳои психологии дарки олами «бегона» аз ҷониби ин ё он ҷомеаи забонӣ-фарҳангӣ мебошад, ки хусусияти тобишҳои баҳодиҳии воҳидҳои фразеологиро бо топонимҳои фарҳангӣ муайян мекунанд. Ҷузъи муҳими ин мухолифат «қолабҳо» мебошанд. Истилоҳи «стереотип»-ро ҷомеашиноси амрикоӣ В.Липпман дар китоби «Андешаҳои ҷамъиятӣ», ки соли 1922 ба табъ расидааст, ба илм ворид кардааст. Липпман стереотипро ҳамчун шакли махсуси дарки олами атроф маънидод мекунад, яъне маълумоти мазкур ба ҳиссиёти мо таъсири муайян мерасонад [210, 95]. Дар воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи топонимикӣ, ҳам автостереотипҳо ва ҳам гетеростереотипҳо ошкор карда мешаванд. Автостереотипҳо баҳогузориҳое мебошанд, ки намояндагони ҷомеаи этникӣ худашон онҳоро эҷод кардаанд [117, 224].

Одатан, ин стереотипҳо маҷмуи хусусиятҳои мусбатро дар бар мегиранд, ки бо хоҳиши ҷомеаи этникӣ ба мундариҷаи онҳо хусусиятҳои идеалии гурӯҳи этникӣ, сифатҳои фарқкунанда ва хислати миллии онҳо дохил карда мешаванд. Гетеростеротипҳо маҷмуи мулоҳизаҳои арзишӣ дар бораи халқҳои дигар мебошанд, ки намояндагони як гурӯҳи этникӣ ба гурӯҳи дигар чунин арзишҳоро қоил омадаанд [117, 224]. Ба ин навъи стереотипҳо, пеш аз ҳама, арзишёбиҳои беасос ва ба як хусусияти ягона ва умумӣ сарҷамъ намудани қавмҳои дигар хос мебошад. Чун қоида, гетеростеротипҳо нисбат ба автостеротипҳо хеле муҳимтаранд. Ин ҳама муқобилияти ё зиддияти нишонаҳои фарҳангшиносии «худӣ – хуб», «бегона – бад»-ро, ки дар воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимикӣ сабт шудаанд, тасдиқ мекунад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ: Мавзуи таҳқиқот бо барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои забоншиносии фарҳонгӣ, номшиносӣ ва барномаҳои таълимӣ робитаи қавӣ дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсадҳои таҳқиқ. Мақсади таҳқиқи рисолаи мазкур муайян намудан ва муқоиса кардани хусусиятҳои забоншиносӣ-фарҳангии воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи (компоненти) топонимикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зерин дар ин таҳқиқот дар пеш гузошта шудаанд:

• таҳлил ва таснифи воҳидҳои фразеологӣ бо компоненти топоним бо мақсади гурӯҳбандии воҳидҳои таҳқиқшаванда;

• таснифи воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимикӣ аз рӯйи объектҳояшон;

• пайгирӣ намудани автостереотипҳо ва гетеростереотипҳо дар воҳидҳои мавриди таҳлилу таҳқиқ;

• муайян кардани топонимҳои фразеологӣ;

• муайян намудани ҷанбаи ифодакунандагии (коннотивии) маъноии топонимикаи фразеологӣ;

• таҳқиқи намудҳои ҷузъҳои фарҳанг, ки дар воҳидҳои фразеологӣ бо топонимҳо пешниҳод шудаанд;

• гузаронидани таҳлили забонӣ-фарҳангии фразеологияи топонимӣ;

• муайян кардани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи воҳидҳои омӯхташаванда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқоти мазкур воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимикӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқот таҳлили муқоисавии хусусиятҳои забонӣ-фарҳангии воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимӣ ҳамчун маводи таҳқиқотӣ хидмат кардаанд. Маводи воқеӣ барои таҳқиқот бо усули намунагирии пайваста аз як қатор маъхазҳои фразеографии ватанию хориҷӣ ва луғатҳои топонимикӣ ба даст оварда шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Методҳои таҳқиқот аз рӯйи мақсад, вазифа ва маводи таҳқиқот муайян карда мешаванд: усули тавсифӣ, усули таҳлили муқоисавӣ; усули таҳлили миқдорӣ; усули таҳлили забонӣ-фарҳангӣ.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии рисола бо он муайян карда мешавад, ки омӯзиши хусусиятҳои ташаккули воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба омӯзиши ҷанбаи забонӣ-фарҳангии фразеология мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳқиқи масъалаҳои забонӣ-фарҳангӣ, топонимия ва типологияи лингвистӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Аҳаммияти амалии рисола аз он иборат аст, ки натиҷаҳои кор дар курсҳои лексионӣ оид ба забоншиносии умумӣ, дар курсҳо ва семинарҳои махсус оид ба

лексикология, фразеологияи муқоисавӣ ва забоншиносии фарҳангӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Маводи рисола метавонад барои навиштани корҳои илмиву забоншиносӣ дар соҳаи забоншиносии фарҳангӣ аҳаммияти илмӣ дошта бошад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимикӣ бори аввал дар партави муносибати забонӣ-фарҳангшиносӣ ба баррасии воҳидҳои забонӣ дар доираи тазодди фарҳангии «худӣ – бегона», ки дар фразеологияи топонимӣ пешниҳод шудаанд, сурат мегирад. Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки табиати системавии ҷузъи фарҳангии воҳидҳои фразеологиро бо топоним ошкор ва муайян намоем.

Соҳаи таҳқиқ. Мазмуни таҳқиқи диссертатсионии мо ба соҳаҳои зерини забоншиносӣ мувофиқат мекунад: таърихи забони адабии тоҷик, вожашиносӣ [лексикология], лексикография [луғатнигорӣ], этимология, номшиносӣ [ономастика].

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

Муқаррароти зерин ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

1) топоним ҳамчун ҷузъи воҳиди фразеологӣ иттилооти муҳими фарҳангӣ дорад, ки имкон медиҳад хусусиятҳои этникию фарҳангӣ ва қолибҳо – стереотипҳои ҷомеаи мушаххаси забонӣ-фарҳангӣ (дар мавриди кори мо тоҷикӣ ва англисӣ) муайян карда шаванд;

2) зиддияти фарҳангии нишонаҳои «худӣ - бегона» дар семантикаи воҳидҳои фразеологии омӯхташуда ҷой гирифтааст, ки инъикоси коннотатсияҳои манфиро дар воҳидҳои фразеологии «бегона» ва тобишҳои мусбатро дар воҳидҳои фразеологии «худӣ» шарҳ медиҳад;

3) фразеологизатсияи топонимҳо дар ҳарду забони мавриди баррасӣ бар ҷузъҳои умумии фарҳангӣ (иҷтимоӣ-равонӣ) асос ёфтааст; дар айни замон, таносуби ин ҷузъҳо аз забон вобастагӣ надорад, ки ба муштаракияти тафаккури инсон ва принсипҳои умумии фарҳангии номинатсия далолат мекунад;

4) дар фондҳои фразеологии забонҳои мавриди назар мундаричаи универсалӣ (умумӣ) ва миллӣ-фарҳангӣ мавҷуданд, ки шабоҳатҳо ва тафовутҳои дарки ҷаҳонии халқҳоро инъикос мекунанд. Сарфи назар аз табиати умумиинсонии тафаккури инсон, азхудкунии воқеияти атроф ба тариқи мушаххасе, ки ба ҷомеаи муайяни миллӣ-фарҳангӣ хос аст, сурат мегирад, ки бо василаи забон ифода меёбад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавони диссертатсия ба таҳқиқи муқоисавии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Бинобар ин, диссертатсия ба ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Дар асосу заминаи омӯзишу таҳқиқи илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқотӣ, таҳия ва омода намудани мақолаю маърузаҳои илмӣ ва усулҳои муосири омӯзиши номшиносиро истифода карда, ҷанбаҳои забоншиносию фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологиро (ВФ) мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия. Нуктаҳои асосӣ, масъалаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқ, тавассути муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, семинарҳои ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода (солҳои 2018-2021) дар ҳаҷми 7 мақола ва маърузаҳои илмӣ мавриди баррасию муҳокима қарор дода шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои филологияи англис ва забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (суратҷаласаи №7 аз «23» феврали соли 2022) ва ҷаласаи Шурои олимони факултети забони англисии ДДЗТ ба номи С. Улуғзода (суратҷаласаи №9 аз 23.04.2022) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар ҳаҷми 7 мақолаю маърузаи илмӣ вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ дар маводи конференсияҳо ва маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА) ба нашр расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми рисола. Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Пайдарпаии бобҳо аз рӯйи мантиқи таҳқиқот ва вазифаҳои дар назди рисола гузошташуда муайян карда мешавад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 142 саҳифаи ҳуруфи компютерӣ иборат мебошад.

БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ТОПОНИМҲО ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

1.1. Тавсифи умумии ном ва номшиносӣ дар забоншиносии муосир

Дар баробари исмҳои ҷинс (лот. Nomina appellativa) дар ҳама забонҳо номвожаҳо (лот. Nomina propria) мавҷуданд, ки барои номбар кардани як ашёи алоҳида хизмат мекунанд ва имкон медиҳанд, ки онро аз бисёр ашёи ба он монанд фарқ кунанд. Илми забоншиносӣ, ки бо омӯзиши ҳамаҷонибаи номвожаҳо машғул аст, ономастика (юн. ὀνομαστική – санъати номгузорӣ) номида мешавад.

Ономастика (юнонӣ - ὀνομαστική — санъати номгузорӣ) - қисмати забоншиносиест, ки ҳамагуна номвожаҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Этимология, доираи маъноӣ, сохтор ва дигар хусусиятҳои забонии номвожаҳоро меомӯзад.

Ономастика ё худ номшиносиро дар адабиёти илмӣ бо номҳои зерин низ ифода мекунанд:

Ономатика — таълимот дар бораи маъно ва пайдоиши исмҳо (ин истилоҳ кӯҳнашуда буда, истифодааш тавсия дода намешавад).

Ономатология — қисмати забоншиносӣ, ки исмҳои хосро меомӯзад.

Ономасиология (анг. onomasiology) — қисмати забоншиносӣ, ки калимаҳои ягон забонро ҳамчун номи падидаҳо ва ашё меомӯзад.

Топономастика — ин истилоҳ ҳам кӯҳнашуда мебошад, аммо баъзан дар адабиёти илмӣ ба он дучор гардидан мумкин аст.

Номшиносии муосир аз шохаҳои зерин иборат мебошад:

1. *Антропонимика* – номи одамон;
2. *Астронимика* –номи ситораҳо;
3. *Зоонимика* – номи ҳайвонот;
4. *Каронимика* – номи киштиҳо;
5. *Космонимика* – номи ҷирмҳои осмонӣ ва бурҷу манзумаҳо;
6. *Хрематонимика* – номи ашёи маданияти моддӣ;
7. *Прагматонимика* – номи молу маҳсулот ва брендҳои истеҳсолӣ;

8. *Теонимика* – номи Худо, Эзад, Эзадбону (Аллоҳ, Олиҳа) ва дигар худоёну худойгунаҳо, рабб ва раббунавъҳо. (Англонимҳо ҳам ба ҳамин гурӯҳ дохил карда мешавад).
9. *Топонимика* - номвожаҳои ҷуғрофӣ, ки дар навбати худ ба ойконимҳо, гидронимҳо, оронимика, спелеонимика, дримонимия ва урбононимия ҷудо мешавад.
10. *Эргонимика* – номи иттиҳодияҳои касбӣ. Эмпоронимҳо – номи магазин, фирма, баров, кафе ва дигар ташкилоту созмонҳо низ чун шохаи ҳамин шуъбаи номвожаҳо омӯхта мешаванд.
11. *Этнонимика* – номи халқҳо, халқиятҳо, миллатҳо, нажоду дудмонҳо [216].

Олимони тоҷик О. Ғафуров, Р.Х. Додихудоев, Н. Абдуллоев, Н. Офаридаев, Ф. Абдулло, А. Девонақулов, Ш. Ҳайдаров, Ш. Исмоилов, А. Абдунабиев, М. Шодиев, Ҷ.Алимӣ, О.Маҳмадҷонов, Р. Шоев, А.Насридиншоев ҷанбаҳои мухталифи ономастикии забони тоҷикиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Дар ин миён таҳқиқоти монографии Шоев Р. «Ономастикаи Самаки айёр» ҷолиби диққат аст. Аммо номвожаҳои фаровони таркиби воҳидҳои фразеологиро то кунун таҳқиқ накардаанд. Ҳол он ки, ин шоҳасар моломоли номвожаҳои асили тоҷикӣ дар тамоми шохаҳои номшиносии муосир аст.

Омӯзиши баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи номҳои хос дар ҳар давру замон мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб ва зиёиёни пешқадам қарор дошту то ба имрӯз ин амали муфид раванди ногусастанӣ ва мавқеи устувореро ба худ касб мекунад. Бо руҷӯи рӯзафзуни забоншиносӣ ин соҳаи ба диди аввал на он қадар назаррас, вале аслан пурарзишу пурмуҳтаво баробари дигар паҳлӯҳои илмӣ забон дар ҳоли рушду такомул аст. Алҳол як қисмати илми забоншиносӣ ҷаҳонӣ, ки номҳои хосро меомӯзад, ба истилоҳи юнонии «ономастика» (санъати додани ном) маълуму машҳур аст. Бо ин истилоҳ айни замон маҷмуан илм дар бораи номҳои хос ифода карда мешавад. Номҳои ашхос, давлатҳо, тахаллусу лақаби одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои шаҳру деҳот, баҳру дарёҳо, ҷирмҳои осмонӣ,

офатҳои табиӣ ва ғайра, шомили муҳтавои ономастикаанд. Набояд аз ин далел сарфи назар намуд, ки пешрафту тараққиёти ономастика на танҳо чун як ҷузъи ҷудонопазири илми забон барои инкишофи ин соҳаи илм хидмати гаронбаҳо мекунад, балки аз маводу бозёфтҳои он илмҳои таъриху ҷуғрофия, адабиёт, иҷтимоиёт ва ғайра низ ба таври васеъ кор мегирад ва бесабаб нест, ки ашхоси даст андар кори ин бахшҳои илм ономастикаро ба ҳайси як риштаи ёрирасони соҳаи хеш қабул доранд. Бо вуҷуди ин номҳои хос, ки худ аз калимаҳо таркиб ёфтаанд, маҳсули забонанд ва танҳо дар забоншиносӣ омӯхта мешаванд.

Ономастика чун ҷузъи таркибии забоншиносӣ асосҳои қонунмандии таърихи инкишоф ва мавҷудияти номҳои хосро таҳқиқу баррасӣ менамояд, вале аз лиҳози фаррохии маводу масоили омӯхташаванда ва методикаи таҳқиқотиаш он ҳамчунин метавонад чун як риштаи тому мустақили илм низ арзи вуҷуд дошта бошад.

Тавре дар боло қайд шуд, ономастика илмест, маҷмуан дар бораи номҳо ва азбаски тамоми соҳаҳои ҳаёт дорои номҳои хоси худанд, пас пӯшида нест, ки ономастика низ чун як риштаи томи забоншиносӣ аз ҷузъҳои таркибии худ иборат аст. Чунончи, бо истилоҳи антропонимика омӯзиши номҳои одамон ифода карда мешавад, топонимика бошад, номҳои ҷуғрофиро таҳқиқ мекунад, бо истилоҳҳои оронимика ва спелеонимика соҳаҳои омӯзиши номи кӯҳҳо, теппаҳо қуллаҳо, саҳроҳо, воҳаҳо, ғорҳо, чоҳҳо, вартаҳо дар назар дошта мешавад. Ҳамчунин, истилоҳҳои гидронимия, дримонимия, ойконимия, урбономимия, космонимия, астронимия, зоонимия, анемонимия, теонимия, этнонимия, ва ғайраҳо, ки бевосита дар маҷмуъ шомили ономастикаанд, номи ин ё он соҳаи падидаҳои заминиву осмониро ифода менамояд.

Агар сатҳи омӯзиши паҳлуҳои тамоми масоили ономастика аз диди таҳқиқотӣ назар созем, мебинем, ки ҳама мавзуъоти он дар як сатҳ омӯхта нашудаанд. Масалан, бахши «топонимия»-и (калимаи юнонии topos «макон», «минтақа» ва onuma «ном», яъне номи макону минтақа) илми ономастика дар маънии аслиаш омӯзиши номи манотиқи ҷуғрофӣ нисбат ба дигар ҷузъҳои худи ҳамин бахш - гидронимия, спелеонимия,

дримонимия ва ғайраҳо аз тарафи муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ дақиқтару равшантар таҳқиқ шудааст. Ва ё «антропонимика» (лафзи юнонии anthropos - «инсон» ва onuma «ном», яъне номи инсонҳо) аз лиҳози ҳолати фарогирии илмиаш дар айни замон ҷолибтарин қисмати илми ономастика маҳсуб мешавад. дар ин бахш алҳол чи дар арсаи ҷаҳонӣ ва чи дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ асару мақолаҳои хеле зиёд табъу нашр гардидааст. Ба ин манзур «антропонимика» дар қиёс бо «зоонимика», «космонимика», «теонимика», «этнонимика» ва ғайраҳо бартарии зиёдеро бархурдор аст. Далелу бурҳони қотеъ хулосаеро ба бор меорад, ки дар марҳилаи кунунии пешрафти илми ономастика паҳлӯҳои гуногуни он мутаносибан дар зинаҳои мухталифи таҳқиқотӣ қарор доранд. Ин ҳолат дар баррасии маҷмуи таҳқиқи ономастика дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ айён мегардад [179, 16].

Ёдовар бояд шуд, ки дар гузашта ономастика чун як ҷузъи таркибии илми мантиқ маҳсуб мешуд, бинобар ин сабаб, аксаран мантиқшиносону файласуфон ба таҳлилу таҳқиқи он шуғл меварзиданд. Бо мурури замон баробари дарки мазмуну мундариҷаи аслии ономастика, ки ҷуз мавзуъоти мубрами лексикология (луғатшиносӣ) чизи дигаре нест, ба таҳлилу таҷзияи маводи он забоншиносон даст ба кор шуданд ва тадричан ин илмро ба пояи устувор гузоштаанд.

Дар забоншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таҳқиқи масоили умумии ономастика ҳанӯз аз солҳои аввали пойдоршавии Шуравӣ шуруъ шуда бошад ҳам, таҳқиқоти он солҳо бештар тамоюлу ҷанбаи этнографӣ, таърихию ҷуғрофӣ доштанд. Чунончи, асарҳои С.Б. Веселовский, В.В. Виноградов, С.В. Колесник, Г.В. Ксенофонов, О. Орестов, А.М. Селитшев, М.В. Сергиевский, А.М. Сухотин, З. Фрейд, Л.В. Шебра ва дигарон дар ҳамин савия таълиф шудаанд. Маҳсули илмии ин олимонро наметавон чун асарҳои сирфан ономастикӣ ном бурд, вале дар муҳтавои онҳо маводи фаровони ин бахшро пайдо кардан мумкин аст.

Вале аз солҳои 60-ум қарни XX шурӯъ гашта дар таҳлилу таҳқиқи бахши ономастикаи забоншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ гардиши

куллие ба вуҷуд омад, ки самараи он басо чашрас буд. Баробарҳои илмии бузургҳаҷм оиди назарияи умумии ономастика инчунин рисолаю мақолоти зиёди мушаххас ба ин ё он паҳлӯи илми зикршуда табъу нашр шудаанд. Дар натиҷаи ҷидду ҷаҳд ва кӯшишҳои ҳарҷонибаи олимони номдору русу дигар халқҳои шуравӣ, амсоли А.В. Суперанская, В.Ташицкий, И.В.Бестужева-Лада, В.Д. Бондалетов, Н.Д. Арутюнова, И.А. Баскаков, С.С. Губаева, Г.М. Налбаднян, Г.К. Конкашпаев, Н.А. Петровский, В.А.Никонов ва дигарон доир ба масоили муҳиму мубрами ономастика асару мақола ва қомусҳои пурқиммат интишор ёфта, бахши ономастикаро да ғунҷоиши илми забоншиносӣ ба мақомоти назаррас баровардаанд. Бо вуҷуди ин, дар манотиқи гуногуни ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ илми ономастика нобаробар инкишоф меёфт. Агар ба ҷараёни рушду такомули ақсоми мухталифи забоншиносии мамлакати собиқи мо бо диққат назар андозем, аён мегардад, ки дар қиёс бо дигар манотиқаш риштаи ономастика дар сар то сари Осиёи Миёна чи аз лиҳози омодасозии мутахассисони варзидаю кордони соҳаи хеш ва чи аз нигоҳи таҳқиқоти мавзуъоти махсуси бахши номбурда каму андак қобили таваҷҷуҳи ашхоси муваззаф қарор гирифта будааст. Ба ин нигоҳ накарда, омӯзиши босуръати илми ономастика дар солҳои 60-уми асри сипаришуда ба ин риштаи забоншиносии Осиёи Миёна низ бетаъсир намонд. Ҳарчанд анъанаи ономастикаи ҳудуди Осиёи Миёнаро ҳанӯз солҳои 40-уму қабл аз он олимони рус асос гузошта, таи он солҳо як силсила таҳқиқоту мушоҳидаҳои худро чун асарҳои алоҳидаю мақолаҳои боарзиш дар маҷалаҳои даврӣ ба табъ расонидаанд, вале он таҳқиқотҳо ҷанбаи бидуни назму тартиб дошта, аз давомоти хамешагӣ орӣ буданд.

Дар давоми солҳои 60-уму оғози солҳои 70-уми асри XX чунон ки дар боло қайд шуд, дар зери таъсири ономастикаи рус ва бо кӯмаки олимони бузурги он риштаи ономастикаи Осиёи Миёна низ чун як соҳаи томи илми забоншиносӣ ба худ мавқеъ пайдо кард ва тадриҷан рӯ ба ҳоли тараққӣ ниҳод. Маҳз аз ҳамин солҳо оғоз карда на танҳо олимони рус, балки забоншиносони таҳҷоӣ низ ба таҳқиқу баррасии қисматҳои асосии ономастикаи сарзамини худ машғул шудаанд, ки дар натиҷа

«Ҷабҳаи таҳқиқотҳои ономастикӣ тамоми ҳудуди Осиёи Миёнаро ҳам фаро гирифт… «Халқҳое, ки худ танҳо мабҳаси (объект) таҳқиқотҳо ҳисоб ёфта, ҳатто ба доираи диди илм шомил нагашта буданд, алҳол муҳаққиқини соҳаи ономастикаи худро доранд».

Акнун ки Осиёи Миёна аз ҳисоби афроди худ дорои мутахассисини соҳаи ономастика гардид, омӯзишу таҳқиқи бахшҳои он низ шаклу мазмуни хосаи худро пайдо кард. Рисолаю мақолоти сершумори олимони таҳҷоӣ дар баробари олимони рус пай дар пай нашр гардида, таи муддати кӯтоҳ дар ҳамаи ҷамоҳири Осиёи Миёнаи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ономастика чун илми тому пурмуҳтаво созмон дода шуд. «Қазоқҳо, қарақалпоқҳо, қирғизҳо, тоҷикҳо, туркманҳо, ӯзбекҳо дар иртиботи қавӣ бо олимони рус паҳлӯи ҳам истода кор мекунанд».

Асару монография ва мақолаҳои олимони Осиёи Миёна Р.Х. Ҳалимов, Ж.А. Ҳалимов, Т.Нафасов, Умурзоқов С.У., Э.М.Мурзаев, Б.О. Орзубоева, О.Ғ. Ғафуров, Л.И. Ройзензон ва А.И. Исоева, О.Л. Султаняев, Г.К. Комкашпаев, С.К. Караев, У. Бекбаулов ва дигарон ин манзурро ба пуррагӣ собит месозанд.

Маҷмуи хеле зиёди номҳои мансухи аз қарнҳои дуродур то имрӯз расидаи исмҳои муосири одамон, манотиқи ҷуғрофӣ, кӯҳу дарёҳо, ғору воҳаҳо, дашту саҳроҳо, қавму халқҳо, ки таркиби басо рангоранг доранд, ҷумҳурии Тоҷикистонро дар васати дигар ҷамоҳири Осиёи Миёна аз лиҳози маводу масоили ономастикӣ, ба назари мо, ба мақоми махсус бароварданд. Беҳуда нест, ки ҳанӯз аз нимаҳои дувуми асри гузашта шурӯъ карда олимони русу дигар мамолики Аврупо ба омӯзиши таҳқиқи масоили мухталифи рӯзгори маскунини ин сарзамин шуғл варзида, минбаъд арсаи таҳқиқоти худро ба тадриҷ инкишоф доданд. Бахусус доираи омӯзиши масъалаҳои этнографию ономастикии сарзамини Тоҷикистон дар аҳди мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ дар маркази диққати олимони рус қарор гирифта буд, ки мавҷудиятҳои фаровон далели қотеъи ин даъвист. Дар асарҳои ин олимон баробари таҳқиқи расму русум, анъанот, хулқу хӯ, инчунин, номҳои ҷуғрофӣ, ному лақаби одамон низ чун масъалаҳои шоёни диққат баррасӣ шудаанд.

Хусусан, аз солҳои 50-уми асри гузашта оғоз карда проблемаҳои ономастикии сарзамини Тоҷикистон чун масоили муҳими забоншиносӣ дар маркази диққати олимони рус қарор гирифтаанд. Монографияю асарҳои калонҳаҷму адади зиёди мақолаҳои забоншиносон А.З. Розенфелд, А.Л. Хромов, О.И. Смирнов, Г.Г. Дитрих сирфан таҳқиқотҳои ономастикӣ буда, ба ин ва ё он риштаи ин илм бахшида шудаанд.

Бахусус саҳми А.З. Розенфелд ва А.Л. Хромов дар таҳқиқи ономастикаи Тоҷикистон хеле бузург аст ва ба ақидаи мо, маҳз ҳамин олимон асосгузорони мактаби омӯзиши илми ономастика дар Тоҷикистон маҳсуб мешаванд. Таҳқиқоти нахустине, ки сирфан мавзуи ономастикаи Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, ба рушди ояндаи ин бахши забоншиносии тоҷик заминаи мусоид фароҳам овард, мақолаи шарқшиносии машҳури рус А.З. Розенфелд «Название лангар в топонимике Таджикистана» буд. Ин мақола ҳанӯз соли 1940 интишор ёфта, минбаъд арсаи фаъолияти илмию таҳқиқотии ӯ васеътар шуда ва дар баробари баррасии шеваҳои ҷанубиву ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ, инчунин таҳлили лингвистии номҳои ҷуғрофии қисмати ҷанубии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои топонимияю антропонимияи тоҷикро фаро гирифт. Маҳсули таҳқиқоти ономастикии А.З. Розенфелд, ки ба паҳлӯҳои асосии ономастикаи тоҷик бахшида шудааст, дар як силсилаи том у мақолаҳои ӯ матраҳ гардидаанд [115, 92-96]. Асару мақолаҳои А.З. Розенфелд асосан ба баъзе масъалаҳои ономастикаи қисматҳои ҷанубӣ - шарқии Тоҷикистон бахшида шуда, дар онҳо маводи фаровони топонимӣ, антропонимӣ, гидронимӣ аз нуқтаи назари илмӣ таҳлилу таҷзия шудаанд. Азбаски муаллиф бештар манотиқи ҷануби шарқии Тоҷикистонро мавриди мушоҳидаву мутолиаи худ қарор дода, дар асоси маводи он қисматҳо асару мақолаҳои худро таълиф кардааст, бинобар ҳамин, хулосаҳои илмии ӯ низ хоси маҳалҳои таҳқиққардааш мебошанд ва онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ тамоми ҳудуди Тоҷикистонро фаро намегиранд. Чунон ки худи муаллиф қайд мекунад, - «Агар ҳар кадом минтақаи таърихӣ-ҷуғрофии Тоҷикистони муосирро аз нуқтаи назари таркиби

топонимӣ ҳадафи пажуҳиш қарор диҳем, дар ҳар яки он мо хусусиятҳои маҳдудро ошкор месозем, ки воқеан хоси ҳамон маҳал мебошанд. Инро дар суффиксҳои топонимӣ (қисмате аз онҳо калимаҳои маънодор мебошанд), моделҳои калимасозӣ дар инъикоси топонимҳои маҳалҳои набототу ҳайвонот, нишебу фароз ва манзараҳои манотиқ аз рӯйи муҳити топонимӣ ва хусусан, аз ҷиҳати луғоти лаҳҷавӣ ва фонетикӣ, ки дар топонимҳо мунъакис гаштаанд, мушоҳида кардан мумкин аст» [115, 92-93].

Олими дигари рус А.Л. Хромов ҳам умри бобаракати худро сарфи ономастикаи тоҷик намуд. То ба ин рӯз олими дигаре дар ин бахш аз А.Л. Хромов дастболо нест ва тамоми дастовардҳои ономастикаи тоҷик ба номи вай зич алоқаманд аст. Асари пуарзишу пурмуҳтавои олим «Очерки по топонимии и микротопоними Таджикистана» дар бахши омӯзиши топонимияи Тоҷикистон марҳилаи наверо асос гузошт, ки бешак барои дар оянда таълиф карданҳои илмии оиди ин ришта чун сарчашмаи пурбаҳо хидмат намуд, зеро он нахустин таҳқиқотҳои амиқ дар соҳаи ономастикаи тоҷик буд. Муаллиф дар ин асари мукаммали худ роҷеъ ба топонимияву микротопонимҳои яке аз мавзеъҳои қадимтарини тоҷикон - Яғнобу болооби Зарафшон арзи ақида карда, доир ба қабатҳои забонии онҳо хулосаҳои дурусти илмӣ баровардааст. Бо асари фавқуззикр ва монографияву мақолаҳои [163, 296] сершумори дигараш, ки ба қисмати топонимикаи риштаи ономастика бахшида шудаанд, олим на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми собиқ Иттиҳоди Шуравию хориҷи он шуҳрати хосеро касб намуд. А.Л. Хромов дар бахши топонимияи Тоҷикистон маҷмуан бештар аз 30 асару мақола ба табъ расонидааст, ки дар онҳо муаллиф масоили мухталифи бахши номбурдаро ҳаллу фасл намудааст. Аз мазмуни нигоришоти илмии А.Л. Хромов аён мегардад, ки дар Яғнобу саргаҳи Зарафшон топонимҳо маъмулан аз забони тоҷикӣ манша гирифта будаанд.

Азбаски сокинони манотиқи мутазаккира дар тули мадиди таърих бо забони суғдӣ муҳовара мекарданд, мавҷудияти номҳои хоси забони

тоҷикӣ аз он далел шаҳодат медиҳанд, ки баробари забони суғдӣ дар ин мавзеъ забони тоҷикӣ низ дер боз мавқеъ доштааст.

Умуман, асарҳои илмии профессор А.Л. Хромов дар арсаи байналмиллалӣ эътироф шудаанд. Далели дар асарҳои мӯътабари илмии олимони шинохтаи хориҷа борҳо чун иқтибос дарҷ шуданашон аз шуҳрати онҳо шаҳодат медиҳад. Тақризҳои мусбат роҷеъ ба асарҳои ӯ дар фронса, Итолиё, Ҳоланд, собиқ Ҷумҳурии Олмони Демократ, Олмони Федерол ва дигар мамолик табъу нашр гаштанд.

Дар омӯзиши топонимияи Тоҷикистон шарқшиноси варзида О.И. Смирнова низ саҳми арзанда дорад. Номбурда ҳамзамон ба таҳқиқи ҳарҷонибаи таърихи Суғд, ҳамчунин масоили топонимияи тоҷиконро ҳам аз мадди назар дур насохтанд. Хусусиятҳои хосу ҷузъҳои шоёни диққати топонимияи Саргаҳи Зарафшон дар асару мақолаҳои ин олими нуқтасанҷ инъикос ёфтаанд. Г.Г. Дитрих дар мақолааш «Топонимии бассейна р. Арг в Фанских горах Таджикистана» доир ба гидронимҳои ин водӣ ибрози ақида менамояд. Ин мақола аз он ҷиҳат қабили таваҷҷуҳ аст, ки дар он муаллиф кӯшидааст, номи на танҳо дарёҳо, балки дараю воҳаҳо, қуллаю қитъаҳои мавзеи ҳавзаи дарёи Арғро дар асоси сарчашмаю асарҳои таърихӣ шарҳ диҳад. Аз тарафи дигар, ин дар бахши топонимияи риштаи ономастикаи тоҷик яке аз аввалин мақолаҳои мустақилест, ки ҳадафи он баррасии маводи гидронимӣ қарор ёфтааст.

Чунон ки дар боло зикр шуд, то даҳсолаҳои охир ба омӯзишу таҳқиқи масоили гуногуни ономастикаи тоҷик сирфан олимони рус машғул буданд ва қариб, ки ягон забоншиноси тоҷик дар ин бахш асари қобили таваҷҷуҳ таҳия накарда буд. Аз ин лиҳоз, ҳақ ба ҷониби Э.М.Мурзаев мебошад, ки чунин менависад. «Топонимияи Тоҷикистон асосан аз тарафи олимони рус О.И. Смирнова, А.З. Розенфелд ва А.Л. Хромов мавриди таҳқиқ қарор гирфтааст. Тайёр кардани кадрҳои миллӣ назар ба ҷумҳуриҳои дигар дар Тоҷикистон хеле ақиб мондааст. Алҳол дар Тоҷикистон ҳатто луғати мукаммали топонимӣ вуҷуд надорад» [96, 38-45]

Танҳо дар солҳои 70-уми асри XX ва баъд аз он забоншиносони тоҷик дар зери таъсири олимони рус ва таҳти сарпарастии онҳо ба риштаи ономастика таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ва мактаби ономастикии тоҷик аз ҳисоби мутахассисони таҳҷоӣ ҳайати худро пурратар намуд. О. Ғафуров, Р.Х. Додихудоев, Н. Абдуллоев, Н. Офаридаев, Ф. Абдулло, А. Девонақулов, Ш. Ҳайдаров, Ш. Исмоилов, А. Абдунабиев, М. Шодиев, Ҷ. Алимӣ, О. Маҳмадҷонов, А. Абдунабиев, А. Насридиншоев аз қабили кадрҳои соҳаи ономастикаи тоҷиканд, ки дар даҳсолаҳои охир рӯйи кор омадааанд. Таҳқиқоти номшиносони тоҷик тибқи анъанаҳои мактаби ономастикаи собиқ Иттиҳоди Шуровӣ тартибу таҳия шуданд. Ба хусус, навиштаҳои Ғафуров О. шоистаи таваҷҷуҳанд. О. Ғафуров аввалин номшиноси тоҷик маҳсуб мешавад. Асари нахустини ӯ ҳанӯз соли 1968 зери унвони «Рассказы об именах» ба табъ расида буд.

Дар ин асар муаллиф ба омӯзиши ному лақаби мардуми тоҷик диққати бештар дода, инчунин кӯшидааст, этимологияву пайдоиши баъзе номҳои ҷуғрофӣ, аз қабили Озарбойҷон, Осиё, Африқо, Ливия, Бағдод, Бадахшон, Вахш, Искандаркӯл, Гибралтар, Днепр, Зарафшон, Ироқ ва ғайраҳоро шарҳу эзоҳ диҳанд. Ҳамзамон О.Ғафуров дар ин таҳқиқоташ саъй кардааст, номҳои аз ҷиҳати таркиби овозӣ наздику якранги забонҳои гуногунро бо ҳам муқоиса намояд. Амсоли назар (дар забони тоҷикӣ ва забонҳои русӣ, украинӣ ва булорусӣ), Рустам ва Руслан, Искандар ва Александр ва ғайраҳо.

Соли 1971 асари нисбатан мукаммалтари ҳамин олим бо номи «Лев и Кипарис» интишор ёфт, ки мавзуи марказии онро номҳои мардонаю занонаи Осиёи Миёна, асосан тоҷикию ӯзбекӣ ташкил медиҳанд. Забоншинос асоси таърихии калима, тағиротҳои шакливу маъноӣ ва вазифаҳои онро вобаста ба давраҳои гуногун инъикос карда, таърихи ҳамчун исми хос шакл гирифтани ин ё он вожаро муфассал баррасӣ намудааст. Дар асар этимологияи 203 номи мардонаю занона зикр шуда, илова бар он, дар анҷоми китоб луғати мухтасари антропонимӣ тахия гардидааст, ки он 3000 калимаро дар бар мегирад.

О. Ғафуров соли 1961 китоби нахустини худро ба забони тоҷикӣ таҳти унвони «Шарҳи ному лақабҳо» аз чоп баровард, ки он асосан тарҷумаи мухтасари ба забони русӣ мунташир намудаи ӯст. Соли 1983 бошад асари дигари ин олим доир ба номҳои ҷуғрофии ҷаҳон ба табъ расид. Ҳамчунин О. Ғафуров муаллифи луғати муфассалтаре низ мебошад, ки соли 1987 ба табъ расидааст. Дар ин луғат ному лақабаи одамон аз нигоҳи мансубияташон ба ин ё он забон ва этимологияву пайдоиш шарҳ дода шудааст. Дар баробари маълумотҳои пурқиммати илмӣ, ба назари мо, корҳои О. Ғафуров аз нуқсонҳо низ орӣ нестанд. Муаллиф аз маводи фаровони ономастикӣ ба таври умумӣ фоида бурдааст, ки дар натиҷа хулосаҳои илмии ӯ низ на ҷанбаи мушаххас, балки ба таври умумӣ ифода ёфтаанд. Дар баъзе асарҳои олим муносибати саҳлангоронаи муаллиф нисбат ба масъалаҳои таҳқиқкардааш ба мушоҳида мерасад, ки мисоли зер тасдиқи чунин иддао мебошад: дар китоби «Лев и Кипарис» О.Ғафуров антропоними Ардашерро чун номи «шоҳӣ», ё худ «соҳиби ҳокимияти нек» [41, 47] маънидод мекунад, ки ин тавр шарҳ додани антропоними мазкур чандон саҳеҳ нест. Маънии дурусти калимаи «ардашер» дар порсии қадим artaxsir дар паҳлавӣ (порсии миёна – Р.С.) «artaxsir», ки аз «arta» - муқаддас, дурусткор ва «xsasra»-шаҳр, шаҳриёр аст, яъне шаҳриёри муқаддас мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар ин асар ва дигар асарҳои О. Ғафуров чунин нуқсонҳо хеле зиёд мушоҳида мешаванд. Дар таҳлили топонимияву микротопонимияи Тоҷикистон саҳми Р.Х. Додихудоев хеле калон аст. Ӯ аввалин забоншиносест, ки роҷеъ ба микротопонимияи гурӯҳе аз забонҳои шарқии эронӣ рисолаи докторӣ дифоъ кардааст. Муҳаққиқ махсусан дар рисолаи докториву дигар асару мақолаҳояш оид ба қабатҳои забонӣ, семантика ва этимологияи топонимҳои алоҳида маълумотҳои ҷолиб додаст. Дар корҳояш Р.Х. Додихудоев пешбурди таҳқиқотҳои илмиашро бо усули зоҳир кардани муносибати ҷиддӣ ба маводи дар ихтиёрдоштааш ба роҳ мондааст, ки дар натиҷаи чунин муомилаи мутлақо касбӣ бо камтарин маводу асноди ҷамъоваришуда

асарҳои комили илмиро эҷод кардааст. Чунончи, дар муқаддимаи рисолаи докториаш навиштааст:

«Муносибати синхронӣ ва диахронӣ ба мавод аснои таҳқиқотҳои мураттаби ономастикӣ на танҳо барои забоншиносӣ, балки барои дигар илмҳои наздикихтисос низ аҳаммияти бузургеро доро хоҳад буд, зеро чунин муносибат метавонад маводҳои муҳими таърихӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ ва ғайраҳоро муҳайё созад» [48, 4].

Рисолаи номзадии Н.Ш. Абдуллоев «Формирование таджикской астрономической терминологии и космонимии» сирфан таҳқиқоти ономастикӣ набошад ҳам, ба муаллиф муяссар гаштааст, бори нахуст дар таърихи забоншиносии тоҷик истилоҳхои ситорашиносиро мабҳаси таҳқиқи махсуси худ қарор дода, мақом ва моҳияти истилоҳоти ахтаршиносии классикиро дар асоси сарчашмаҳои пурқимати таърихӣ муайян намояд. Бо ин таҳқиқоташ Н.Ш. Абдуллоев дар омӯзиши бахшҳои астрономия ва космонимияи риштаи ономастикаи тоҷик заминае хуберо фароҳам овардааст [2].

Китоби Ш. Ҳайдаров «Луғати чандомади антропонимҳои тоҷикони райони Ашт» аз бисёр ҷиҳат шоистаи таваҷҷуҳи хоса аст. Аввалан, ин нахустлуғати ономастикӣ дар забоншиносии тоҷик буда. сониян, маводи фаровони номшиноси қимати арзандаи илмӣ дорад. Муаллифи луғат барои таҳияи он анъанаҳои қомуснависии ниёгонамонро сармашқи кори худ карда, аз дастовардҳои ин ҷузъи илми ономастикаи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ босамар баҳра бурдааст [156]. Натиҷаи ҳамин аст, ки кӯшиши нахустини луғатнависиаш дар бахши ономастика натиҷаи дилхоҳро ба бор овардааст. Луғати антропонияи Ш.Ҳайдаровро, ба назари мо, метавон дар радифи беҳтарин асарҳои ономастикии тоҷик гузошт.

Китобҳои Ш.Исмоилов «Назаре ба вожаҳои ҷуғрофӣ» ва «Таҳлили лингвистии топонимҳо» ба пайдоиши номҳои ҷуғрофию таърихи қисмати миёнаи водии Қаротегин бахшида шудаанд [59]. Ба муаллиф муяссар гаштааст, ки дидаву шунида ва мушоҳодаҳои худро дар иртибот ба номҳои мавзеоти фавқуззикр дар доираи амиқи тафаккураш таҷзия

карда, таҳти роҳнамоии сарчашмаю маъхазҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, қомусҳои дар гузаштаю имрӯза таҳиягашта ва адабиёти фаровони илмӣ маводи ихтиёрдоштаро чун системаи томи топонимӣ баррасӣ намояд.

Натиҷаи ниҳоии таҳқиқоти муаллиф, ба итминони мо, хеле гиро ва шоёни диққат аст. Муаллиф тавонистааст, дар ин ду китобча топониму микротопонимҳои марзи мутазаккираро маҷмуан ҳам аз лиҳози забониву сохти грамматикӣ ва ҳам аз нигоҳи семантикӣ-мавзуӣ гурӯҳбандӣ намуда, ба ин васила умқи таърихии баъзе номҳоро равшан созад ва ҳамзамон бо ин омилҳои ба топоним табдил ёфтани исмҳои ом (апеллятивҳо) ва ашколи робитаҳои мутақобилаи ҷузъҳои таркибии топонимҳоро мунъакис гардонад. Умуман таҳқиқоти Ш.Исмоилов бо вуҷуди ҳаҷман хурд будан аз аҳаммияти хуби илмӣ бархурдор аст.

Топонимия ва микротопонимияи минтақаи Ванҷу Дарвози Бадахшони Тоҷикистон мавзуи таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи олими номшинос Н.Офаридаев қарор гирифтааст. Муҳаққиқ солиёни мадидест,ки дар ин ҷода заҳмат мекашанд ва як қатор мақолаю асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ доир ба номвожаҳои ҷуғрофии ин маҳалро ба табъ расонидаанд. Дар иртибот ба хусусиятҳои забоншиносию таърихии топонимия маҳалҳои мазкур рисолаи номзадӣ таҳти унвони «Микротопонимия Ванджа и Дарваза (лингвистический анализ)» омода намуданд [106]. Дар пайомади таҳқиқу омӯзиши номвожаҳои ҷуғрофии навоҳии Бадахшон баъдтар дар баробари таълифи силсиламақолаҳои илмӣ доир ба пажӯҳиши комплексии минтақавии ойконимияи маҳалҳои ин водӣ корҳоеро ба табъ расониданд.

Дар ин давра муҳаққиқон А.Абдунабиев дар заминаи маводи топонимии минтақаи Ӯротеппа [3], Ҷ. Алимӣ дар асоси маводи водии Сурхоби вилояти Кӯлоб (навоҳии Ховалинг ва Совет) рисолаи номзадӣ ва чанде пас дар радифи як қатор мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотии минтақаи Кӯлоб рисолаи докторӣ дар мавзуъи «Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб» [4; 5] ва О.Маҳмадҷонов дар заминаи топонимҳои минтақаи Ромит рисолаи номзадӣ [89] ва дере нагузашта дар баробари навиштану ба табъ расонидани як силсила китобу мақолаҳои

таҳқиқотӣ доир номвожаҳои ҷуғрофии водии Ҳисори Тоҷикистон дар мавзуъи «Таҳқиқоти таърихиву забоншиносии номвожаҳои водии Ҳисори Тоҷикистон» [88] рисолаи докторӣ дифоъ намуданд.

Дар баробари таҳқиқу омӯзиши маводи топонимии маҳалҳои гуногуни кишвар як гурӯҳи муҳаққиқон дар ин давра пиромуни номвожаҳои ҷуғрофии осори таърихию бадеии адибони классик ва муосир рисолаҳои номзадӣ ба анҷом расониданд, аз ҷумла М. Шодиев дар мавзуи «Лингвистически анализ топонимов произведени С. Айнӣ» рисолаи номзадӣ [178] ҳимоя намуд.

Асару мақола ва рисолаҳои дар бахши ономастика таҳияву интишор кардаи дигар забоншиносони тоҷик, ки дар боло дарҷ гардидаанд, дар соҳаҳои худ метавонанд, ба сифати роҳнамои илмӣ ба муҳаққиқин кӯмаки боарзиш расонанд.

1.2. Хусусиятҳои функсионалӣ ва семантикии номвожаҳо

Азбаски Тоҷикистон аз лиҳози ҷуғрофӣ қисми таркибии Шарқ аст, бинобар ин падидаҳои ҳаёти маънавии он бидуни шак порае аз тамаддуни умумишарқист. Аз ин рӯ, ҳар масъалаи хоси Тоҷикистон дар навбати худ ҷузъи масоили Шарқ низ маҳсуб мешавад. Ҳоло, ки таҳқиқи мавзуъоти ономастикаи тоҷик дар мадди назар аст,ба ақидаи мо, онҳоро ба пуррагӣ наметавон ҳаллу фасл намуд, агар чунин масоил ба сурати алоҳида ва бидуни назардошти ҳолати феълии ономастикаи Шарқ омӯхта шавад, зеро қариб тамоми протсесҳои ҳаёти маскунини мамолики Шарқ чи аз нигоҳи таъриху чи аз диди муносибати муосир ба ҳам печидагиҳову пайвастагиҳои муштарак доранд. Бешак таҳқиқотҳои ономастикии дар дигар кишварҳои Шарқ бавуқуъпайваста, агар ба сурати мустақим ҳам набошад, ба таври бевосита баъзе ҷузъҳои бахши ономастикаи тоҷикро низ фаро мегиранд. Бинобар ҳамин зоҳири таваҷҷуҳ ба ономастикаи умумишарқӣ ва ҳолати феълии сатҳи омӯзиши он ҷуз мафод чизи дигареро ба бор намеоварад. Бояд гуфт, ки масоили назаррабои ономастикаи мамолики Шарқ ҳанӯз аз замонҳои хеле пеш диққати олимони Аврупою дигар кишварҳои ҷаҳонро ба худ мекашид.

Ҳарчанд забоншиносони Аврупо ба масъалаҳои ономастикаи Шарқ баробари бунёди нахустин муассисоти ховаршиносӣ эътибор дода бошанд ҳам, таҳқиқи амиқи ҷиҳатҳои таърихию муосири ин бахшро аз миёнаи асри XIX ва оғози асри XX ба маҷрои муайян даровардaнд.

Ховаршиносони шинохтаву варзидаи Аврупо А. Потт, В. Ҷексон, Ф. Юсти, Г. Хузинг, Л. Кастани, Г. Габриели, А. Мингана, Х. Шедер, Я. Немет, Ж. Дюмезил, Л. Згуста, В. Айлерс, М. Майерхофер, Р. Шмит, Е. Бенвенист, Ф. Махалски, Г. Моргенстрене, О. Клима, Д. Вебер ва дигарон паҳлӯҳои мухталифи ономастикаи мамолики Шарқро мавриди таҳқиқоти худ қарор дода, ба бозёфти тозаи илмии худ олами номшиносии Шарқро пурғановат гардониданд. Бояд хотирнишин сохт, ки қариб тамоми олимони фавқузикр дар омӯзиши ономастикаи Шарқ падидаи наву қобили ситоишанд, вале ҳаҷми маҳдуди як рисолаи хурду мушаххас даст намедиҳад, болои ҳар яки онҳо ба сурати алоҳида таваққуф намоему бурду бохти онҳоро аз диди қимати илмиашон арзёбӣ намоем. Аз ин рӯ, маҳсули илмии чанде аз онҳоро, ки ба назари мо, бештар дархурди амали дастдоштаамон хоҳанд буд, мавриди баррасӣ қарор дода, бо ҳамин иктифо менамоем. Дар таҳқиқи антропонимияи Эрон хизмати донишманди маъруф Ф.Юсти назаррас мебошад. Дар асараш «Номҳои эронӣ» Ф. Юсти роҷеъ ба қиммати илмию амали антропонимҳои классикӣ ва аҳаммияти лингвистии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Азбаски гурӯҳи бештари номҳо таърихи қадима доранд, таҳқиқи онҳо аз лиҳози семантикӣ ва сохту таркиб дар айни ҳол дорои қиммати баланди илмӣ-лингвистӣ мебошад, зеро танҳо тавассути исмҳои хос дар хусуси тағйироти грамматикии забон маълумоти амиқ метавон пайдо намуд. Инчунин номҳо таркиби луғавии забонро бой мегардонанд, зеро маҳз ба воситаи ном калимаҳои зиёде то ба имрӯз боқӣ мондаанд. Аз ин ҷиҳат асарҳои илмӣ қимати бештареро ба худ касб мекунанд, зеро маҳз тавассути онҳо номҳо даврaҳои дури таърихиро пай дар пай ва бо тағйиротҳои чандон зиёд тай карда, ба рӯзгори муосир руҷӯъ мекунанд. Номшиноси фаронсавӣ Е. Бенвенист дар асараш «Унвон ва номҳои шахс

дар забонҳои қадимаи эронӣ» исмҳои хоси қадими эрониро таҳлилу таҷзия карда, пайвасти ногусатании онҳоро ба дунёи рангини номҳои муосири ин кишвар собит менамояд. Ономастики немис М. Майерхофер бошад номҳои дарҷшудаи китоби қадимаи зардуштии «Авесто»-ро таҳти таҳқиқ қарор дода, асаре бо номи «Таҳқиқоти этимологии номҳои ашхос дар Авесто» интишор намуд, ки дар он аз замонҳои қадим манша гирифтани як силсила номҳои муосири форсиро ба таври эътимодбахш ба исбот расонид. Умуман, асарҳои олимони Аврупо дар номшиносии қавму халқҳои гуногуни Шарқ саҳфаи тозае буда, гоми бузургу нотакроре хоҳанд буд дар ин роҳ.

Пӯшида нест, ки тоҷикон аз қавмҳои эронинажод буда, ба сокинони феълии сарзамини Эрон ва умуман тамоми форсизабонони дунё, таърих, маданият, урфу одат, расму русум ва забони муштарак доранд. Ҳамин қаринӣ дар номҳои сокинону манотиқи ҷуғрофӣ ва таърихӣ бештар эҳсос карда мешавад. Хусусан, дар гузаштаи дур аз лиҳози номгузориву номшиносӣ дар байни афроди форсигӯй тафовуте дида намешуд, ки маводи фаровони сарчашмаю маъхазҳои таърихӣ гувоҳи ин назар аст. Айни замон дар бахши номшиносии форсҳо (алҳол таҳти ин мазмун сокинони Эрони муосир дар назар дошта мешавад – Р.С.) ва тоҷикон (тоҷикони ҳудуди Афғонистон кунунӣ, ки бештар «даризабонҳо» мегӯянд, мавриди таваҷҷуҳ нестанд-Р.С.) баъзе тафовутҳо ба амал омадааст, ки он ҳам , ба назари мо, танҳо бо иллати муддатҳои тулонӣ баста будани сарҳадоти марзҳои ҷуғрофӣ ба вуқуъ пайвастааст, на бо сабаби сирфан алоҳида будани забонҳои қавмҳои форсизабон (алҳол иддае аз забоншиносони тоҷик ҳамин тавр иддао мекунанд). Номҳои форсӣ дар байни халқҳои форсизабон, ки дар таърих бо номҳои гуногун маълуманд, ба таври муштарак истифода бурда мешаванд. Бинобар ҳамин омӯзишу таҳқиқи бахшҳои мухталифи ономастикаи ин халқҳоро бидуни таҳлилу мутолиа ва истифодаи рисолаҳои дар ин риштаҳо интишор кардаи якдигарашон тасаввур кардан номумкин аст. Ҳамон тавре ки номшиносони тоҷик аснои пешбурди таҳқиқотҳо аз дастовардҳои илми ономастикаи Эрони муосир фоида мебаранд,

ономастҳои он кишвар низ ба комёбиҳои ин бахши забоншиносии мо ошноӣ доранд. Алҳол муҳаққиқе, ки дар бахши номшиносии классикӣ шуғл меварзад, бе таҳлилу таҷзияи фарҳангу рисолаҳои маълуму машҳури забоншиносони эронӣ «Ҳидоят-ул-аҳоб»-и Аббоси Кумӣ, «Номнома»-и Ҳусайни Нахъӣ, «Фарҳанги бузурги дуҷилдаи мусаввари форсӣ бо форсӣ»-Ҳасан Амид, «Фарҳанги номҳои эронӣ бо зикри маншаи таърихӣ ва маънии асомӣ» - и Аббоси Муҳаммад, «Фарҳанги номҳои Авесто»-и Розӣ Ҳошим, «Аз хишт то хишт»-и Катирои Маҳмуд, «Фарҳанги луғати Авесто»-и Пури Довуд, ҷилди шашуми «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммад Муин, «Нисбати истилоҳ ба ҳастӣ ва чистӣ мавзуи нимгузоршуда дар улум ва чигунагии он дар забони форсӣ»-и Понусӣ таҳқиқоти комилро наметавонад анҷом диҳад.

Чунон ки қайд кардем, ономастика ҳамчун илм ҷавон буда, айни замон босуръат дар ҳоли рушд аст. Вале ин муҳокима ҳамон вақте воқеъият пайдо мекунад, ки агар ономастика ҳамчун илми тому мустақил бо тамоми ҷузъу бахшҳояш ба сурати умум дар назар дошта шуда бошад. Дар акси ҳол, ҳангоми ба таври мушаххас омӯхтани баъзе аз ҷузъҳои ономастика истилоҳи «ҷавон»-ро барои қиматгузорӣ кардани мӯҳлати мавҷудияти он кор фармудан камоли нодонӣ мебуд, зеро дар ономастикаи Шарқ соҳаҳое мавҷуд аст, ки решаҳояш ба қаъри дуродури таърих рафта мерасанд. Аз ҷумла, ҷузъи антропонимика, ки дар гузашта бо номи умумии «Номшиносӣ» зикр карда мешуд, барои форсҳо-тоҷикон ҳанӯз аз даврҳои қадиму асрҳои миёна маълуму машҳур буд. Донишмандону мутафаккирон, аҳли дину тоҷирон аз як тараф, тавассути маводи маъхазҳои мӯътабари таърихию ҷуғрофӣ, аз тарафи дигар, дар асоси дидаву шунида ва мушоҳидаву мутолиаҳояшон сафарномаву насабномаҳо, тазкираю фарҳангҳо, рисолаҳои илмию адабӣ ва динӣ, ҳуҷҷату катибаҳои пурқимматро тартибу таҳия карда буданд, ки дар онҳо доир ба паҳлуҳои ҷудогонаи исмҳо (ба маънои васеи истилоҳ) ибрози назар карда, ба ин васила зербинои ин соҳаро гузошта буданд. Биноан, омӯзиши масоили номшиносиро дар халқҳои эронинажод, минҷумла тоҷикон метавон қабл аз ҳама, аз сарчашмаҳои хаттии

бостонии «Авесто», «Бундаҳишт», «Шаҳристони Эроншаҳр», «Катибаи Бесутун», «Фарҳанги Паҳлавик», навиштаҷоти кӯҳи Муғ, «Қабои Зардушт» оғоз намуд, зеро дар онҳо ашколу анвои қадимаи номҳои фаровони аҚвому қабоил ва халқҳои зиёди ин замонҳо интишор ёфтаанд, ки онҳо барои омӯзиши муқоисавию таҳқиқи этимологии номҳо, шарҳи сохту таркиб ва фонду репертуари номҳои мустаъмали ниёгонамон сарчашмаҳои мӯътамад мебошанд. Дар аксари кулли сарчашмаҳои асримиёнагии форсу тоҷик ва араб иттилооти антропонимӣ аз шарҳу тавзеҳоти ному лаҚаб, унвону куния, тахаллусу нисбаи шоирону носирон, файласуфону муррихон, аҳли уламо, шоҳон, пайғамбарон, халифаю имомҳо, аркони ҳарбу паҳлавонон ва умуман шахсони маъруфу машҳури замонҳои гузаштаю ҳамасрони муаллифон ва ҳамчунин баъзан номгузории халқҳои гуногун иборат аст, ки онҳо барои ҳалли чандин муаммои номшиносӣ ва ҳамчунин таърих, этнография,ҷуғрофия, адабиётшиносӣ, таърихи маданият ва ғайраҳо аҳаммияти калон доранд.

Аз ташреҳу тавзеҳоти ономастикии дар боло дарҷгардидаи забоншиносони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, олимони мамолики Аврупо ва ономастҳои мактаби ҷавони тоҷик дар назари аввал чунин бармеояд, ки гуё тамоми масоили ин бахши илми забоншиносӣ комилан ҳаллу фасл гардидааст. Дар асл ин тавр нест. Танҳо дар як худи ономастикаи тоҷик он қадар масоили ҳалталаб зиёд аст, ки фарогирии онҳо ҷаҳду талоши пайгиронаву вафодории сабуронаи илмии муҳаҚиқинро таҚозо мекунад. Аз ҷумла, таҳлилу таҳқиқ ва таҷзияву натиҷаи масоили ономастикаи классикони форсу тоҷик, ки то ба имрӯз аз мадди назари забоншиносони чи тоҷику чи рус нисбатан дур мондааст, зарурати воҚеӣ гардидааст. Албатта, доир ба баъзе паҳлуҳои ин мавзуъот чандҷониба каму беш таҳқиқотҳо сурат гирифтаанд. Масалан, профессор А.Л. Хромов дар маҚолаҳои пурарзишаш перомуни хусусиятҳои фарҚкунандаи топонимияи Осиёи Миёнаи асрҳои IX-XIII изҳори аҚида карда, барои таҚвияти хулосаҳои илмиаш сарчашмаҳои зиёди дар ин қарнҳо таълифшударо таҳлилу таҳқиқ кардааст. Таҳқиқотҳои С. Сулаймонов бошанд асосан ба офаридаҳои олиму мутафаккири асри XIII Ёқути

Ҳамавӣ бахшида шудаанд. С. Сулаймонов дар чанд мақолаи нашркардааш паҳлуҳои ономастикии навиштаҳои Ёқути Ҳамавиро таҳлил карда, ба таври боварибахш ӯро аввалин топонимисти асримиёнагии Шарқ номидааст, зеро ба ақидаи ӯ Ёқути Ҳамавӣ нахустин мутафаккири асри миёнаест, ки роҷеъ ба топонимика ду асари такмилёфтаи бебаҳо таълиф кардааст [128, 8-18].

В.Виноградов чунин қайд мекунад, ки «Таърихи забони адабӣ….одатан дар асоси забонҳои нависандагони бузург таҳия карда мешавад» [32, 6]. Бинобар ин, омӯзиши забони осори бадеии классикӣ аз моҳияти назариву амалӣ бархурдор буда, таҳқиқи амиқи он барои муайян кардани самтҳои инкишофу тағироти таърихи таркиби луғавии забони адабӣ ва грамматикаи он имконияти мусоидро фароҳам меоварад. Ҳамзамон ба ин, омӯзиши ҳамаҷонибаи осори ниёгон барои ташхиси омиқи меъёрҳои забони адабии муосир кӯмаки арзанда мерасонад, чунки дар асоси маълумотҳои аз таърихи забон пазируфта масоили муҳиму мубрами он, аз ҷумла, ҳолати мозӣ ва ҳозираи забонро бо ҳама ҷузъиёташ метавон дарк намуд.

Таърих гувоҳ аст, қавму халқиятҳои эронинажод ҳанӯз аз даврахои хеле қадим касбу ҳунар ва шуғлу пешаҳои зиёде дошта, тавассути онҳо рӯзгори худро ба пеш мебурданд. Машғулияти фаррохи сокинони сарзамини Аҷам ба номгузории манотиқи ҷуғрофӣ, воқидҳои маъмурӣ, кӯчаю растаҳои шаҳру рустоҳо бетаъсир намонд. Номи шуғлу пеша ва касбу ҳунарҳои ҷудогонаро соҳиб гаштани бозору корвонсаройҳо, кӯчаю растаҳои шаҳрҳои қадима натиҷаи рушду нумӯи амалҳои косибию тиҷорат дар он аҳд буд. Чунончи маҳаллаи Наълбандон, маҳаллаи Каҳфурушон (дар шаҳри Чин), бозори Заргарон, бозори Гандумфурӯшон (дар Мочин) ва корвонсарои Заргарон (дар шаҳри Муҳтариқот) намунаи мисолҳоеанд, ки манзури фавкро тасдиқ менамоянд. Ин топонимҳо дар заминаи луғатҳои аз касбу ҳунар ва шуғлу пешаи мардум пазируфташуда ба вуҷуд омаданд. Қобили ёдоварист, ки то ба имрӯз дар шаҳрҳои калони минтақаи Осиёи Миёна, кишварҳои Эрону Афғонистон ва як теъдоди мамолики қораи Осиё ин усули номгузорӣ идома дорад. Баробари пайдо шудани касбу ҳунарҳои нав топонимҳои марбути номи онҳо филфавр арзи вуҷуд менамоянд.

V. Топонимҳое, ки бо номҳои ҳаводиси табиӣ алоқаманданд. Дар асар бо номи ҳаводиси табиат мо танҳо ба як топоним: ҷазираи Тундбод мувоҷҷеҳ шудем. Сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ бо чунин ном ҷазираеро тасвир накардаанд. Эҳтимол, ин ҷазира аз радифи ҷазирае бошад, ки он замонҳо барои умум номаълум будааст ва ишораи «Ҳудуд-ул-олам» доир ба ҷазираҳои ноообод ин ҷазираро низ фаро гирифта

бошад: «Ва андарин дарё ҷазираҳои бисёр аст, валекин вайрон аст ва на маъруф ва хурд, аз баҳри он ёд накардем».

VI. Топонимҳое, ки дар асоси воҳидҳои маъмурӣ: шаҳру русто, қасру қалъа ва ғайра пайдо гаштаанд. Теъдоди топонимҳое, ки бо калимаҳои исмӣ ифода ёфтаанд, дар асар хеле зиёданд. Номҳои шаҳр, ҷазира, марғзор, қалъа, дара, боғ, кӯча, қаср ва ҳуҷраҳо, ки аз исмҳо таркиб ёфтаанд, аз лиҳози маъноӣ мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд. Бо назардошти хусусиятҳои хоси маъноии топонимҳои ин гурӯҳ мо тасмим гирифтем онҳоро ба чанд гурӯҳчаи алоҳида қисмат намоем:

а) Топонимҳое, ки номи шаҳрҳоро ифода менамоянд: шаҳри Далмун, шаҳри об, шаҳри Тирвард, шаҳри Симобия.

б) Топонимҳое, ки мансуб ба ҷазираҳоянд: ҷазираи Ақиқ («навъе аз сангҳои қиматбаҳо»), ҷазираи Заъфарон («номи гиёҳ»).

в) Топонимҳое, ки марбути номи марғзорҳоянд: марғзори Заъфарон, марғзори Паси Кӯҳ.

г) Топонимҳое, ки ба қасру қаълаҳо тааллуқ доранд: қалъаи Шаҳристон, қалъаи Фалакӣ, қалъаи Бандофарин, қалъаи Шоҳак, қалъаи Зарнигор, қасри Зарнигор, қасри Боғи Биҳишт.

д) Топонимҳое, ки дараҳои аҳолинишинро ифода мекунанд: дараи Суқ, дараи Чоҳ, дараи Сари Кӯҳ, дараи Сура дараи Сурон, дараи Гардун, Дарбанд, дараи Дулоб, Шоҳдара ва ғайраҳо.

Топоними дараи Суқ аз каломи арабӣ ҳосил гардида, тарҷумаи форсии чун «бозор»маълум аст ва шаке нест,ки пайдоиши номи дара дар маҷмуъ ба таври мустақим ё ғайри мустақим ба бозор робитаи зич доштааст. Топонимҳои дараи Чоҳ ва дараи Сари Кӯҳро аз лиҳози маъноӣ тафсир кардан душвор нест. Ҳар ду топоним марбути падидаҳои табиат буда, аз нигоҳи баромад маҳсули забони форсианд. Топонимии дараи Сура, ки дар асар чун яке аз маҳалоти амалиёти қаҳрамону персонажҳо тасвир шудааст, бевосита аз бофтаҳои худи муаллифи китоб мебошад. Пайдоиши топоними мазкур ба падидаҳои динӣ алоқаманд буда, ба назари мо, зарурати замони таълифгар маҳсуб мешавад. Зеро

дар авохири қарни XII-мелодӣ давраи рушди бемайлони дини ислом буд ва муаллиф минҳайси фарди замони худ аз талаботи давронаш чашм пӯшида наметавонист.

Дар асар истифода бурдани истилоҳоти хоси динӣ ба зудӣ дарк карда мешавад, чунки аз ибтидо то интиҳои мазмуни ривоят шаҳодати қабл аз ислом арзи вуҷуд кардани он аст ва истилоҳоти оини ислом ба мазмуни асосӣ ночаспон ба назар мерасид.

е) Топонимҳое, ки аз номи ҳуҷраҳои қасру қалъаҳо ба вуҷуд омадаанд. Ин номҳо дар асар чанд адад мебошанд. Чунончи, ҳуҷраҳои сарои шоҳи шаҳри Гирманд-Тӯтишоҳ тавассути персонаже ба ёд оварда шудааст, ки инҳо мебошанд: ҳуҷраи Пирӯзӣ, ҳуҷраи Шодӣ, ҳуҷраи Хос, ҳуҷраи Дӯст, ҳуҷраи Канизакон, ҳуҷраи Ходимон, ҳуҷраи Ғуломон, ҳуҷраи Шабкор, ҳуҷраи Обгинасо. Таҳқиқи луғавӣ-маъноии чунин топонимҳо қиммати илмӣ надорад ва баррасии онҳо низ кори саҳлу осон нест. Бинобар ин, мо аз пешбурди чунин тадқикот сарфи назар кардем.

ж) Топониме, ки аз номи беша ҳосил шудааст, дар забон танҳо як адад буда, он бешаи Нишон мебошад.

з) Топонимҳое, ки асоми маҳбасҳо асоси онҳо гаштаанд. Амсоли, зиндони Зулмот (ҳар ҷои сиёҳ ва торик),зиндони Маҷда (маҷда- «бузаргӣ», «ҷалолат», «шавкат»),зиндони Фаромӯшон («зудудан», «аз хотир баровардан»). Бо иллати он ки чунин топонимҳо ҷанбаи муваққатӣ дошта, танҳо падидаи замони худанд, ҳатто таҳқиқоти амиқи илмӣ дар замони мо роҷеъ ба маҳбасҳои чандин аср пештар вуҷуддошта чизе дода наметавонад.

к) Топонимҳое, ки аз номи қасрҳо пайдо гардидаанд. Чунин топонимҳоро муаллиф бо эҳсосоти хеле баланд тасвир кардааст. Масалан, қасри Зарнигорро тасвир карда, таълифгар бо самимияти хосае дар бораи ҳакокикориҳои тиллокорӣ, нақшу нигори бо зар оросташудаи он ҳарф мезанад.

VII. Топонимҳое, ки бо калимаҳои сифатӣ ифода ёфтаанд. Дар асар бархе аз номҳои ҷуғрофӣ бо калимаҳои мафҳуми сифатидошта ифода ёфтаанд. Аҳаммияти бо чунин калимаҳо сохтани топонимҳо дар он

зоҳир мешавад, ки тавассути онҳо мабҳаси таҳти тасвир қарордошта воқеӣ мебарояд. Маъмулан дар ин навъ топонимҳо тарзу тариқи сохташавӣ, шаклу намуд ва мақсаду ҳадафи бо чунин ном унвонгузорӣ кардани ин ё он мавзеъ пурра акс меёбад. Ба ин гурӯҳ топонимҳои дараи Акбар («бузургтар») дараи Бур («сурхранг») дари Кӯҳи Сиёҳ, Сиёҳдара, дараи Сурх, дараи Сиёҳ, дараи Бузург,дараи Кӯҳи Сурх, Сияҳчолқалъа, кӯчаи Сангин, ҳуҷраи Андӯҳгусор, ҳуҷраи Хуш, ҳуҷраи Ором, ҳуҷраи Сангин, ҳуҷраи Нишотангез ва ғайра дохил мешаванд. Таҳлили луғавӣ-маънои топонимҳои ин гурӯҳ бо сабаби роҷеъ ба онҳо набудани ахбороти қобили таваҷҷуҳ дар сарчашмаҳои ҷуғрофӣ хеле мушкил аст. Бидуни такя ба сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ дар бораи ин ё он топоними фавқ қазоват кардан амали нек нахоҳад буд.

VIII. Топонимҳое, ки асоси асотирӣ доранд.

Оташ, Паришаҳр (дар шакли шаҳри Парӣ низ истеъмол шудааст) ва шаҳри Сояи Қоф. Сокинони маҳалҳои номбурда гӯё деву париён буданд. Азбаски ин топонимҳо ҷанбаи асотирӣ доранд ва бинобар ин дар бораи мавҷудияти воқеии онҳо мулоҳиза рондан аз доираи мантиқ берун аст.

IX. Топонимҳое, ки аз лиҳози маъно номаҳфуманд. Бархе аз топонимҳо ро аз ҷиҳати маъно таъбиру тафсир кардан душвор, ҳатто имконнопазир аст, зеро луғату фарҳангҳо, маъхазу сарчашмаҳои қадимаю муосир роҷеъ ба онҳо чизе дарҷ накардаанд. Маълум аст, ки номҳои ҷуғрофӣ ҳам бо мурури замон тағйир ёфта соҳиби исмҳои нав мегарданд, ки чунин падидаи номатлуб шарҳу баёни номи қаблӣ ва нави онҳоро боз ҳам мушкилтар мегардонад (281,786). Ба ин гурӯҳ топонимҳо дараи Шарнос, дараи Шамур, дараи Тайғу, дараи Баҳлон, шаҳри Дониёл, шаҳри Теҳёр, Ҳарёнашаҳр, шаҳри Ҷаландар, шаҳри Германд, биёбони Ҷавзиҳон, биёбони Хурҷон, дараи Ғотуш, шаҳри Шатрон (Шатроншаҳр) ва ғайраҳо маҳсуб мешаванд. Ин топонимҳо эҳтимол аз радифи каломҳое бошанд, ки марбути қабати қадимаи луғавии ин ё он шеваю лаҳҷаи забонҳои қадима буда, бо рушду такомули забонҳо тағйирротҳои ҷиддиро сипарӣ кардаанд ва алҳол дар шакли ибтидоӣ

дарёфтану мустақар намудани онҳо ғаёри имкон аст. Ё худ ба забонҳои мурдаи эронӣ мансубият доштани онҳо аз воқеият дур нест, зеро зиёд иттифоқ меафтад, ки нишонаҳои забонҳои мурдаи эронӣ дар мавҷудияти

топонимҳо ба мушоҳида мерасанд.

Х. Топонимҳое, ки аз таркибу ҷузъҳои забонҳои қадимаи форсӣ сар задаанд. Як силсила топонимҳо дар таркиби худ ҷузъҳои қадимаи забонро ҷой додаанд, ки онҳо алҳол аз истеъмоли умум хориҷ гардида, ҳамчун тополексема танҳо дар топонимҳо боқӣ мондаанд. Ба ин гурӯҳ топонимҳои Дамованд, Гелон ва Ялмунро ворид кардан мумкин аст. Дар таркиби ин топонимҳо ҷузъҳои «дамо», «гел» ва «ял» ҷузъҳои асосӣ ҳисоб меёбанд. Ҷузъи «дам» дар таркиби топоними Дамованд ба мафҳуми имрӯзааш «лаҳза», «вақт», «замон», «нафас» мувофиқат намекунад.

Калимаи Дамованд дар луғатҳои пешин аз ҷумла «Бурҳони қотеъ» ба шакли Дунбованд ба назар мерасад. Забоншиносони эронӣ Муин ва Кисравӣ топоними зикршударо аз решаи «думо»(«думбол», «пушт») ва пасванди-ванд иборат медонанд, ки ба ақидаи мо, ҳақ бар ҷониби онҳост. «Ванд» ба маънии «ниҳодан», «воқеъ будан», «истодан» (шакли масдарии он «вандан») дар сохтани номҳои топонимӣ маълум аст.

Забонишиноси олмонӣ Вилям Айлерс калимаи Дамовандро ҳамчун ороним (номи кӯҳ дар сарзамини Эрон) мавриди таҳқиқ қарор дода, дар натиҷаи таҳлилу таҷзияи амиқи сарчашмаҳои зиёди қадима дар бораи аҳаммияти ду морфемаи калимаи мазкур хулосаи пурқимати илмӣ баровардааст.

Аз ҷумла, форманти vand-ро сермаҳсултарин ҷузъ дар топонимияи Эрон муайян кардааст. Дар натиҷаи таҳлили минбаъда В.Айлерс ба чунин хулоса омадааст: «Агар ҳатто тарзу тариқи тафсири ин топонимро, ки дар Эрон муқаррар гардидааст, дастгирӣ намоем, номи Дамованд дар шакли нисбатан қадимаи Dumbavand дар воқеъ қалимаи dunb-dum-ро дар таркиби худ ҷой додаст, ки маънои «дум»-ро дорад. Ҳамин тавр, Дамованд-ин «дум», «кӯҳ» ва чун dunbavand\t ё ба шакли китобии паҳлавӣ dumbavand, иронии қадима Dumbavand «кӯҳи думдор»

мебошад (323,247). Дар ҳамин мавзеъ дар асар номи дигари ҷуғрофӣ- Нуҳованд ҷой дода шудааст. Ин топоним аз решаи «нуҳо» (ба маънии «пеш») ва пасванди «ванд» таркиб ёфтааст. Аз муҳтавои ин ду топоним метавон ба хулосае омад, ки Дамованд чун маҳали ҷуғрофӣ дар дунбол ва пушт ҷойгир будаасту Нуҳованд ҳамчун минтақа дар қисмати пеш мавқеъ доштааст. Зеро калимаҳои «думо» ва «нуҳо» то ҳол дар забони гуфтугӯии дузфулӣ ва шуштарии Мозандарони Эрон ба маъниҳои «пас» ва «пеш» маъмуланд.

Дар хусуси таърихи баромади топонимҳои Дамованд ва Нуҳованд ақидаҳои олимони Эрон Кисравӣ ва Муин хилофи якдигаранд. Ба ақидаи Кисравӣ дар замони қадим шоҳроҳе ғарбро ба шарқ мепайвастааст, ки тули он аз Лудё то Бохтар идома меёфта, шоҳроҳи дигаре аз қисмати Шуш бо фарози Ҳирматон (Ҳамадон) ба шоҳроҳи Бохтар омезиш меёфтааст ва манотиқи Дамованду Нуҳованд дар саргаҳи ин шоҳроҳҳо воқеъ будаанд. Ин номҳоро гӯё корвониёни араб гузоштаанд.

Муин ба ин ақида мутлақо розӣ нест. Ба фикри ӯ гӯё қавме дар байни ду кӯҳ, дар шаҳри Мод мезистааст, ки кӯҳи пешорӯйи худро Нуҳованд аз кӯҳи пушти сарро Дамованд номгузорӣ кардааст. Ба ақидаи Муин ин калимаҳо хоси лаҳҷаҳои Мозандарон буда, ба арабҳо ҳеҷ гуна иртибот надоранд, зеро агар ин номҳоро корвониёни араб мегузоштанд, он гоҳ номи ин мавзеъҳо бо каломҳои лисони арабӣ инъикос мешуданд.

Қобили дарҷ аст, ки алҳол бо пасванди – ванд дар минтақаи Дарвози Ҷумҳурии Тоҷикистон деҳае бо номи Нулванд мавҷуд аст. Ин далел аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бо пасванди номбурда сохтани топонимҳо дар сарзамини Шарқ маъмул будааст.

Дар таркиби топоними Гелон ҷузъи «гел» асосӣ буда, маъноҳои «раият», «рустоӣ», «мардуми омӣ»-ро дорад. Ин калима дар забони паҳлавӣ бо шакли Gelan ба назар мерасад, ки ба мафҳуми «мамлакати гелҳо» мувофиқат мекунад.

Дар «Авесто» топоними Varena мавҷуд аст. Ин номро олимони шарқшинос шакли қадимаи Гелон мешуморанд. Муин ин даъворо бо

далелҳои қотеъ инкор мекунад, зеро аз –va,-vi-и забони порсии қадим баъдҳо шакли -ga, -gu пайдо шудааст. Чунончи: Виштосп=Гуштосп, Вироз-Гуроз, вистар=густар.

Дар сарчашмаҳои ҷуғрофӣ топоними Гелон бидуни тағйироти овози инъикос гардидааст, ҳатто ҳуҷуми арабҳо ба шакли зоҳирии ин калима дигаргуние ворид карда натавонист. Ҳол он ки таъсири забони арабӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти мардумони Эрону Осиёи Миёна ва хусусан, дар соҳаи топонимика возеҳу равшан эҳсос мешуд.

Бахусус, топонимҳое, ки дар онҳо овози «Г» мавҷуд буд, дар он замон филфавр шакли худро тағйир додаанд: Гургон=Ҷурҷон, Озарбойҷон ва ғайраҳо, зеро дар алифбои арабӣ овози «г»мавҷуд нест ва арабҳо дар талаффузи он душворӣ мекашиданд.

Дар ин «Ҳудуд-ул-олам» доир ба Гелон ва мавқеи ҷойгиршавии он чунин маълумот дода шудааст: «Гелон ноҳияест ҷудо, миёна Дайламон ва Ҷибол ва Озарбодгон ва дарёи Хазарон. Ва ин ноҳияест дар саҳро ниҳода миёни дарё ва кӯҳи Ҷибол бо обҳои равони бисёр.

Ва яке рудест азим Сапедруд хонанд, миёни Гелон бибурад ва ба дарёи Хазарон афтад. Ва ин Гелон ду гурӯҳанд, яке гурӯҳи миёни дарё ва ин руданд ва ишонро ин сӯирудӣ хонанд ва дигар гурӯҳ миёни руд ва кӯҳанд, ишонро аз он сӯирудӣ хонанд (318,90).

Ҳоло ҷузъи асосӣ («гел») аз истифода хориҷ шудааст, вале пасуванди – он дар сохтани шакли ҷамъи калимаҳои гуногун фаъолона ба кор бурда мешавад.

Топоними Ялмун аз ҷузъи «ял» (дар забони паҳлавӣ «далер», «шуҷоъ») ва топоформанти –мун сохта шудааст. Дар «Шоҳнома» низ «ял» маъноҳои «паҳлавон», «шуҷоъ», «далер»-ро ифода кардааст:

Навозиду молиду Зин барниҳод,

Бар ӯ барнишаст он яли некзод

(Фирдавсӣ)

Инчунин шакли «ялон» ҳам (ба маънии «паҳлавон) дар адабиёти классикӣ мушоҳида мешавад. Вале дар забон бо тоформанти – мун танҳо як топоним ба назар расид. Дар сарчашмаҳои ҷуғрофӣ, ки мо дар ихтиёр

доштем, ба шакли мавриди таваҷҷуҳ топоними дигаре дарёфт накардем. Бинобар хеле камёб буданаш метавон ҳадс зад, ки ин топоним аз бофтаҳои худи муаллиф аст.

Таҳлилу таҳқиқи луғавӣ-маънои топонимҳо нишон доданд, ки онҳо аз бисёр ҷиҳат ба муаллиф дар кори тартиби муназзами хати сюжетии ривоят кӯмаки зиёде расонидаанд. Аксари кулли топонимҳо аз лиҳози луғавӣ-маъноӣ ба мавқеъ интихоб карда шудаанд. Дуруст аст, ки дар мансубияти забонии топонимҳои аҳди қадим, ки чунин мавод аз он замон об хӯрдаанд, қазовати мушаххас кардан хатои маҳз аст. Аз лиҳози забонӣ онҳо то ҳаде ба якдигар омезиш ёфтаанд, ки ҳар топоним дар назари аввал марбути як забон, дар интиҳо метавонад моли забони дигаре бошад. Муайяну мушаххас кардани маънои саҳеҳи топонимҳо низ бо иллату мавҷудияти як идда монеаҳо мушкилоти зиёдеро ба бор меоварад. Хеле камёфт будани луғату фарҳангҳои дар гузашта таълифшуда, дастнорас будани сарчашмаҳои ҷуғрофию таърихӣ, набудани сирфан илмӣ дар иртиботи асарҳои насри ривоятӣ ва боз бисёр нуқсонҳои дигар аз қабили монеаҳоеянд, ки ба пешбурди муваффақонаи таҳқиқоти илмӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бо вуҷуди норасоиҳои зиёд, мо кӯшидаем, бархе аз топонимҳо ро аз нигоҳи луғавӣ-маъноӣ талилу таҳқиқ намоем ва умед дорем, гоми аввали мо дар ин ҷода барабас набошад.

Олимон ба доираи васеи мушкилот таваҷҷӯҳ доранд:

1) сохтори морфологии топонимҳо;

2) мушкилоти топонимия аз нигоҳи забоншиносии умумӣ;

3) саволҳои дорои хусусияти иҷтимоию лингвистӣ;

4) масъалаҳои таърихӣ ва забонӣ;

5) ҷанбаи прагматикӣ [70, 5].

Топонимия метавонад умумӣ ва мушаххас, диахронӣ ва синхронӣ бошад. Топонимикаи хусусӣ бо баррасии топонимҳои як забони алоҳида сарукор дорад. Топонимикаи умумӣ намунаҳои умумии ба номҳои маҳаллии системаҳои гуногуни забон хосро ошкор мекунад. Топонимҳои умумӣ ва хусусӣ ба ҳам наздиканд. Топонимияи диахронӣ рушди

топонимикаро дар давраҳои гуногуни таърихии забон ба назар мегирад. Топонимияи синхронӣ як бахши мушаххаси лингвистиро меомӯзад. Ҷанбаҳои диахроникӣ ва синхронӣ бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Ғайр аз он, бисёр падидаҳо танҳо вақте фаҳмо мешаванд, ки забоншинос ба таҳлили пайдоиши онҳо муроҷиат кунад [70, 4].

Хулосаи боби аввал

Хулоса, топоним дар ин таҳқиқот ҳамчун номи маҷмуи ҳама гуна ҷойю макон фаҳмида мешавад: аз минтақаҳои бузурги ҷуғрофӣ ва маъмурӣ-ҳудудӣ то мавзеъҳои хурди дохили шаҳру деҳот, номҳои вобаста ба ашёи табиӣ ва ашёе, ки одамон офаридаанд ва он дар номвожаҳои ин ё он мавзеи ҷуғрофии минтақа сабт шудааст. Топонимҳо қисми назарраси фонди луғавии ономастикиро ташкил медиҳанд.

Номвожаҳо, дар маҷмуъ ва махсусан топонимҳо, ҳам дар забон ва ҳам дар гуфтор истеъмоли фаровон дорад. Аз натиҷаҳои ин боби таҳқиқот чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқон асосан се сатҳи маънои топонимҳоро муайян кардааст:

1) маънои пеш аз топонимикӣ, (апеллиативӣ, этимологӣ). Маънои калимае, ки аз он топоним сохта шудааст (дар аксари ҳолатҳо ин маъно танҳо бо ёрии таҳлили махсуси этимологӣ муқаррар карда мешавад);

2) маънои дурусти топонимӣ (ҷуғрофӣ) вобаста ба фаъолияти топонимҳо дар нутқ; (он ба маънои якум ҳеҷ рабте надорад, зеро он дар як фазои дигар ҷойгир аст);

3) маънои отопонимикӣ (пасотопонимӣ) - тассуротҳое, ки шахс дар натиҷаи шиносоӣ бо номвожа пайдо мекунад.

Аз ин нуқтаи назари маъноӣ-семантикӣ, маънои топоним, пайванди байни топоним ва мафҳум якхела мебошад, ки тавассути як объекти ҷуғрофии инфиродӣ миёнаравӣ мекунад; аз нуқтаи назари функционалӣ ба топоним функсияи номинативӣ ва ба андозаи муайян ишоракунанда, инчунин функсияи ихтиёрии суроға-индикативии хос аст.

Топоним ҳуввияти миллии мардум, хусусиятҳои таърихӣ, ҳудудӣ, табиӣ ва ҷуғрофии шароити зиндагии он, инчунин фарҳангмардумро, ки

дар урфу одатҳо, анъанаҳо, фолклор забт шудааст, инъикос мекунад. Ин вазъ махсусан ҳангоми омӯзиши фарҳанги забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла ҳангоми омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муҳим аст. Номвожаҳо ҷузъи ҷудонашавандаи донишҳои забонӣ ва фарҳангии мардумони муайян мебошанд.

БОБИ II. ОМӮЗИШИ ҲАМБАСТАГИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ВА НОМВОЖАҲО

2.1. Мафҳуми воҳиди фразеологӣ

Алоқаи забонӣ зимни амаликунонии ду функсияҳои асосии он - ахборот ва таассурот – сабаби якҷоя амал кардани воҳидҳои озод ва алоқаманди забонӣ, ба монанди калима, ибора ва ҷумла шудаанд. Чи тавре ки маълум аст, дар ҳар як забон ягонагӣ ва муборизаи ду тамоюли асосӣ вуҷуд дорад: яке – ин эҷодиёти озоди истифодабарандагони забон, ки дар маҳсулнокии шакл ва сохти забонӣ ба вуҷуд омадааст, дигаре – ин таҷдиди шаклҳои мураккаби тайёр, алоқаманд ва мунтазам такроршаванда. Якумаш имконияти инкишоф додан ва эҷод кардани забонро фароҳам орад, дуюмаш саъю кӯшиши истифодабарандагони забонро, бо роҳи ҷамъ овардани «хазинаи ибораҳо», сарфа мекунад. Тамоюли якум бо ёрии шаклҳо ва ибораҳои озод вазифаи таассуротро иҷро мекунад, тамоюли дуюм вазифаи хабарро нишон медиҳад ва дар нутқ ба воситаи воҳидҳои мураккаб амалӣ мегардад [144, 241].

Муносибати пайвастаи система ва нормаро дар шаклҳои нормативии забон, яъне дар ин ё он шакли меъёрӣ ба тариқи боз ҳам равшантар зоҳир кардан мумкин аст. Дар забони мустаъмали ин ё он давр ва ё макони муайян ҳар як сатҳи забон, ҳар як воҳид, шакл ва категорияҳои он низ гунаҳо дошта метавонад [124, 84]. Масалан, забони адабии муосири мо зерсистемаҳо, яъне маҷмуи воҳидҳои аз ҳам фарққунанда ва қоидаҳои ҳамнишинии хоси онҳоро дорад, ки сатҳҳо ё қабатҳои мушаххаси системаи умумии забонро ташкил медиҳанд. Ба системаи сатҳҳо ё қабатҳои забон савтиёт (=фонемика), сарфиёт (морфемика), луғот (=лексемика), таъбирот (=фраземика) ва наҳвиёт (=синтактика) шомил ҳастанд [81, 38]. Дар илми забоншиносии тоҷик кайҳост, ки истилоҳи луғот ба маънои «маҷмуи калимаҳои дар забон буда» баробари истилоҳи луғатшиносӣ «илми вожашиносӣ, лексикология» ба кор бурда мешавад. Аз ин нуқтаи назар истифодаи ин истилоҳ дар ифодаи «сатҳи калимаҳои забон» низ хеле мувофиқ аст. Дар ҳамин радиф истилоҳоти савтиёт ба маънои «сатҳи овозҳо», таъбирот

«сатҳи воҳидҳои фразеологӣ», сарфиёт «сатҳи морфемаҳо», наҳвиёт «сатҳи воҳидҳои синтаксисӣ» истифода шуданд. Ҳар яке аз ин сатҳҳо бо маҷмуи воҳидҳо, сохторҳо, шаклҳо ва категорияҳояшон қабати мутаҳаррики ҷудогонаро ташкил дода, дар маҷмуъ ба таҳаррук оварандаи системаи азими забонамон табдил меёбанд. Мутобиқи назарияи системавияти мавриди амали дастгоҳи умумии системаи забон, яъне мавриде, ки шахси ҷудогона забонро истифода бурда, фикри худро ифода карданӣ мешавад, робитаи зинавии байни воҳидҳои он ба вуҷуд меояд: Аз фонемаҳо морфемаҳо, аз морфемаҳо лексемаҳо, аз лексемаву фраземаҳо, ибораву ҷумлаҳо ва матнҳои пурраи нутқ тавлид меёбанд. Ин ҳама лаҳзаҳои басо мураккаби гузариши воҳидҳои забон аз як зина ба дигаре дар ҳангоми нутқ чунон ба зудии зуд анҷом мепазирад, ки соҳибзабон аз мураккаб будану серзинагии ин дастгоҳи азамат пай ҳам намебарад [23, 444]. Сабаби ба осонӣ истеҳсолшавӣ ва гузариши ниҳоят босуръати воҳидҳои забон аз як зина ба зинаи дигар дар нутқи соҳибзабон ҳамин аст, ки вай ин ҳамаро аз хурдӣ – аз забони модар, муҳити атроф, мактаб, донишгоҳ, радиову телевизион ва матбуот омӯхта, дар тафаккури худ ҳазм кардааст. Ин ҳама барои ӯ ҳодисаи табиӣ, худӣ аст, на бегона, вале чунин амали босуръатро ӯ дар истифодаи забони хориҷӣ, ҳарчанд онро хуб донад ҳам анҷом дода наметавонад. Мавҷудияти аксент, яъне олудагии талаффузи худӣ бо бегона, дар забони хориҷии вай тасдиқи ҳамин гуфтаҳо буда метавонад.

Фразеологизмҳо, зарбулмасалу мақолҳо он табақаи ҳар як забонеро ифода мекунанд, ки дар он бевосита ҳикмати халқ ва натиҷаи тамоми таҷрибаҳои маданияти халқ ҷамъ оварда шудааст. Фразеологизмҳо аксарияти аз нутқи халқӣ асос мегиранд. Онҳо дар ниҳоди худ паҳлӯҳои гуногуни зиндагии одамонро инъикос мекунад. Аз қабили рафтори оқилона ё аҳмақона, муваффақият ё нокомӣ, муомила миёни одамон, таассурот ва эҳсосоти ҳаётии онҳо, таҳсин ва норозигӣ, муҳаббат ва душманӣ, низоъ ва оштӣ, рақобат, маккорӣ, маҳкумкунӣ, ҷазо ва ғайра. Маҷмуи маъноҳои моҳиятан гуногун дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ таркиби забонии фразеологиро таъсис медиҳад.

Воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ аксар бо шаҷараи инкишофёфтаи муодилҳо, муродифоти фаровон ва маъноҳои воқеии ба зиндагии мардуми тоҷик алоқаманди худ аз фразеологияи забонҳои дигар тафовут доранд ва як қабати луғати забонамонро ташкил медиҳанд. Фразеологизмҳои тоҷикӣ ҳамчунин бо интонатсия ва лаҳну оҳангҳои нотакрори тоҷикиашон, ифодаи рӯҳия ва эҳсосоти рангини миллӣ, инъикосгари воқеияти маҳз тоҷикӣ буданашон аз фразеологизмҳои ҳатто забонҳои русиву англисӣ ба куллӣ фарқ мекунанд.

Бо вуҷуди он ки доир ба ин масъала умуман дар забоншиносии ватанию хориҷӣ корҳои зиёде анҷом дода шуааст, то ҳол меъёрҳои ҷудо кардани фразеологизмҳо муайян карда нашудаанд. Воҳидҳои фразеологӣ аз ҷониби забоншиносон ба таври гуногун таъриф дода шудаанд. Масалан А. В. Кунин воҳидҳои фразеологиро ҳамчун «пайвастшавии устувори лексемаҳо бо маънои сарфаҳмравии пурра ё нопурра» таъриф кардааст [72, 160]. А. О. Иванов таърифи воҳиди фразеологиро ҳамчун ибора, ки дар он яклухтии семантикӣ дар болои сохти алоҳидагии элементҳои ӯро ташкилдиҳанда қавӣ аст, қабул кардааст. Ӯ яклухтии семантикии воҳиди фразеологиро таъкид карда, илова менамояд, ки «воҳидҳои фразеологӣ дорои маънои махсуси фразеологианд, ки натиҷаи дарки (пурра ё нопурраи) унсурҳои ба таркиби он дохилшаванда мебошад» [56, 167].

Фразеологизмҳо одатан дар шакли луғат гирдоварӣ карда мешаванд. Фарҳангҳои фразеологӣ сатҳу дараҷаи мафҳумҳои таъбироти забони адабии меъёриро инъикос мекунанд. Дар фарҳангҳои тафсирии фразеологӣ шакли умумиятдодашудаи фразеологизмҳо ва вариантҳои мухталифи онҳо бо тамоми маъною тобишҳои иловагии маъноиашон оварда мешаванд. Дар мавриди шарҳи мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ овардани мисол аз адабиёти бадеӣ ҳатмист, зеро маҳз дар дохили матни муайян ҳар як ҷилваю ҷилои маъноҳои он равшан зоҳир шуда метавонад. Ба ҷуз фарҳангҳои тафсирӣ мавқеи фразеологизмҳоро боз луғатҳои синонимӣ, вариантҳо, луғатҳои этимологӣ, шевагӣ ва

монанди инҳо, ки дар онҳо паҳлуҳои мухталифи фразеологизмҳо шарҳ дода мешаванд, тасвир меёбанд. Мавриди зикр аст, ки дар мо то ҳол ягон навъе аз ин фарҳангҳои фразеологӣ таҳия нашудааст.

Мавзуъҳои боби морфологияро низ дар шакли луғатҳои ҷудогона гирд овардан мумкин аст. Ба гурӯҳи чунин луғатҳо луғати қолабҳои воҳидҳои наҳвӣ, аз қабили, луғати қолабҳои ҷумлаҳо, ибораҳо ва таркибҳои тоҷикӣ; луғати ҳамнишиниҳои воҳидҳои забон, луғати басомади қолабу сохторҳои наҳвӣ ва амсоли инҳо шомил дохил мешаванд. Дар забоншиносии тоҷик то ҳол чунин луғатҳои ниҳоят муфид сохта нашудаанд.

Масалан, ифодаҳои навъи қуттии аттор «ҷое, ки дар он ҳама чиз аст», пули пуччак «ҳар чизи беарзиш», нӯги остин «ҳар чизи кам», кундаи ҷувоз «одами бисёр ғафси бадҳайбат», нархи сабзию пиёзро напурсида «нафаҳмида, надониста», бо диди нохоҳам «бидуни хоҳиш» ва бисёр дигарҳо бо ифодаи на фақат маъноҳои мафҳумиашон ҳамчунин бо ҷилваҳои эҳсосотиву оҳангу тобишҳои ранг ба ранги баҳодиҳиашон махсуси забони тоҷикӣ мебошанд.

Дар луғати энсиклопедии забоншиносӣ тавзеҳи воҳидҳои фразеологӣ ин тавр аст: «ибораҳои мустаҳкаме, ки бо доимии таркиби лексикӣ ва семантикаи мураккаб тавсиф ёфтаанд» [192, 543]. Маънои воҳиди фразеологӣ ба элементҳо, ки ба элементҳои шакли берунии ӯ мувофиқат мекунанд, тақсим намешавад ва одатан аз ҷамъи маънои элементҳои алоҳидаи воҳиди фразеологӣ сарчашма намегирад. Фаҳмиши ҳаммаънои чунин воҳидҳои фразеологӣ ва шарҳи маънии онҳо бе таҳлили амиқи матн, ки вазъиятро муайян мекунад, имконнопазир аст, пеш аз ҳама донистани хусусиятҳои семантикӣ ва аломатҳои ин воҳидҳо, ки дар онҳо ба таври гуногун якҷоя шудаанд [192, 543].

Маънои воҳиди фразеологӣ ҳамчун унсури мустақили семантикӣ фаҳмида мешавад, ки дар қатори маънои калима элементи системаи забон мебошад [33, 93].

Ба ақидаи бисёре аз таҳқиқотчиён хусусияти асосии фразеологизмҳо – ин номувофиқатии нақшаи мундарича ба нақшаи

ибора, ки хусусияти воҳиди фразеологиро муайян мекунад ва маънои онро амиқтару фасеҳтар мегардонад, мебошад. Ин имкониятҳо дар табиати худи фразеологизм –микроконтексти сарбаста, ки дар он на танҳо робитаи шаклӣ байни нақшаи ибора ва нақшаи мундариҷа, балки ба таври ассотсиатсивӣ-семантикӣ амалӣ мегардад, асос ёфтаанд [8: 28]. Сохтори дохилии фразеологизм –монанд ба мундариҷаи лексикӣ-семантикии ибораи озод мебошад, ки дар асоси мафҳуми маҷозии он фразеологизм ба вуҷуд омадааст. Ин ҳамон образи аввала аст, ки бар он истеъмоли алоҳидаву озоди калима имконияти оҳиста-оҳиста чун воҳиди фразеологии дорои маънои устувор шуданро дод [32, 184].

Воҳидҳои фразеологӣ аз пайвастшавии озоди калимаҳо фарқ доранд. Пайвастшавии озоди калимаҳо аз рӯйи қоидаҳои грамматикии забон ҳангоми алоқаи забонӣ бо супориши ҳар як вазъияти нутқи додашуда барои ифода кардани фикри муайян сохта мешаванд. Мафҳуми умумии пайвастшавии озод аз маънои ҳар як калимаи ташкилкунандаи он эҷод мешавад. Ҳамин тариқ, пайвастшавии озод ибораи синтаксисиро ба вуҷуд меоранд. Аммо дар пайвастшавии ғайриозод ҳар як қисмат мустақилии семантикии худро аз даст дода, бо дигар калимаҳо як пайвастшавии мустаҳками устуворро ташкил медиҳад. Устувории ибора бо он қиёс карда мешавад, ки вай аз калимаҳои муайян иборат бошад ҳам, иваз кардани яке аз қисмҳои он бо дигаре номумкин аст, зеро маънои он аз байн меравад.

Пайванд шудани воҳидҳои фразеологӣ ба он рухсат медиҳад, ки ҷузъҳои онҳо ба ҳодисаи калимасозӣ дучор шаванд хусусан тавассути афиксҳо. Ҳамин тавр, аз воҳиди фразеологии brain-trust бо илова кардани пасванди– er воҳиди brain-truster, аз single-rhyme,- single-rhymer ташкил карда мешавад. Ба ин тариқ, воҳиди фразеологӣ монанди калимаҳои функционалӣ ва семантикӣ аст, ҳарчанд ки расман ибора мебошад.

Бар хилофи ибораҳои озод, ки бевосита дар протсесси нутқ сохта мешаванд, фразеологизмҳо дар шакли калима, ибора ва ҷумлаҳои тайёр истифода мешаванд. Дар он шакле ки онҳо дар забон мустаҳкам

шудаанд, ба он намуде, ки хотири онҳоро нигоҳ медорад. Барои бисёре аз воҳидҳои фразеологӣ тартиби устувору рехтаи калимаҳо хос аст.

Ибораи устувор аз ҷониби сухангӯ дар вақти гап задан сохта намешавад, аммо дар шакли муқарраршуда ва бо маънои муайян дар нутқ айнан такрор мешавад. Дар чунин яклухтии семантикӣ қисматҳои ибораи устувор аъзоҳои мустақили ҷумла нестанд, аммо тамоми пайвастшавии устуворро умуман як аъзои ҷумла ташкил медиҳад. Ба ҷуз зарбулмасалҳо, ки аз рӯйи сохташон метавонанд ба ҷумлаи пурра баробар бошанд.

Дар мавриди таъини меъёрҳои воҳидҳои фразеологӣ ба назар гирифтани лаҳзаҳое, ки қабати мавриди истеъмолро аз захираи умумии он ҷудо карда метавонанд, зарур аст:

1) Ба ҳисоб гирифтани силсилаҳои муродифоти фразеологӣ ва ҷудо кардани фразеологизми серсилсила ба сифати воситаи ифодакунандаи маънои умумӣ ва оҳанги эҳсосотии мутавассит. Чунончи, воҳиди фразеологии сари баланд ба маънои «обрӯ, эътибор» дар радифи таъбироти рӯйи сурх, дили соф, нияти холис, назари гарм ҳамин гуна мавқеъ дорад.

2) Дар назар доштани занҷирҳои гунаҳои фразеологӣ ва сарҳалқаи онҳо ҳамчун воҳиди фразеологии умумиистеъмол ва муътадилоҳанг. Чунин муносибатро дар байни сарҳалқаи фразеологизмҳо нури дида ва гунаи он нури чашм ёки ороми ҷон ва гунаи он офати ҷон мушоҳида кардан мумкин аст.

3) Ба эътибор гирифтани доираи ҳамнишиниҳои лексикиву фразеологӣ ва ба ин восита муқаррар намудани воҳиди фразеологии серҳамнишин, ки ба ҷумлаи воҳидҳои мустаъмали забони адабӣ шомил мешавад. Мисоли равшани он таъбири балои ногаҳонӣ бо маънои «ҳодисаи даҳшатангез» буда метавонад, ки бо таъбироту калимаҳои навъи қазои осмонӣ, дарди сар, садама, хатар, офат ва боз дигарҳо муносибати ҳаммаъноӣ дорад.

Дар мавриди муйян кардани меъёрҳои сатҳи наҳвиёт ба омилҳои зерин диққат додан лозим мешавад:

1) Риояи қолаби сохторҳои наҳвии дар тули асрҳо санҷидашудаи таркибҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои тоҷикӣ. Сарфи назар кардан аз қолабҳои наҳвии забонҳои дигар, ки бо табиати дастурии забони мо созгор нест.

2) Истеъмоли мунтахаби қолабҳои наҳвии таркибҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои аслии тоҷикӣ, нисбат ба он ки на ҳамаи онҳо дар забони адабии муосири тоҷик мустаъмаланд. Масалан, аз ҳама навъҳои алоқаи муайяншаванда бо муайянкунанда дар ибораҳои забони адабии муосири тоҷик фақат навъҳои зерин мавриди истеъмол қарор мегиранд:

а) алоқаи изофӣ: ватани зебо.

Мисол: Тоҷ. ***Ванҷи*** *ману ганҷи ман* // ***Ванҷи*** *пурганҷ* [Халқӣ]

Анг. *hell and halt of* ***Georgia*** [77, 81]

б) алоқаи ҳамроҳӣ: зебо ватан.

Мисол: Тоҷ. ***Файзобод****а шамолош* [Халқӣ]

Анг. *Selling the* ***Brooklyn Bridge*** – фиреб кардан [77, 75]

в) алоқаи пешоянд ва пасояндӣ: мисли гули сурх, гул барин сурх.

Тоҷ. *Чити* ***Хитой*** *барин ҷиррос занондан*

Анг. *Fighting like* ***Kilkenn****y cats* – муборидаи беамон бурдан [77, 51]

г) алоқаи изофию пешояндӣ: умри дар пеш дар истифодаанд.

Тоҷ. *Сарфаи сари чагдон – савдогари* ***Ҳиндустон***

Анг. *Neither in* ***Cheshire*** *nor in* ***Chawbent*** – на ину на он [77, 53]

Ба воҳидҳои фразеологӣ устувории шакли грамматикии қисматҳои онҳо хос аст: ҳар як аъзои пайвастшавандаи фразеологизмҳо дар шакли муқарраршудаи грамматикие, ки онро худсарона иваз кардан мумкин нест, таҷдид мешавад.

И.В.Арнолд «устувории забонӣ, яклухтии семантикӣ ва алоҳида тартиб додашавиро» аломати умумии воҳидҳои фразеологӣ ҳисоб мекунад [10, 160].

Фразеологизмҳо бо тақозои гуногуншаклии таркибӣ ва семантикии худ олимонро ба ақидаҳое овардааст, ки миёни он ақидаҳо хилофи маънӣ эҳсос мешавад. Ҳатто дар бораи он ки ба гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ чиро дохил кардан мумкин аст, ақидаи муайян нест. Масалан, А. В. Кунин ба қатори меъёрҳои мақбули умум, ба монанди

ягонагии семантикӣ ва устуворӣ, боз меъёри калимаҳои алоҳида тартибдодашударо қайд мекунад [72, 11]. Зери маънои алоҳида тартибдодашуда хусусияти сохти ягонагии синтаксисӣ, ки аз воҳидҳои ташкилкунандаи он, калимаҳои алоҳида, яъне қисматҳои грамматикӣ тартибдодашуда иборат мебошанд, фаҳмида мешавад. Дар ҳамин асос ба қатори воҳидҳои фразеологӣ пайвастшавии калимаҳоеро, ки калимаи аввалаш дар падежи соҳибӣ меояд, дохил намекунанд. Мисол: *mare's nest, dog's life, husband's tea* ва ғайра [56, 167].

Фразеологизмҳо,аз ҷиҳати муносибаташон ба услубҳои функционалӣ гуногуншакл мебошанд. Бисёре аз онҳо гуфтугӯӣ, баъзеашон ҳатто дурушт, қисми дигарашон, баръакс, дар услуби китобӣ истифода бурда мешаванд.

2.2 Таснифоти воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Аз ҷониби олимон то ҳол меъёрҳои ягонаи гурӯҳбандии воҳидҳои фразеологӣ баррасӣ карда нашудаанд. Ҳоло дида баромадани якчанд навъи гурӯҳбандӣ воҳидҳои фразеологӣ, ки аз ҷониби муаллифони гуногун пешниҳод шудаанд, ҷолиби диққат аст. Азбаски воҳиди фразеологӣ як унсури мураккаб, бо хусусиятҳои гуногуншакли онро таърифкунанда мебошад, эҳтимол аз нуқтаи назари гуногун дида баромада шавад. Барои ҳамин аҷаб нест, ки гурӯҳбандиҳои зиёде, ки аз ҷониби олимон дар асоси принсипҳои гуногун коркард шудаанд, вуҷуд доранд.

Дар таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ муайян кардани ҷиҳати семантикии онҳо бисёр муҳим мебошад. Гурӯҳбандии В. В. Виноградов дар дараҷаи наздикии семантикӣ байни қисматҳои воҳидҳои фразеологӣ сохта мешавад. Классификатсияи воҳидҳои фразеологии забони русиро, ки аз тарафи академик В. В. Виноградов пешниҳод шудааст, дар таснифоти фразеологизмҳои забони англисӣ низ истифода бурдан мумкин аст. Мувофиқи ин классификатсия, ҳамаи воҳидҳои фразеологӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: а) якҷояшавии фразеологӣ, б) ягонагии

фразеологӣ, в) пайвандшавии фразеологӣ. Ҳар як гурӯҳро ба таври алоҳида дида мебароем.

Зери мафҳуми “якҷояшавии фразеологӣ” В. В. Виноградов якҷояшавии устувори бо маънои қисман аз нав фаҳмидашударо дар назар дорад, ки дар онҳо ҳар як қисмат дар ҳар гуна мавриди нутқ мустақилияти семантикиро нигоҳ медорад. Ба ин гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ аз забони англисӣ воҳидҳои зерин дохил мешаванд: *to be at one's wits' end, to be good at something, to be a good hand at something, to have a bite, to come off a poor second, to come to a sticky end* (coll.), *to look a sight* (coll.), *to take something for granted, to stick to one's word, to stick at nothing, gospel truth, bosom friends*. Якҷояшавии фразеологӣ дар корҳои дигар таҳқиқотчиён боз «расмӣ», «фразеолоид», «якҷояшавии устувор бо номинатсияи муайян», «шакли таҳлилии намуди феъли англисӣ» ва «якҷояшавии устувор» номида шудаанд [62, 3].

Ягонагии фразеологӣ. Инҳо ибораҳои устувори бо маънои пурра аз нав фаҳмида шуда мебошанд. Калимаҳои алоҳидаи ба таркиби он дохил шуда аз ҷиҳати семантикӣ номустақиланд ва маънои ҳар як қисмат ба ягонагии маънои умумии тамоми ибораҳои фразеологӣ дар умум тобеъ мебошад. Зеро метафора, ки дар асоси он воҳиди дода шуда сохта шудааст, хеле шаффоф аст. Ба чунин воҳидҳои фразеологӣ дохил мешаванд: *to stick to one's guns* (~ to be true to one's views or convictions); *to sit on the fence (~ in* discussion, politics, etc. refrain from committing oneself to either side); *to lose one's head (~* to be at a loss what to do; to be out of one's mind); *to lose one's heart to smb.*(~ to fall in love); *to lock the stable door after the horse is stolen* (~ to take precautions too late, when the mischief is done) вағайра.

Пайвандшавии фразеологӣ. - Инҳо ибораҳои устувори аз ҷиҳати семантикӣ тақсимнашаванда мебошанд. Бар хилофи ягонагии фразеологӣ онҳо комилан далелнок мебошанд. Яъне, маънои умумӣ аз маънои калимаҳои алоҳида, ки ба таркиби ин пайвандшавии фразеологӣ дохил мешаванд, берун карда намешавад. Мустақилияти семантики калима-қисматҳо пурра гум шудааст ва метафора, ки дар он дигаргунии

маъно асос меёбад, аллакай шаффофияти худро аз даст додааст. Мисол: *to come a cropper* (to come to disaster); *neck and crop* (entirely, altogether, thoroughly, as in: *He was thrown out neck and crop. She severed all relations with them neck and crop.); at sixes and sevens* (in confusion or in disagreement); *to set one's cap at smb.* (to try and attract a man; spoken about girls and women); *to leave smb. in the lurch* (to abandon a friend when he is in trouble); *to show the white feather* (to betray one's cowardice); *to dance attendance on smb.* (to try and please or attract smb.; to show exaggerated attention to smb.).

Лекин ин гурӯҳбандӣ тавсифи таркиби воҳидҳои фразеологиро ба ҳисоб намегирад. Ба замми ин, сарҳади байни ягонагӣ ва пайвандшавии фразеологӣ хеле рахна шудааст, чунки ҳамон як воҳид метавонад ба назари як шахс далелнок намояд ва ба назари дигар бедалел. Принсипи таркибии гурӯҳбандии воҳидҳои фразеологӣ ба ҳамон функсияҳое, ки калимаҳо иҷро мекунанд, асос ёфтааст.

Аз нигоҳи синтаксиси онҳо миёни комбинатсияҳои устувор ҷудо шуда меистанд. Он комбинатсияҳо инҳоанд:

1. Забонӣ (феълӣ, яъне вазифаи феълро иҷро мекунанд): *to run for one's (dear) life, to get (win) theupper hand, to talk through one's hat, to make a song and dance about something.*

Тоҷ. *Ду линга аз* ***Учқурғон*** *овардан* [180, 159]

Анг. *To go for a* ***Burton*** – пай ҳасту Ҳайдар нест

2. Субстантивӣ (вазифаи исмро иҷро мекунанд):): *dog's life, cat-and-dog life, calf love, white lie, tall order, birds of a feather, birds of passage, red tape, brown study.*

Тоҷ. *Тухми аз* ***Бағдод*** *омадагӣ* – чизи нодир = *тухми анқо*

Аз ҳамин мӯмиё чӣ ки ба амакат намедиҳӣ, *тухми аз Бағдод омадагимӣ?* [184, 297]

Анг. ***Dead Sea*** *fruit* – таҳт. Меваи **Баҳри Мурда** (чизе, ки дар назари аввал зебо менамояд, аммо дар асл бад аст) [77, 76]

Сараш дар ***Қӯқанд*** *думаш дар* ***Хуҷанд***

Вай маро аз дӯстони маҳрами худ дониста, дар байни сӯҳбатҳои *сараш дар **Қӯқанду** думаш дар **Хуҷанди*** худ баъзан аз ишқу муҳаббаташ, ба кадом духтар дил бой доданаш, кадом духтар мӯрчамиёну кадом духтар офати ҷон буданаш ҳам гап зада мемонд [201, 81].

3. Адъективӣ (вазифаи сифатро иҷро мекунанд): *high and mighty, spick and span, brand new, safe and sound*. Дар ин гурӯҳ воҳидҳои фразеологии муқоисавӣ ниҳоят фасеҳ мебошанд: (as) *cool as a cucumber, (as) nervous as a cat, (as) weak as a kitten, (as) good as gold* (usually spoken about children), (as) *pretty as a picture, as large as life, (as) slippery as an eel, (as) thick as thieves, (as) drunk as an owl (sl.), (as) mad as a hatter/a hare in March.*

Тоҷ. *Себи **Самарқанд** барин* – ягон чизи зебо [Халқӣ]

Анг. *Like **Byzantine** politics* – сиёсати Византия барин, яъне як масъалаи мураккаб ва норавшан [77, 31].

4. Адвербиалӣ (вазифаи зарфро иҷро мекунанд): *high and low* (as in *They searched for him high and low), by hook or by crook, for love or money, in cold, in the dead of night, between the devil and the deep sea*, *to the bitter end, by a long chalk.*

Тоҷ. *Хар рафтай **Маккаву Мадина**, омадай харри пешина* [Халқӣ]

Анг. *Live in the **Bermudas*** – таҳт. Дар Бермуда зиндагӣ кардан, яъне дар танҳоӣ зиндагӣ кардан [77, 32].

5. Нидоӣ (вазифаи нидоро иҷромекунанд): *Oh my God/ By Jove! By George! Goodness gracious! Good Heavens!*

Тоҷ. *Худоё ба **Қундуз** барандат!* – дуои бад кардан [Халқӣ]

Анг. *Go to **Bath**! – Ҷин занад! Очаша об барад!* [77, 52]

Системаи муосири классификатсияи воҳидҳои фразеологӣ, ки аз ҷониби А. В. Кунин пешниҳод шудааст, ба принсипи таркибӣ-семантикӣ асос ёфтааст, инчунин устувории воҳидҳои фразеологиро низ ба назар мегирад.

Воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба функсияҳои алоқавии худ, ки бо тавсифи таркибӣ-семантикии худ муайян мегарданд, аз ҷониби А. В. Кунин ба чор гурӯҳ тақсим карда шудаанд:

1) Воҳидҳои фразеологии номинативӣ бо комбинатсияҳое, ки воҳидҳои фразеологии субстантивӣ, адъективӣ, адвербиалӣ вапешояндорро дарбар мегиранд.

2) Воҳидҳои фразеологии номинативӣ-алоқавӣ, ки комбинатсияҳои намуди *to break theice — the ice is broken*–ро дарбар мегиранд, яъне комбинатсияҳои феълӣ, ки ба ҷумлаи бо феъли тарзи мафъул табдил дода шудаанд.

3) Воҳидҳои фразеологии нидоӣ ва модалии хусусияти нидоӣ надошта. Онҳо пайвастшавии калимаҳои нидоиро дар бар мегиранд.

4) Воҳидҳои фразеологии алоқавӣ, ки бо зарбулмасалу мақол пешниҳод шудаанд.

Ин чаҳор синф, дар навбати худ, аз рӯйи намуди таркиби воҳидҳои фразеологӣ боз ба зергурӯҳҳо тақсим мешаванд [71, 26-27].

Гурӯҳбандии асосии воҳидҳои фразеологӣ, ки дар кори мо истифода шудааст, ин классификатсияи А. И. Смирнитский [122, 24] мебошад, ки дар он воҳидҳои фразеологӣ ва идиомаҳо аз ҳам фарқ кунонида шудаанд. Воҳидҳои фразеологӣ – ин ибораҳои бетарафи услубӣ мебошанд, ки онҳо хусусияти маҷозӣ буданро аз даст додаанд ё гум кардаанд. Идиомаҳо дар қӯчонидани маъно дар метафора, ки аз ҷониби гӯянда фаҳмо дарк карда мешавад, асос ёфтаанд. Хислати хоси онҳо – маънои тозаи услубӣ, дуршавӣ аз услуби бесобиқаи оддӣ мебошад.

Аз ҷиҳати таркиб вобаста ба адади калимаҳои мустақилмаъно Смирнитский фразеологизмҳоро ба яккуллагӣ, дуқуллагӣ ва бисёрқуллагӣ тақсим мекунад. Масалан, фразеологизми яккуллагӣ – ин пайвастшавии калимаҳои номустақилмаъно ё як калимаи мустақилмаъно мебошад [122, 24].

А. И. Смирницкий таснифоти дигари воҳидҳои фразеологии забони англисиро пешниҳод мекунад:

1. Воҳидҳои фразеологии феълӣ-адвербалии яккуллагӣ бо мувофиқати марказҳои семантикӣ ва грамматикӣ дар қисмати якуми

ибора, ки ба сифати эквиваленти феълҳо баромад мекунанд. Мисол: to give up, to make out, to look for etc.;

2. Воҳидҳои фразеологии яккуллагии намуди to be tired of бо маркази семантикӣ дар қисмати дуюм ва маркази грамматикӣ дар қисмати якуми ибора, ки инчунин ба сифати эквиваленти феълҳо баромад мекунанд;

3.Воҳидҳои фразеологии яккуллагии пешояндӣ-шахсӣ бо маркази семантикӣ дар қисмати шахсии ибора ва бо вуҷуд надоштани маркази грамматикӣ. Онҳо метавонанд ё ба сифати эквиваленти зарф (by heart, in time), ё басифати эквиваленти ҷумлаҳои пайвасткунанда (in order to, by means of) баромад кунанд;

Ба воҳидҳои фразеологии дуқуллагии забони англисӣ дохил мешаванд:

4. Воҳидҳои фразеологии муайянкунандагӣ-исмӣ, ки таркиби «сифат + исм» - ро доранд ва эквиваленти исмро ифода мекунанд. Мисол: black art, first night, common sense, best man, red tape, blue blood etc. Чунин намуди воҳидҳо фразеологи-зуд натанҳо дар забони англисӣ вомехӯранд. Ин ибораҳо аз ҷониби А. И. Смирнитский ҳамчун зершакли адъективӣ – субстантивии воҳидҳои фразеологии дуқуллагаи муайянкунандагӣ-исмӣ шарҳ дода мешаванд. Инчунин зершакли воҳидҳои фразеологии субстантивӣ-субстантивӣ вуҷуд дорад. Мисол: son-in-law, man-of-war etc [122, 214];

5. Воҳидҳои фразеологии феълӣ-субстантивии дуқуллагӣ, ки ба сифати эквиваленти феълҳо баромад мекунанд. Мисол: to take the floor, to go to bed;

6. Такрорҳои фразеологӣ, ки басифати эквиваленти зарфҳо баромад мекунанд. Мисол: now or never, with might and main; betwixt and between etc.;

7. Воҳидҳои фразеологии адвербалии бисёрқуллагӣ. Мисол: every other day, every now and then etc. [122, 217].

Барои аксари намудҳои таснифшуда дар забонҳои муқоисашавандаи тоҷикӣ ва англисӣ воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъи топонимӣ ҳамчун мисол овардан мумкин аст.

*Сар ба кӯҳи **Муғул** афтидан.*

Хайр сад сумата гум кардӣ, садқаи сар. *Ба сарат кӯҳи Муғул афтид,* ки инқадар хафа мешавӣ? [184, 272]

Чи тавре ки Г. Б. Антрушина, О. В. Афанасева ва Н. Н. Морозова қайд мекунанд, принсипи анъанавӣ ва аз ҳама кӯҳнаи классификатсияи воҳидҳои фразеологӣ, ки дар асоси он классификатсияи воҳидҳои фразеологӣ аз рӯйи пайдоишашон сохта мешаванд, ин «мавзуӣ» ва «этимологӣ» мебошанд [9, 242]. Онҳо аз рӯйи манбаъи пайдоишашон, муҳити фаъолияти инсонӣ, табиат, ҳодисаҳои табиӣ ва ғайра тасниф мешаванд. Принсипи мавзуии классификатсияи воҳидҳои фразеологӣ фақат пайдоиш ва маънои воҳидҳои фразеологиро дида баромада ба тавсифҳои забонии он аҳаммият намедиҳад.

Гурӯҳи мавзуӣ якҷояшавии калимаҳо ва ибораҳоро, ки маънояшон бо ҳамон як порчаи воқеият алоқамандӣ дорад, ифода мекунад.

2.3. Хусусиятҳои морфологии воҳидҳои фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.

А. В. Кунин ишора мекунад, ки мавҷуд будани калима дар таркиби воҳиди фразеологӣ ба сифати лексема, нисбат ба мавҷуд будани ҳамон калима бо маънои мустақили забонӣ берун аз воҳиди фразеологӣ бо як қатор хусусиятҳо фарқ мекунад. Миқдори шаклҳои ба қисматҳои воҳидҳои фразеологӣ хос аз миқдори шаклҳое, ки берун аз ҳудуди воҳидҳои фразеологӣ дар таркибашон ҳамин калимаҳоро доранд, каманд [71, 396]. Хислати хоси воҳидҳои фразеологии феъли англисӣ – ин шакливазкунии қисматҳои феълӣ дар ибораҳои бо сохти пайвасткунанда мебошад. Пайвастшавии шаклҳое, ки дар онҳо феъл дар таркиби дигар воҳидҳои фразеологии феълӣ истифода бурда мешавад, метавонад дигар бошад, аммо миқдори шаклҳо ҳамавақт маҳдуд аст.

Дар баъзе воҳидҳои фразеологии феълӣ феъл фақат дар тарзи мафъул истифода бурда мешавад:

be gathered to one's fathers (библ.) – мурдан, вафоткардан;

be thrown on one's beam-end - дар ҳолати вазнин, беилоҷ будан.

Дар дигар воҳидҳои фразеологии феълӣ бошад феъл ҳеҷ гоҳ дар тарзи мафъул истифода бурда намешавад:

make bricks without straw–беҳуда кӯшиш кардан;

steal a march on smb. – номаълум пеш гузаштан;

take the wrong turning – аз роҳи дуруст гаштан.

Ба исмҳое, ки дар таркиби бисёри воҳидҳои фразеологии феълӣ меоянд, шакли меъёрии шумораи танҳо ва шумораи ҷамъ хос аст.

Мисол:

keep one's head above water – дар рӯйи об ғарқ нашуда истодан, монеаҳоро бартараф кардан;

set one's cap at smb. – худро ба гардани марде андохтан ва ғайра [72, 397].

Дар баъзе фразеологизмҳои феълӣ шумораи ҷамъи исм на аз шумораи шахсҳо, ки амали бо ин фразеологизм ифодакардаро иҷро мекунанд, вобастагӣ дорад, балки аз шумораи пуркунандаҳое, ки ба онҳо амали бо ин фразеологизм ифода ёфта равона карда шудааст:

*We used **to pull his leg** about shadowing people and all that.*

*Муқ.: They **have** just **been pulling our legs** very wittily.*

Баъзан дар фразеологизмҳое, ки амалашон бо якчанд шахс иҷро мегардад, шакли шумораи ҷамъ қатъиян муайян карда шуда ҳисоб намешавад ва воҳиди фразеологӣ инчунин дар шакли шумораи танҳо во мехӯрад.

Чунин воқеа, масалан, дар фразеологизми *cut off one's nose to spite one's face* — дар ҳолати қаҳр бар зарари худ амал кардан, аз алам барқасди худ коре кардан ва ғайра дида мешавад.

*Many labor leaders rushed to comply with the obnoxious clause... even if it meant **cutting off their nosesto spite their faces**.*

I believe that the most deep-rooted of human passions is that which makes men ***cut off their nose to spite their face...*** .

Ба таври мисол воҳидҳои фразеологии феълие, ки дар онҳо, новобаста аз шумораи шахсҳо, ки амалро иҷро мекунанду бо фразеологизм ифода ёфтаанд, ё шумораи шахсҳое, ки ба онҳо ин амал равона карда шудааст, исмҳо ҳамавақт дар шумораи танҳо истифода мешаванд. Ибораҳои зеринро мисол меорем:

carry (keep) a stiff upper lip s худдориро нигоҳ доштан, лабулунҷ овезон накардан;

cook smb.'s goose — касеро аз ҷон безор кардан;

cost a pretty penny — як галла пул шудан (муқ. Бисёр қимат афтидан);

not to have a leg to stand on — далел надоштан;

shake a leg — 1) рақс кардан; 2) (амер) шитофтан;

throw up the sponge - таслим шудан, худро маглубшуда ҳисобидан ва ғайра [72, 399].

Дар бисёри воҳидҳои фразеологии феълӣ исмҳо танҳо дар шумораи ҷамъ истифода бурда мешаванд, чунки амали ифодакардаи онҳо аз ҷониби як шахс иҷро намешавад. Мисол:

be on pins and needles – орому қарор надоштан, беқарор будан;

burnone's fingers – шикаст хӯрдан;

draw in one's horns – ором шудан; аз фикр гаштан ва ғайра.

Шумораи ҷамъи исм воситаи муҳими таркибии маънои таҳтуллафзии қисматҳо мебошад, ки дар асоси он маънои фразеологии ибора ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тариқ, калимаи *spurs* дар воҳиди фразеологии *win one's spurs* — корнамоӣ кардан, шуҳрат, эътироф пайдокардан – фақат дар шакли ҷамъ буда метавонад, зеро дар мавриди унвони баҳо дурӣ додан боду маҳмез мукофотонида мешуданд, на бо якто.

Хусусияти хоси фразеологизмҳо дар забони англисӣ, хусусан бо қисматҳои ба тарзи нав фаҳмидаи пурра ё нопурра, аз ҷумла фразеологизмҳои феълӣ, ин – дар онҳо мавҷуд будани шумораи ками

калима шаклҳо нисбат ба калима шаклҳои қисматҳои онҳо, ки дар таркиби пайвастшавиҳои тағирёбанда ба сифати калимаҳои тағирёбанда истифода мешаванд, мебошад. Инчунин дар интихоби шаклҳои тасдиқӣ, инкорӣ ва саволӣ маҳдудиятҳо вуҷуд дорад [72, 399].

Мувофиқи таснифоти А.В.Кунин воҳидҳои фразеологӣ дар мансубият бо хусусияти коркарди онҳо дар нутқ дорои ду гурӯҳи асосӣ мебошанд. Воҳидҳои номинативии ашё, ҳодисаҳо, аломатҳо ва метавонад дорои сохторҳои гуногун бошад (*a bitter pill to swallow; a wolf in sheep's clothing; a cock-and-bull story; to stir up a hornets' nest; much cry and little wool; to call a spade; etc,*). Воҳидҳои фразеологии номинативӣ-комуникативӣ вазифаҳои пурқувваткунии нутқро иҷро мекунанд ва баъзан бо гуногунии намудҳои таркибашон нигоҳ накарда, ба нидо наздик мешаванд (*as hell; birds of a feather; this cat won't jump; the fat's in the fair; etc,*).

Ҳар як феъли таркибии номӣ як воҳиди луғавӣ, як ҳиссаи нутқ ва як аъзои ҷумла ҳисоб меёбад. Аз ин ҷиҳат байни ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ на алоқаи синтаксисӣ, балки таносуби маъноӣ ва мувофиқати морфологӣ мавҷуд аст. Ҷузъи номӣ ҷузъи асосӣ ва соҳибмаъноии феъли таркибии номӣ буда, феълро мазмунан муқаррар ва муайян месозад. Азбаски ҷузъи асосии феъли таркибии номӣ аз ҳиссаҳои номии нутқ иборат аст, дар ҷумла ҳолатҳое рӯй медиҳад, ки дар натиҷаи он зоҳиран шакли муқаррарии феъли таркибӣ тағйир меёбад.

Алоқа хосияти воҳидҳои забон буда, ҳангоми сохтани воҳидҳои нисбатан сатҳи баланд яке аз хусусиятҳои бунёдии воҳидҳои забон, ки муносибатҳои синтагматикӣ байни онҳоро инъикос менамояд, мебошад.

Чанд намуди алоқаи воҳидҳои забон аз якдигар фарқ мекунанд. Вобаста ба мавқеъ: ҳамҷавор ва фосиладор. Алоқаи калимаҳо (воҳидҳои луғавӣ) бо омилҳои луғавӣ – семантикӣ сахт иртибот дорад. Дар алоқаи грамматикӣ ё дастурӣ мансубияти калимаҳо ба ҳиссаҳои нутқ ба эътибор гирифта мешавад. Феъли ёридиҳандаи «шудан» бештар бо исму сифатҳо алоқамандӣ дорад: пинҳон шудан, ғамгин шудан, хавотир шудан, хаста шудан, омода шудан, ҳосил шудан ва ҳозир шудан:

Ҳангоми муқаррар намудани ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ қолаби заданокии калима низ арзиш пайдо мекунад. Масалан: ҳо́зир-ҳозир. Калимаи «ҳо́зир»-и якум зарф аст ва қолаби заданокиаш ба тариқи зайл аст: - ҳо́зир (зарфи замон); «ҳозир»-и дуюм сифат буда, қолаби заданокияш чунин аст: - ҳозир (сифат).

Таркиби феълҳои таркибии номӣ аз ду ҷузъ иборат аст: ҷузъи номӣ ва ҷузъи феълӣ. Дар романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода ҷузъи номӣ ҳамчун ҷузъи асосӣ бештар исму сифат аст.

1.Исм: тақдим кардан, рӯй додан, қиёс кардан, хавотир кашидан, ёрӣ додан, савор кардан, роҳат кардан, арз кардан, сарфароз гардидан, сухан рондан, назар афкандан, ҳарф назадан, хӯрок овардан;

2.Сифат: баҳраманд гардонидан, шуълавар гаштан, нимпӯш кардан, муаттар сохтан, пинҳон шудан ва ғайра.

Ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ бо зарф низ ифода меѐбанд: зиѐд кардан, пеш омадан, поин фуровардан, қафо рафтан:

Қолаби дигари ифодаи феълҳои таркибии номӣ чунин аст: пешоянд, исм ва феъли ѐридиҳанда: ба вуҷуд омадан, дар назар доштан, ба амал омадан, дар ғазаб шудан, бар уҳда доштан, ба даст овардан ва монанди инҳо.

Ҳиссаҳои дигари нутқ, масалан, шумора ва баъзе шаклҳои феъли ҳолу сифати феълӣ, ки як андоза тобиши исмӣ ё сифатӣ пайдо кардаанд, низ ҷузъи номии феъли таркибӣ мебошанд, вале каммаҳсуланд: як кардан, як шудан ва ғ.

Калимаҳои таркибӣ хоси ҳамаи ҳиссаҳои нутқанд:

Исмҳои таркибӣ: Созмони Миллали Муттаҳид, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон, зардолуи рухи ҷонон;

Сифатҳои таркибӣ: Сифатҳое, ки зиёда аз як калимаро дарбар гирифта, дар имло ҷудо навишта мешаванд: комёбиҳои нав ба нав, хизмати маданӣ - маишӣ, луғати русӣ - тоҷикӣ…

Шумораҳои таркибӣ: бисту панҷ нафар шогирд, даҳ бех арча, ду даста гул.

Ҷонишинҳои таркибӣ: ҳар кас, чӣ гуна, чӣ хел, ҳеҷ гуна.

Феълҳои таркибӣ: хонда будам, (замони гузаштаи дур), ман рафта будаам (замони гузаштаи дури нақлӣ), ман хонда истода будам (замони гузаштаи дури давомдор), рафта истода будаам (замони гузаштаи дури давомдор), ман хоҳам рафт (замони ояндаи дур);

Зарфҳои таркибӣ: ҷо ба ҷо (зарфи тарзи амал), ин қадар (зарфи миқдору дараҷа) дар ба дар, даст ба даст, худ ба худ, кам андар кам (зарфи миқдору дараҷа), ҳама ҷо (зарфи макон);

Пешояндҳои таркибӣ: ба пеши, дар назди, нисбат ба, оид ба;

Пайвандакҳои таркибӣ: ёки, токи, азбозеки, дарҳолате ки;

Ҳиссачаҳои саволӣ:

Ҳама чизи дар боло зикршуда имконият медиҳад тахмин кунем, ки барои фразеологизмҳои забони тоҷикӣ ҳам метавонанд намудҳои морфологии дар боло ҷудо шуда намуна бошанд.

Дар мисолҳои боло истилоҳи таркиб дар алоқамандӣ бо мавзуи феълҳои забони тоҷикӣ корбаст гаштааст. Истилоҳи мазкур дар таҳқиқи масъалаҳои асосии фразеология дар муайян кардани хел ва хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ низ ба кор рафтааст. Чунончи, М. Муҳаммадиев ибораҳои фразеологии забони тоҷикиро ба се гурӯҳ ҷудо карда, сеюмашро таркибҳои фразеологӣ номидааст. Бино бар андешаи ӯ дар таркибҳои фразеологӣ ба маънои маҷозӣ омадани ҳамаи калимаҳои он шарт нест, балки яке аз калимаҳо ба маънои пурраи маҷозӣ омада, калимаҳои дигар ё бевосита ба маънои луғавии худ меоянд ва ё дар ҳамаи ибора тобишҳои гуногуни маъноӣ, услубӣ зоҳир менамоянд: даст ёфтан, ташвиш кашидан, хунук хӯрдан, ранҷ кашидан, гӯш тофтан, туҳмат боридан ва амсоли инҳо [93, 52].

Истилоҳи таркиб на танҳо ба ибораҳои фразеологии феълӣ татбиқ мешавад, балки он дар сарчашмаҳои илмӣ аз ҷиҳати сохтор як навъи комилан мустақили воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳад. Чунончи, муаллифони китоби «Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаҳои синтаксисии онҳо» навиштаанд: «… пайвастҳои аз ҷиҳати грамматикӣ устувори нутқ аз рӯйи сохт (структура) гуногун мешаванд. Онҳо дар шакли таркиб, масалан, «ба чашм» ба маънои итоат (хуб) ризомандӣ;

ибора (сода ва мураккаб), чунончи, барги сабз ба маънои «тӯҳфа», арақи ҷабин «меҳнат», гули сари сабад «муътабар, обрӯмандтарин»; ҷумлаҳо (сода ва мураккаб) олам гулистон ба маънои «хеле хуб», кӯҳро занад, талқон мешавад ба маънои «пурзӯр»; ҳатто дар шакли матн ва порчаи ҷудогона (ҳамчун ҳикояи хурд) меоянд: Лаб гуфт: омад, даҳон гуфт: даромад, шикам гуфт: чӣ буд, ки ба поён нафуромад?» - ба маънои ғизои кам [93, 9].

Кӯшиши муайян кардани моҳияти таркибҳои фразеологӣ дар асари Ҳ. Маҷидов ба назар мерасад. Ӯ пайдоиши воҳидҳои фразеологиро ба таркибҳои синтаксисӣ марбут медонад. «Таркибҳои фразеологӣ, - менигорад ӯ, - чунин таркибҳои синтаксисии шахшуда, ба ҳукми ифодаҳои рехтаву устувори забон табдилёфта мебошанд, ки ба мисли гурӯҳҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ маънои яклухту бутунро ифода мекунанд. Онҳо аз пайвасти ду калимаи мустақилмаъно, ё ки пайвасти калимаҳои ёридиҳандаву мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд. Чунончи: ифодаҳои рехтаи дар ҳақиқат «ҳақиқатан», дар дил «хаёлан», ҳавою ҳавас «орзу», хоҳам нахоҳам «дудила», пага-фардо «ба наздикӣ», дар ба дар овора ва монанди инҳо таркибҳои фразеологиро ташкил медиҳанд» [93, 38].

Аз иқтибоси боло бармеояд, ки воҳидҳои фразеологӣ аз таркибҳои озод ё синтаксисӣ бо рехтагӣ, устуворӣ, маънои яклухту бутунро ифода кардан фарқ мекунанд. Ин фикри худро муҳаққиқ бо далеле собит менамояд, ки воҳидҳои фразеологӣ аломатҳои гуногуни грамматикиро ё дар аввал ва ё дар охири худ қабул менамояд. Яъне, воҳидҳои калимабанд дар байни ҷузъҳои таркиб ҷой дошта наметавонанд. Ба ин мазмун омадааст: «Хусусияти характернокии таркибҳои фразеологиро, ки онҳоро аз гурӯҳҳои дигари фразеологӣ ҷудо карда, то андозае ба калима наздик мегардонад, якҷо шаклгирии морфологии онҳо мебошад. Таркибҳои фразеологӣ аломатҳои гуногуни грамматикӣ: аффиксҳо, бандакҳо, пешоянд, пасояндҳо ва монанди инҳоро дар аввал ё охири худ қабул карда, якҷо шакл мегиранд. Дар натиҷа шаклҳои гуногуни морфологии онҳо ба вуҷуд меоянд, чунончи: таркиби банду баст дар

матн дар шаклҳои банду басти, банду басташ, банду бастҳо, банду бастро ва монанди инҳо истеъмол шуда метавонад» [82, 40].

Дар ҳақиқат, рехтагии қолаб устувории таркиб ва маънои яклухтро ифода кардан аз аломатҳои хос ва аз принсипҳои асосии ҷудо кардани воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Ҳ. Маҷидов дар ҳамин замина воҳидҳои фразеологиро ба чунин хелҳо ҷудо кардааст.

1.Таркибҳои ҷуфт: хушку холӣ, хату савод, банду баст;

2.Таркибҳои тавтологии пешояндӣ: сол ба сол, нав ба нав, рӯз аз рӯз, дам ба дам, лаҳза ба лаҳза.

3.Таркибҳои ҳамроҳӣ: пагоҳ-бегоҳ, фардо-пасфардо, сиҳат-саломат.

4.Таркибҳои ҷудоӣ: хоҳӣ нахоҳӣ, сарам дилам, равам-наравам.

Аз ҷониби таъбиршиносон кӯшиши маҳдуд кардани навъҳои воҳидҳои фразеологӣ, аз он ҷумла таркибҳои фразеологӣ низ ба мушоҳида мерасад. Масалан, аз назари М. Саидов, таркибҳои зеринро ба доираи фразеология даровардан ғалат аст:

1. Таркибҳои пешояндор: дар ба дар, рӯ ба рӯ, камар ба камар, рӯз аз рӯз, дам ба дам ва ғайраҳо;

2. Таркибҳои ҷуфт: мӯру мор, нолаву афғон, сиру савдо, нангу номус, дидаву рӯ;

3. Таркибҳои ҷуфти пешояндор: ба дилу ҷон, дар тобу таб, бо нозу карашма ва ғайра [118].

Вале аз ҷониби муҳаққиқ шарҳ дода намешавад, ки чаро мисолҳои мазкур таркиби фразеологӣ шуда наметавонанд. Дар асл рехтагӣ, устувории таркиб, дар байни соҳибзабонон дар ҳамин қолаб маъмул будан ва маънои яклухт доштан имкон медиҳад, ки онҳоро бо номи таркиби фразеологӣ ба доираи воҳидҳои фразеологӣ ворид намоем. Худи муаллиф низ он мисолҳоро таркиб номида, тасниф кардааст. Ба ҳар ҳол, мисолҳои номбурда бино бар аломатҳои хоси фразеологӣ доштанашон аз таркиби синтаксисӣ дида ба табиати таркибҳои фразеологӣ мувофиқтаранд.

Ҳамин тариқ, дар забоншиносии тоҷик «таркиб» чун истилоҳ мавқеи устувор дорад. Дар соҳаи грамматика он пас аз калима дар ҷойи дуюм меистад. Дар қисмати фразеология бошад, он дар муайян кардани сохторҳои воҳидҳои фразеологӣ дар мавқеи аввал қарор дорад, яъне воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати сохтор ба таркиб, ибора, ҷумла ҷудо мешаванд. Мавқеъ ва дараҷаи истеъмоли таркибҳо, аз ҷумла таркибҳои фразеологӣ ба раванди таърихии инкишофи забони тоҷикӣ вобаста мебошад. Арзи вуҷуд кардан ва маъмул гаштани он ба ривоҷгирии усули калимасозии забони тоҷикӣ алоқаманд аст, ки он аз охирҳои давраи қадими забони форсӣ-тоҷикӣ маншаъ мегирад. Б. Сиёев дуруст кайд мекунад, ки «усули таркибии созмони феълҳо дар асрҳои IX-X мавқеи калон пайдо кардааст. Моҳияти ин тарзи феълсозӣ дар он аст, ки як гурӯҳ феълҳо бо сабаби суст шудани маънои аслӣ ба мавқеи ҳиссаи ёридиҳанда фаромада, бо ҷузъи феълӣ ё номӣ дар шакли таркиб корбаст мешаванд» [121, 16].

Чунон ки дар боло ишора рафт, таркибҳо бо феъли ёварӣ кардан дар забоншиносии тоҷик бо номҳои гуногун, вале зиёдтар бо истилоҳи «феълҳои таркибии номӣ» ёдрас мешаванд, ки онҳо чун воҳиди синтаксисӣ аз ҳамбастагии як калимаи мустақилмаъно (бештар исм ё сифат) ва як номустақил (феъли ёридиҳанда) фароҳам меоянд.

Вақте ки сухан аз хусусиятҳои маъноӣ меравад, онҳо аз таркибҳои озод ё синтаксисӣ дида ба таркибҳои рехта ё фразеологӣ мутобиқтаранд. Ба ибораи дигар гӯем, ҷавобгӯйи меъёрҳои асосии созмони воҳиди фразеологӣ мебошанд, яъне дар онҳо: а) ҷузъи феълӣ (кардан) маънои луғавии худро гум карда, дар мақоми феъли ёвар меояд; б) ҷузъҳои номӣ ва феълӣ дар қолаби таркиб якҷоя маънои рехта пайдо намудаанд; в) дар як қолаб устувор гардида, чун воҳиди тайёри забон ба кор мераванд ва дар ин қолабу маъно маъмул гардидаанд.

Чунин таркибҳо ба чаҳор аломати асосии воҳидҳои фразеологӣ, ки таъбиршиноси маъруфи рус Н.М. Шанский зикр кардааст, низ мувофиқанд [173, 29-30].

Андешаҳои забоншиносони тоҷик дар бораи рехтагӣ, устуворӣ, «муттафиқ шудани ҳиссаҳо ва комилан лексиконида шудани таъбир» [93, 132], «ифодакунандаи маънии як воҳиди луғавӣ» будан, «аз таркиб бо ёварӣ «кардан» созмон ёфтани воҳидҳои фразеологӣ» [82, 79] ва ғайра низ аз аломатҳои воҳиди фразеологӣ дарак медиҳанд.

Ҳамчунин муаллифони як қатор асарҳои дигари таълимӣ ва рисолаҳои номзадӣ оид ба фразеология таркибҳои мавриди назарро ба воҳидҳои фразеологӣ мансуб донистаанд. Амсоли Мақсудов Т., Зикриёев Ф., Ҷалилов Ҳ. (наякӣ кардан, тую ман кардан, тагу рӯ кардан, гирифт кардан…[83, 6]; Юсупова М. (ҳақшиносӣ кардан, ғамхӯрӣ кардан, гуфтушунид кардан, додугирифт кардан, бардошт кардан).

Пай бурдан мумкин аст, ки рехтагии маъно ва устувории қолаб боис гаштааст, ки мураттибони фарҳангҳои фразеологии даврони чӣ классик ва чӣ муосир ин навъ воҳидҳои забониро ба фразеология дохил кардаанд. Чунончи, дар фарҳангномаи фразеологии тоинқилобии форс-тоҷик «Чароғи ҳидоят» мисолҳои зиёде аз қабили таркибҳои арақ кардан, банд кардан, баҳс кардан, муборакбод кардан, ваҷаб кардан, илтимос кардан, назокат кардан, ғаш кардан (ҷамъ 30 таркиб) ба назар мерасанд. Дар асари М. Фозилов «Фарҳанги ибораҳои рехта» дар ду муҷаллад зиёда аз 110 таркиб бо ёварӣ кардан зикр ёфтааст.

Дар бохти морфологии воҳидҳои фразеологии феълӣ бояд тазаккур дод, ки ибора – ин пайвастшавии ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно мебошад, ки дар асоси алоқаи муайяни синтаксисӣ муттаҳид шуда вазифаи номинативиро иҷро мекунад. Ибораҳо дар ҳар як забон хусусиятҳои хоси таркибиро доранд ва бо сохти муайяни ба ин забон хос сохта мешаванд. Сохти ибораҳо хусусиятҳои типологӣ, лексикӣ-семантикӣ ва таркибӣ-грамматикии (морфологӣ) ҳар яке аз забонҳоро инъикос мекунанд. Барои ҳамин яке аз аломатҳои асосии типологии ибораҳо ин алоқаи синтаксисӣ, ки қисматҳои ибораро пайваст мекунад, мебошад.

Ибораҳои феълӣ. Асоси сохти грамматикии ибораҳои феълӣ бо феълҳои якпайванда дар забони англисӣ ва тоҷикиро сохти таркибии

V+N – барои забони англисӣ ва N+V - барои забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд, яъне сохте, ки байни забонҳои муқоисакунанда, бо тартиби пайравӣ кардани қисмҳои исмӣ ва феълӣ, дигаргуниро нишон медиҳад. Барои забони тоҷикӣ, ки тобеияти мунтазами тарафи чап ба ӯ хос аст, қисми исмӣ-тобеӣ пеш аз феъли асосӣ меистад. Вақт аз он, ки дар забони англисӣ баъд аз феъл меистад.

Сохти Jnf+N: hold one's horses; to hold one's horses – «оромиро нигоҳ доштан»; hold your horses - «ором бошед, саросема нашавед»; to shoe a horse —«аспро наъл кардан»; to take horse; to mount a horse; to ride a horse — ба асп савор шудан «сесть на лошадь»; to curry a horse «аспро бо чӯтка тоза кардан»; to harness a horse «аспро бастан»;— аспакӣ рафтан - ехать верхом; to saddle a horse «ба асп зин задан» ва ғайра. N+Jnf: лаҷом задан, лаҷом андохтан, лаҷом кардан - держатьвузде; укрощать ва ғайра.

Дар забонҳои тоҷикиву англисӣ феъл ба сифати калимаи асосии грамматикӣ баромад мекунад, ки дар асоси он сохти таркибӣ-грамматикии фразеологизми феълӣ дар тобеияти мутлақи аломатҳои семантикӣ ва таркибӣ-грамматикии феъл мебошад.

Сохти Npo+Jnf – бо тобеи баъд аз ҳиҷоии исм хусусияти хоси забони тоҷикӣ мебошад. Ба монанди пайвастшавии пуркунанда тартиби грамматикии ибораҳои феълии забони тоҷикӣ дар ин сохт бо он тавсиф мешаванд, ки қисми исмӣ дар феъл, ки бо феъли гузаранда ифода шудааст, бо ёрии пасоянди – ро пайваст мешавад. Чи тавре ки маълум аст, пасоянди – ро дар забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи алоқаи грамматикии пуркунандаи мустақим дар феъли гузаранда баромад мекунад: ҷилави суханро тофтан «изменить тему беседы»; аспро наъл кардан «подковывать лошадь»; аспро савор шудан «запрягать лошадь», «ехать верхом»; аспро зин кардан «седлать лошадь» ва ғайра.

Сохти prepN+Jnf: ба асп савор шудан «сесть на лошадь», «ехать верхом» ва ғ. дар забони тоҷикӣ ибораҳои феълиро ташкил мекунад, ки аз феъл ва қисми исмӣ, ки бо алоқаи пешояндцори тобеъкунанда пайванд шудаанд, иборат аст.

Сохти V+Adj+N. Ибораҳои феълӣ дар сифати қисмати исм метавонанд сифат дошта бошанд, ки аз семантикаи дарунии қисмати тобеи исм асос меёбад. Сифат дар таркиби семантикӣ ва грамматикии ин сохти ибора яке аз қисматҳои муҳим мебошад, ки гоҳо маркази асосии маъногии таркиби фразеологизмро ташкил медиҳад. Аз инҷо аломати асосии сифати воҳидҳои фразеологӣ асос меёбад – бе сифат маънои умумии фразеологизм амалӣ намегардад: to flog a dead horse. – аспи мурдаро қамчинкорӣ кардан; beat/frog a dead horse – «аспи ҳароммурдаро қамчинкорӣ кардан/задан»; to find a mare's nest «хонаи байталро ёфтан»; come off the high horse; (come (ё get) off the high horse) – такаббур кардан, ҳавобаландӣ кардан, мағрурона рафтор кардан ва ғайра.

Сохти prepN+Adj+Jnf: Ба аспи чӯбин савор шудан «отдать богу душу» (айнан: «сесть на деревяного коня»); Ба аспи ҷаҳл саворшудан– «сильнорассерживаться» ва ғайра. Бар хилофи сохти prepN+Jnf дар ин ибора исм бо сифат мураккаб карда нашудааст.

Феълҳои пуркунанда амалеро, ки ба пуркунанда равона карда шудааст, ифода мекунанд ва бинобар ин, мавқеи барои пуркунанда озодро доранд. Феълҳои мубтадогӣ аз рӯйи маъноянон аз далели бо маънои пуркунанда маҳруманд. Бо вуҷуди ин дар ҳарду забон маҳдудияти марбут донистани ин ё он феъл фақат ба мубтадогӣ ё ба пуркунандагӣ нест. Хусусияти мубтадогӣ ё пуркунандагии амали феъл дар тобеи омилҳои гуногун мебошад, пеш аз ҳама дар тобеи хусусиятҳои лексикию семантикии таркиби пурмаънои феъл. Дар таркиби семантикии феъли сермаъно вариантҳои гуногуни лексикию семантикӣ метавонанд муқобили хусусияти мубтадогӣ ё пуркунандагии амал гузошта шаванд.

Дар феълҳои ба монанди феъли to stand дар забони англисӣ валентияти мубтадогӣ ё пуркунандагӣ бо ягон тағйирот дар шакли берунии феъл алоқамандӣ надорад, балки дар вариантҳои гуногуншакли лексикию семантикии вай амалӣ мешавад дар ҳолате, ки дар эквиваленти тоҷикии вай истодан «стоять» -истоёндан «останавливать»

хусусияти мубтадогӣ ё пуркунандагии амал дар таркиби худи калима мукаммал карда шудааст: дар куча истодан «стоять на улице» - истоёндан «останавливать на улице».

Падидаи гузариши феъли мубтадоӣ ба феъли пуркунандагӣ, ки дар ҳар ду забон ба таври васеъ нишон дода шудааст, аз нуқтаи назари мутаносиби маъноҳои забонӣ бо воҳидҳои намуди ибора хело муҳим аст. Маънои забонии мубтадогӣ ё пуркунандагӣ дар феъли stand бо ёрии категорияҳои ифодаёфтаи берунии семантикӣ далелнок шудааст ва калимасозиро ба ёд меорад. Бо вуҷуди ин феъли stand ҳолати функсионалӣ-грамматикии худро ҳамчун ҳиссаи нутқ нигоҳ медорад.

Феълҳои таҳлилӣ дар забони англисӣ ҳам пешниҳод шудаанд, аммо дар таносуби миқдор онҳо ба забони тоҷикӣ монандӣ надоранд, ки дар он ин тарзи ба вуҷудоии феълҳо сермаҳсул мебошад. Яке аз ҷанбаҳои асосии омӯзиши ибораҳо, ки таҳлили минбаъдаи амиқро талаб мекунад, аз нишон додани усулҳои комбинаторикаи лексикию семантикии қисматҳои ибора иборат аст, зеро ин ҷанба дар синтаксиси забонҳои тоҷикиву англисӣ тавзеҳи кофӣ нагирифтааст. Маънои типологии ин аломат барои ҳар ду забон аз он иборат аст, ки риоя накардани он ба тағирёбии алоқаи якхелаи семантикӣ дар ибора оварда мерасонад, дар ҳолатҳои муайян бошад – ба вайроншавии ибора, яъне исбот мекунад, ки тағир додани тартиби ҳаракати қисматҳо номумкин аст (махсусан дар забони тоҷикӣ): to read a book -китобро хондан (мубтадогӣ), a book to read - китоб барои хондан (таҳлилӣ).

Барои воҳидҳои фразеологии феълии забони англисӣ шакливазкунии қисмати фълӣ ё қисматҳои феълӣ хос аст. Инчунин барои забони русӣ ҳам хос аст. Аз луғати Т. В. Пархамович [109, 128] «1000 русских и 1000 английских идиом» 50 воҳидҳои фразеологии забони англисиро ҷудо карда гирифтем ва пайдо кардем, ки дар 42-тои он феъл танҳо дар шакли тарзи фоил истифода бурда мешавад:

add fuel to the fire – ба оташ равган рехтан

bear a grudge against – ба кассе кина (қасд) доштан

bear one's cross – бори зиндагиро ба дӯш доштан

bear a palm –ҷои якумро ишгол кардан

Дар панҷ воҳиди фразеологӣ феъл дар тарзи мафъул истифода бурда мешавад:

be gathered to one's fathers – мурдан

be fed up to the teeth – бисёр сер будан

be packed like sardines – тиққаву танба

be tarred with the same brush – кар додари кӯр

be tickled to death –аз ханда рӯдакан шудан

Дар се воҳиди фразеологӣ феъл метавонад ҳам дар тарзи фоил ҳам дар тарзи мафъул истифода бурда шавад:

accept with both hands – дудаста часпида гирифтан / to be accepted with both hands – бо ду даст дошта шудан

catch someone red-handed – дар болои ҷиноят дастгир кардан / to be caught red-handed – дар болои ҷиноят дастгир шудан

chew someone out – сарро бе об тарошидан / to be chewed out – танбеҳ дидан

Дар ҳамаи воҳидҳои фразеологии забони англисӣ, ки дида баромадем, феълҳо метавонад ҳамаи шаклҳои грамматикии ба забони англисӣ хосро қабул кунанд.

Воҳидҳои фразеологии феълии забони русиро дар муқоиса бо забонҳои англисию тоҷикӣ дида баромада ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҳамаи онҳо феълҳо, мувофиқи қоидаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ, аз рӯйи замон, шахс ва шумора метавонанд озод тағир ёбанд.

Дар 3 воҳиди фразеологӣ феъл танҳо дар намуди мутлақ истифода бурда мешавад ва дар ин ҳол ба феъли намуди мутлақ феъли намуди ғайримутлақ аз дигар асос мувофиқат мекунад:

дастболо шудан, голиб омадан

ҳимоя кардан, ба зери қаноти худ гирифтан

худдорӣ кардан,худро ба даст гирифтан.

Чи тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, миёни фразеологизмҳои феълии забони англисӣ бо калима шаклҳои исмии тағирнаёбанда он қисматҳое камаҳаммиятанд, ки дар онҳо исмҳо дар шакли шумораи

танҳо истифода шудаад. Миёни фразеологизмҳои забони тоҷикӣ афзалияти фразеологизмҳо бо исмҳо дар шакли шумораи танҳо равшантар ифода ёфтаанд. Дар ин ҳол, дар забони англисӣ, дар як қатор ҳолатҳо истифодаи шумораи танҳо бо сабабҳои грамматикӣ муайян карда мешавад, вақт аз он ки дар забони тоҷикӣ вай бо қоидаҳои пайвастшавии фразеологӣ ва мантиқ шарт карда шудааст.

Воҳидҳои фразеологӣ як падидаи лексикие мебошанд, ки барои қисми зиёди забонҳои ҳиндуаврупоӣ, аз он ҷумла забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва тоҷикӣ хос аст. Воҳидҳои фразеологӣ ибораҳои мураккабе мебошанд, ки бо устувории таркиби лексикӣ ва семантикаи мураккаб, ки маъноянашон ба қисмҳо тақсим намешаванд, тавсиф ёфтаанд, ва одатан аз ҷамъи маъноҳои қисмҳои алоҳидаи воҳиди фразеологӣ сарчашма намегиранд.

А. В. Кунин ишора мекунад, ки мавҷуд будани калима дар таркиби воҳиди фразеологӣ ба сифати лексема, нисбат ба мавҷуд будани ҳамон калима бо маънои мустақили забонӣ берун аз воҳиди фразеологӣ бо як қатор хусусиятҳо фарқ мекунад. Миқдори шаклҳои ба қисматҳои воҳидҳои фразеологӣ хос аз миқдори шаклҳое, ки берун аз ҳудуди воҳидҳои фразеологӣ дар таркибашон ҳамин калимаҳоро доранд, каманд. Хислати хоси воҳидҳои фразеологии феъли англисӣ – ин шакливазкунии қисматҳои феълӣ дар ибораҳои бо сохти пайвасткунанда мебошад. Пайвастшавии шаклҳое, ки дар онҳо феъл дар таркиби дигар воҳидҳои фразеологии феълӣ истифода бурда мешавад, метавонад дигар бошад, аммо миқдори шаклҳо ҳамавақт маҳдуд аст.

Классификатсияи ягонаи фразеологизмҳои забони англисӣ то ҳол вуҷуд надорад, зеро олимон дар асоси принсипҳои гуногун воҳидҳои фразеологиро тақсим мекунанд: таркибҳо, семантика, вазифаҳои коммуникативӣ, этимологияи воҳидҳои фразеологӣ, роҳи тарҷумаи онҳо ба дигар забонҳо ва ғайра.

Ҳар як феъли таркибии номӣ як воҳиди луғавӣ, як ҳиссаи нутқ ва як аъзои ҷумла ҳисоб меёбад. Аз ин ҷиҳат байни ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ на алоқаи синтаксисӣ, балки таносуби маъноӣ ва мувофиқати

морфологӣ мавҷуд аст. Ҷузъи номӣ ҷузъи асосӣ ва соҳибмаъноии феъли таркибии номӣ буда, феълро мазмунан муқаррар ва муайян месозад. Азбаски ҷузъи асосии феъли таркибии номӣ аз ҳиссаҳои номии нутқ иборат аст, дар ҷумла ҳолатҳое рӯй медиҳад, ки дар натиҷаи он зоҳиран шакли муқаррарии феъли таркибӣ тағйир меёбад.

Хулосаи боби дуюм

Хусусияти хоси фразеологизмҳо ин дар онҳо мавҷуд будани шумораи ками калимаҳо мебошад, яъне онҳо муъҷазбаёниро таъмин менамоянд. Дар муқоиса бо калима қисматҳои онҳо, ки ба сифати калимаҳои тағирёбанда дар таркиби пайвастшавиҳои тағирёбанда истифода бурда мешаванд, метавонанд иваз шаванд.

Чанд намуди алоқаи воҳидҳои забониро аз якдигар фарқ мекунанд. Вобаста ба мавқеъ: ҳамҷавор ва фосиладор. Алоқаи калимаҳо (воҳидҳои луғавӣ) бо омилҳои луғавӣ-семантикӣ иртиботи қавӣ дорад. Дар алоқаи грамматикӣ ё дастурӣ мансубияти калимаҳо ба ҳиссаҳои нутқ ба эътибор гирифта мешавад. Феъли ёридиҳандаи «шудан» бештар бо исму сифатҳо алоқамандӣ дорад: *пинҳон шудан, гамгин шудан, хавотир шудан, хаста шудан, омода шудан, ҳосил шудан ва ҳозир шудан* ва амсоли инҳо.

Барои воҳидҳои фразеологии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ шакливазкунии қисмати феълӣ ё таркиби феълӣ хос аст. Барои забони англисӣ бештар аз забони тоҷикӣ истифода бурдани феълҳо дар воҳидҳои фразеологӣ дар тарзи мафъул хос мебошад. Дар забони тоҷикӣ истифода бурдани сиғаи нафсӣ-таъкидӣ дар фразеологизмҳо, инчунин истифода бурдани намуди мутлақ ва ғайримутлақи феъл ба мушоҳида намерасад. Дар ҳарду забон феълҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, мувофиқи қоидаҳои грамматикӣ, метавонанд шаклҳои замониро қабул кунанд.

Дар забонҳои англисию тоҷикӣ фразеологизмҳое мавҷуд ҳастанд, ки дар онҳо шакли шумораи исмҳо тағйир меёбад. Истифодаи шумораи танҳо ё ҷамъ дар ин воҳидҳои фразеологӣ бо интихоби гӯянда ва нависанда, вобаста аз матни баёншуда, муайян карда мешавад.

Дар ин таҳқиқот воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун воҳидҳои нисбатан устувори лафзӣ, ки дар гуфтор дар шакли тайёр дубора тавлид меёбанд ва бо тағйирёбии маъноӣ ва таркибии худ хосанд ва дорои ифодакунандагии мазмуни хос ва мебошанд, ба назар гирифта шудаанд. Воҳидҳои фразеологӣ як қатор хусусиятҳои хосси сохторӣ ва маъноӣ доранд: таркиби мураккаб, устувории луғавӣ ва грамматикӣ, тақсимнашавандагии маъноӣ ва амсоли инҳо.

Дар ин рисола воҳидҳои фразеологӣ ба маънои васеъ баррасӣ шудаанд, яъне аз воҳидҳои хурдтарин монанди таркибҳо ва ибораҳои рехта сар карда, то таркибҳои фразеологии бузургтар, мисли зарбулмасал ва мақолҳо.

БОБИ III. ТАҲЛИЛИ ЗАБОНӢ ВА ФАРҲАНГИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТОПОНИМӢ

3.1. Таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ ва фарҳангии воҳидҳои фразеологии топонимӣ

Аз баррасии гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ бо номвожаҳо, мо бевосита ба баррасии гурӯҳи воҳидҳои фразеологии топонимикӣ мегузарем. Воқеиятҳое, ки воҳидҳои фразеологии ин гурӯҳ ишора мекунанд, бо ҷуғрофия ва таърихи кишвар, анъанаҳое, ки дар маҳалли муайян мавҷуданд ё хусусиятҳои хоси сокинони минтақаҳои алоҳида ва ғ. алоқаманд [11, 76].

Инчунин дар воҳидҳои фразеологӣ асолати тарзи ҳаёт ва зиндагии мардум дар номҳои ҷуғрофии худи онҳо ба таври возеҳ инъикос ёфтааст. Монанди воҳидҳои фразеологӣ, «топонимҳо тамоми маҷмааи мураккаби фарҳанг ва психологияи як миллат, роҳи хоси тафаккури образноки онро муттаҳид месозанд» [116, 13].

Топонимҳо муносибати одамонро ба падидаҳои воқеияти атроф, ки бо ҳаёти онҳо зич алоқаманданд, инъикос мекунанд. Ҳар гуна муносибат ба воқеият на танҳо арзёбӣ, балки дар таҳлили ниҳоӣ, фаъолияти амалӣ мебошад. Топонимҳоҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Онҳо на танҳо бо мақсади «номгузорӣ» ба ашё, на танҳо бо мақсади ҷудокунии воқеият «балки бо мақсади ҷорӣ намудани ғоя дар бораи арзиши он чизе, ки таъин карда мешавад, сохта мешаванд, яне инсон чизеро арзанда меҳисобад, чизи бадро мешиносад ва чизи хубро қадр мекунад» [57, 5].

Тавре ки В.Н. Телия иброз медорад, «низоми тасвирҳое, ки дар таркиби фразеологии забон собит шудаанд, ҳамчун як нишона барои ҷаҳонбинӣ хидмат мекунад ва ба гунае бо фарҳанги моддӣ, иҷтимоӣ ё маънавии як ҷомеаи забонӣ алоқаманданд ва аз ин рӯ метавонад дар бораи таҷриба ва анъанаҳои фарҳангӣ ва миллии соҳибзабонон вобаста ба онҳо шаҳодат дод» [141, 215].

Бо шарофати мавҷудияти ҷузъи ономастикӣ, воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимӣ ба осонӣ шинохта мешаванд ва микроструктураи

пӯшидаи забонро ба вуҷуд меоранд. Онҳо дар фразеологизмҳо як гурӯҳи мушаххас ва ба ин васила маводи фровонеро барои таҳлили муқоисавӣ муаррифӣ мекунанд.

А.А. Потебня чунин ақида дорад, ки «Калима дорои тамоми хосиятҳои асари бадеист» [111, 167]. Топонимҳо метавонанд хислатҳои инфиродӣ, сифатҳо, хусусиятҳои ашёи номбаршударо тавассути дарки образнок ба таври возеҳ таъкид кунанд.

Фразеологизмҳо бо ҷузъи топонимӣ ба таври эътимодбахш нишон медиҳанд, ки ба онҳо набудани бетарафии услубӣ хос нест. Онҳо обуранги эмотсионалӣ ва экспрессионӣ доранд, на танҳо як падидаи муайянро ифода мекунанд, балки муносибати гӯяндаро ба он низ баён мекунанд [79, 233].

Аксари воҳидҳои фразеологӣ, ки топоним ҳамчун ҷузъи таркибии онҳо мебошанд, воҳидҳои фразеологии лакунарӣ мебошанд, яъне чунин воҳидҳое мебошанд, ки ҳамчун ибораҳои фразеологӣ дар як забон ва дар забони дигар бо истифода аз омезиши озод мавриди истифода қарор меёбанд. Фразеологизмҳои ин намуд хусусиятҳои забонро пурратар инъикос мекунанд, зеро онҳо бо урфу одатҳо, воқеият, далелҳои таърихии як кишвар алоқаманданд. Чунин воҳидҳои фразеологӣ хусусияти барҷастаи миллӣ доранд.

Маънии ҳар як воҳиди фразеологӣ ба ин ё он хусусияти топоним ё он ассотсиатсияҳое, ки бо топоним алоқаманданд, асос ёфтааст [85, 129].

Омилҳои берунае, ки ба рушди забон таъсир мерасонанд, хеле гуногунанд, онҳоро ба ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ тақсим кардан мумкин аст. Омилҳои ҷуғрофӣ хусусиятҳои ашёи табииро дар бар мегиранд: релеф, иқлим, наботот, ҳайвонот, дурӣ аз якдигар ва ғ.. Дар байни омилҳои фарҳангие, ки сатҳи рушди ҷомеаро муайян мекунад, омилҳои фарҳанги иҷтимоӣ, моддӣ ва маънавӣ фарқ мекунанд. Омили иҷтимоӣ таркиби синфӣ ва этникии аҳолӣ, рӯйдодҳои таърихӣ ва амсоли инҳоро ифода мекунанд.

Дар ин кор воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун маҷмуаҳои нисбатан устувори лафзӣ, ки дар гуфтор дар шакли тайёр дубора тавлид ёфтаанд,

ки бо тағирёбии маъноӣ, яъне қисман ё пурра аз нав шудан, дорои таркибӣ хосанд ва дорои дараҷаи эмотсионалӣ мебошанд, фаҳмида мешаванд. Фразеологизмҳо як қатор хусусиятҳои характерноки сохторӣ ва маъноӣ доранд. Таркиби мураккаб, устувории луғавӣ ва грамматикӣ ва тақсимнашавандагии маъноӣ аз аломатҳои барҷастаи онҳо мебошанд.

Дар робита бо тамаркузи умумии забоншиносии муосир ба омӯзиши омили фарҳангӣ дар забон, таҳлили равандҳои ташаккул ва такомули воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нуқтаи назари забонӣ ва фарҳангӣ, яъне аз роҳҳо зоҳир кардани хусусиятҳои милливу фарҳангӣ дар онҳо мебошад. Воҳиди таҳлилии забонӣ-фарҳангӣ ҳамчун ҷузъи фарҳангӣ ҳисобида мешавад, ки ҳамчун маълумоти арзиши фарҳангӣ фаҳмида шуда, бо маънои лингвистӣ муҷаҳҳаз буда, дар воҳидҳои системаи забон ҷойгир карда шудааст.

Вазифаи асосии забоншиносии фарҳангӣ дар робита бо маводи фразеологизм омӯхтан ва тавсифи механизмҳое мебошад, ки дар асоси онҳо ҳамкории воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун воҳидҳои забони табиӣ бо семантикаи фарҳангии забони фарҳанг сурат мегирад. Натиҷаи амали ин механизмҳо муаррифии семантикаи фарҳангӣ аз ҷониби воҳидҳои фразеологӣ ва ба ин васила нишон додани вазифаи аломатҳои шифоҳии забони фарҳанг мебошад.

Аксари воҳидҳои фразеологӣ асолати фарҳангӣ ва миллӣ доранд (ба ин аксарият он воҳидҳои фразеологие низ дохил карда мешаванд, ки тавассути шаклҳои гуногуни иқтибоскунӣ дар он аз худ карда шудаанд ва ба таври фарҳангӣ мутобиқ карда шудаанд). Дар зерсохторҳои забонӣ иртиботи фосилавии воҳидҳои фразеологӣ бо ин ё он рамзи фарҳангӣ нигоҳ дошта мешавад. Воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун «аломатҳои фарҳангӣ» амал мекунанд. Аломатҳои фразеологӣ ба наслҳои оянда муносибатҳои дорои аҳаммияти фарҳангӣ ва ба ин васила ташаккули худогоҳии фарҳангӣ дар равандҳои азхудкунӣ ва истифодаи забон, ҳам ҳувияти фарҳангӣ ва асолати миллии соҳибзабон мусоидат мекунад. Яъне, дар паси ҳар як воҳиди фразеологии ин ё он забон маънои

фарҳангие ҷой дорад, ки тасвири миллии забоншиносии оламро инъикос мекунад.

Фразеологияи ономастикӣ маҳз ҳамон қабати воҳидҳои забонӣ мебошад, ки дар бораи тарзи хоси тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва мифологияи мардуми соҳибзабон маълумот медиҳанд.

Воқеиятҳои забоние, ки воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимиро нишон медиҳанд, бо ҷуғрофия ва таърихи кишвар, урфу одатҳо, хусусиятҳои хоси сокинони минтақаҳои алоҳида ва ғайра алоқамандии зич доранд. Топонимҳо тамоми маҷмуи мураккаби фарҳанг ва психологияи як миллати мушаххас, роҳи хоси тафаккури образноки онро муттаҳид месозанд.

Омӯзиши фразеологияи топонимӣ дар омӯзиши забон ва фарҳанги кишвар дар маҷмуъ нақши муҳим мебозад, зеро топонимҳо ва воҳидҳои фразеологӣ, ба фарқ аз дигар воҳидҳои забон, на танҳо маънои лингвистӣ, балки экстралингвистӣ низ доранд, яъне ҷузъи фарҳангӣ - маълумот дар бораи фарҳанг ва ҷомеаи одамони муайян доранд.

Қабати фразеологии топонимҳо (воҳидҳои фразеологии дорои топонимҳо) дар забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ бойтаранд.

Дар байни воҳидҳои фразеологии собит бо топоним, воҳидҳои ҳамаи синфҳои воҳидҳои фразеологӣ мавҷуданд:

1. ваҳидҳои фразеологӣ: (тоҷ. анг. *set the **Thames** on fire* - Темзаро оташ задан); воҳидҳои фразеологии маҷозӣ (анг. *the garden of **England*** - боғи Англия); таркибҳои ҷуфтшуда (***English Sodom** and **Gomorrah***): воҳидҳои муқоисавӣ (анг. *as plain as **Salisbury*** - оддӣ ҳамчун Солсбери).
2. ибораҳои фразеологӣ (рехта) (анг. *to go to **Bath!*** - рафтан ба Бат = Ҷин занад!).
3. таркибҳои фразеологӣ (анг. ***Paddington** fair* - ярмаркаи англисии Paddington).
4. ибораҳои фразеологӣ - паремияҳо (анг. ***England's** difficulty is **Ireland's** opportunity* - душвориҳои Англия ин имконияти Ирландия аст).

Таҳлили забонӣ ва фарҳангии воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимӣ дар ҷанбаи таърихӣ ва фарҳангӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми омӯзиши ибораҳои ташаккулёбии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ раванди ташаккули ибораҳоро бо назардошти се нуқтаи асосӣ таҳия намудан лозим аст:

1) ангезаи иттилооти ақлӣ ва ё эҳсосотӣ, ки бояд дар воҳиди фразеологӣ инъикос карда шавад;

2) заминаи ҳосилавӣ - шакли аслии моддӣ, ки ба туфайли он маънои воҳиди фразеологӣ ба амал меояд;

3) доираи вазъи беруназзабонӣ, ки барои пайдоиши воҳидҳои фразеологӣ такон мешавад.

Дар раванди ташаккули воҳидҳои фразеологӣ ин омилҳо ба ҳам таъсир мерасонанд, аммо вобаста ба заминаи ҳосилавӣ, таъсири онҳо метавонад гуногун бошад. Пойгоҳи ҳосилкунӣ барои тақсим кардани раванди иборасозӣ ба ибтидоӣ ва миёна асос мебошад. Дар ҷараёни ташаккули ибораҳои ибтидоӣ воҳидҳои фразеологӣ дар асоси калима, ибора ва ҷумла сохта мешаванд. Дар ҷараёни ибтидоии иборасозӣ ташаккули ҷудогона ва такроршаванда ба вуҷуд меоянд. Аксар вақт, заминаи ташаккули воҳидҳои фразеологӣ соҳаи вазъияти беруназабонии луғавӣ бо пурра ё қисман набудани заминаи ҳосилшавӣ мебошад. Соҳаи ғайрилингвистӣ заминаи фарҳангӣ мебошад, ки яке аз роҳҳои пешниҳоди маълумоти фарҳангӣ мебошад [154, 8].

Аз нигоҳи инъикос дар заминаи образи воҳидҳои фразеологиӣ, ду гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимикӣ фарқ карда мешаванд:

1) воҳидҳои фразеологии миллӣ-фарҳангӣ бо ҷузъи топонимикӣ (забони англисӣ ё тоҷикӣ);

2) воҳидҳои фразеологии байнифарҳангӣ бо ҷузъи топоним (аз забонҳои дигар гирифта шудааст).

Шубҳае нест, ки аксарияти воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи фарҳанги миллӣ ба вуҷуд омадаанд ва самараи фаъолияти садсолаҳои зеҳнию маънавии мардум буданд. Воҳидҳои фразеологии дорои

топонимҳо ба тарҷума ба забони дигар ба тариқи фразеологӣ мувофиқат намекунанд, зеро воҳидҳои ин гурӯҳ воқеаҳо ва далелҳоеро инъикос мекунанд, ки дар фарҳанги дигар ҷой надоранд. Ин хусусияти миллии онҳост. Тарҷумаи ин воҳидҳо ба забони дигар тавассути воҳиди фразеологии мувофиқ қариб ғайриимкон аст, аз ин рӯ маънои онҳо тавассути пайгирӣ ё тавсифӣ бо тавзеҳи мувофиқ дар мавриди пайдоиш ва вазъи истифодаи онҳо интиқол дода мешавад. Эҳтимол дорад, ки ба тариқи истисно аз қоидаи умумӣ, ҳолатҳои ками тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ бо семантикаи миллӣ-фарҳангӣ тавассути муодили (эквиваленти) фразеологии пурра, нопурра ё нисбӣ истифода шавад, яъне. ба тариқи фразеологӣ, гарчанде ки дар ин ҳолат дар семантикаи воҳидҳои фразеологӣ фарқиятҳои хеле ҷиддӣ мавҷуданд.

Масалан:

Тоҷ. Зира ба Кирмон бурдан [188, 934].

Анг. To carry coals to Newcastle - ба Ньюкасл бурдани ангишт

Рус. ездить в Тулу со своим самоваром - бо самовори худ ба Тула рафтан) [85, 24].

Ин зарбулмасалҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷумаи муодилӣ кардан мумкин аст, аммо, масъала сари он ки, чунин зарбулмасалҳо хеле кам дучор мешаванд. Ҳол он ки зарбулмасали фавқуззикр дар забони тоҷикӣ вариантнок мебошад:

Зира ба ***Кирмон*** *бурдан = Хар ба* ***Хуросон*** *бурдан* [188, 934]

Воҳидҳои фразеологии миллӣ-фарҳангӣ бо ҷузъи топоним се зергурӯҳро дар бар мегирад:

1) воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба омилҳои иҷтимоӣ-таърихӣ;

2) воҳидҳои фразеологӣ, ки манбаи он санъати халқӣ мебошад;

3) воҳидҳои фразеологӣ, ки бо ҳаёти ҳаррӯза, ахлоқ ва урфу одатҳо ва одамон алоқаманданд.

Ба воҳидҳои фразеологии гурӯҳи якум топокомпонентҳо вобаста ба омилҳои иҷтимоӣ-таърихӣ дохил мешаванд, яъне воҳидҳои фразеологие, ки бо рӯйдодҳои таърихӣ ва далелҳои гузаштаи дур алоқаманданд:

Meet one's Waterloo - бо Ватерлоо вохӯрдан “маглуб шудан, шикасти ниҳоӣ гирифтан”. Ишора ба ҳодисаест, ки дар соли 1815, пешвои Фаронса Наполеон дар муҳорибаи Ватерлоо ба шикасти ниҳоӣ дучор шуд.

Дар забони тоҷикӣ ин мазмун бо муодилҳои гуногун ифода меёбад:

1. *Аҳволаш ба мургони ҳаво гиря мекунанд*

2. *Кунакӣ шиштан*

3. *Пешипо хӯрдан*

4. *Қанот шикастан*

Воҳидҳои фразеологии гурӯҳи дуюм ду зергурӯҳро дар бар мегиранд: фолклор ва воҳидҳои фразеологии адабӣ.

Воҳидҳои фразеологии фолклорӣ бо санъати халқӣ алоқаманданд: афсонаҳо, масалҳо, сурудҳо, қофияҳо, бозиҳои бачагона, калимаҳо ва ғ. Масалан: анг. have kissed the Blarney stone англисӣ. санги Бларниро бӯсидаанд, ду маъно дорад:

1) “хушомадгӯӣ кардан”

2) “даҳалӣ”, “қобилияти сӯҳбат кардани духтар дар робитаи ҷинсӣ”. / Дар наздикии қалъаи Бларни дар Ирландия санге мавҷуд аст, ки мувофиқи ривоят ба шахсе, ки ӯро мебӯсад, чунин қобилиятро медиҳад.

Дар забони тоҷикӣ ба маънои аввал, яъне хушомадгӯӣ кардан чунин муодилҳоро овардан мумкин аст:

1. Думликконӣ кардан

2. Лабу рӯя лесидан

3. Пеши пой ба сар мондан

Воҳидҳои фразеологии адабӣ бо ҷузъи топонимикӣ бо асарҳои бадеӣ, персонажҳо ё истинодҳои адабӣ алоқаманданд. Масалан: Canterbury story - Достони Кентербери “қиссаи дароз, дилгиркунанда” / Истинод ба Ҷефри Чосер дар Афсонаҳои Кентерберӣ, = Гапро рӯдаи мурғ кардан / Шаф-шаф кардан (аз зарбулмасали машҳури Шаф-шаф нагӯ, шафтолу гӯ);

Мо қиссаи Сикандару Доро нахондаем (Аслан мисраъи Ҳофизи Шерозӣ буда, ба зарбулмасал табдил ёфтааст).

Ҳамчунин дар забони тоҷикӣ муодилҳои зерин ба ин маъно истифода мешаванд:

1. *Қатиқи гапа баровардан*

2. *Дилгир шудан*

3. *Ҳафсала гирифт кардан*

To grin (smile) like a Cheshire cat ба мисли гурбаи Чеширӣ хандидан (табассум кардан) "хандон, бо даҳони пур табассум кардан" / Шаҳристони Чешир аз қадим бо панирҳои худ машҳур буд. Нишонаи асосии ширкате, ки яке аз навъҳои панири Чеширро месохт, чеҳраи табассуми гурба буд, ки дар шакли он сарҳои панир тасвир ёфта буданд. Дар забони тоҷикӣ ба воситаи ибораи рехтаи "Аз ин гӯш то он гӯш табассум кардан" ифода мешавад.

*From **China** to **Peru** = Аз **Ироқ** то фироқ.*

Аз осмон то ресмон / Гоҳ аз рогу гоҳ аз боғ / Гоҳ аз Машриқ, гоҳ аз Мағриб [200, 230].

Лектор гоҳ аз боғ сухан меронду гоҳ аз роғ. (Хорпуштак)

Гоҳ аз осмон, гоҳ аз ресмон гап мезад. (Тоҷикистони советӣ)

Гоҳ аз рогу гоҳ аз боғ ҳарф зада мегуфт....(Газетаи муаллимон)

*Ӯ гоҳ аз **Машриқ**, гоҳ аз **Мағриб** гап мезад.* (Хорпуштак) [200, 231]

Бисёр воҳидҳои фразеологӣ бо ҳаёти ҳаррӯза, одоб ва урфу одатҳои одамон алоқамандand:

People north of Watford мардум дар шимоли Уотфорд (масхарабоз) "музофотӣ" (ба маънои аслӣ: мардуме, ки дар шимоли Уотфорд зиндагӣ мекунанд). Ин ибора дар муқоиса бо тарзи дунявии мардуми Лондон ва ноҳияҳои атрофи он ба рафтори музофотӣ ё ҷаҳонбинии маҳдуди мардуми шимоли Уотфорд ишора мекунад. Онҳое, ки дар пойтахт ё ҷануби Англия зиндагӣ мекунанд, одатан худро аз онҳое, ки дар ҷойҳои дигари Британиё зиндагӣ мекунанд, бартар медонанд.

Дар забони тоҷикӣ муодилҳои *гадои **Дарг*** барин, гадорӯӣ кардан ба ин маънӣ наздик аст, аммо варианти англисӣ бештар характери

ҷаҳонбинии танг ва содалавҳиро ифода мекунад, ки ба фикри мо муодили турки яклухт бештар бозгӯкунандаи маънои он ба ҳисоб меравад [184, 296]. Зеро, дар замонҳои пеш туркон, ки ба тозагӣ аз ҳаёти кӯчманчигӣ баромада буданд, ба назари тоҷикони деҳқон ва шаҳрнишин, ки албатта муносибатҳои нисбатан мушкили иҷтимоӣ дошта, ҷоҳонбиниашон низ хелеҳо аз туркон фарқ мекардааст, одамони содалавҳ менамудаанд.

Pile Ossa on Pelion - тӯдаи Осса дар Пелион (китобӣ) - беасос мушкил кардан, ба кори бесамар машғул шудан = Об дар ҳован кӯфтан.

Инчунин ибораи *гул кардану суд накардан* ба кори бесамару бефоида машғул шуданро ифода мекунад [184, 91].

Do at ***Rome*** *as the Romans do (when in* ***Rome****) do as the Romans do* = Дар Рум монанди румиён рафтор кун (вақте ки дар Рум ҳастӣ) монанди румиён рафтор кун = ***Шаҳри*** *якчашма равӣ якчашма шав*.

Тибқи нишондоди муҳаққиқони маъруф таҳқиқотҳои топонимӣ ва умуман ономастикӣ дорои чунин ҷанбаю хусусиятҳои таҳлилӣ мебошанд:

Атрибутсияи забонии маводи ҷамъоваришуда. Пайдо намудани номҳои дар давраҳои гуногун ташаккулёфта дар минтақа ва ё низоми топонимии алоҳида. Ҳамчунин муайян кардани мансубияти забонии топонимҳо дар баробари маълумоти дуруст доштан оид ба забонҳои алоҳида ва ҳолату вазъияти забонҳо дар давраи ташаккули топонимҳои алоҳида.

Таҳлили матнӣ (текстологӣ). Зимни интихоб намудани маводи топонимӣ аз матни сарчашмаҳои алоҳида, қаблан худи матн таҳти таҳлили ҷиддӣ бояд қарор дошта бошад, то муътамадии худи матн ва сарчашма муқаррар карда шавад. Номи ҷуғрофӣ дар матн не, балки берун аз он дар шароитҳои дигар ва чанд муддат, қабл аз таълифи матн (сарчашма), ташаккул меёбад. Ба матнҳои топонимӣ сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ, этнографӣ, ҳисоботҳои шуроҳои деҳот ва мақомоти маҳаллии ҳукумат, асноди бойгониҳо, харита ва нақшаҳои ҷуғрофӣ, маълумотномаҳои маъмурию ҳудудӣ ва ғайра дохил мешаванд. Таснифи

топомавзеъҳои мавод ва минтақа. Қабл аз таҳлили пурраи забонӣ, бояд маводи топонимӣ ба гурӯҳҳои алоҳида - ойконимия, гидронимия, оронимия, спелеонимия ва ғайра тақсимбандӣ шавад.

Таснифи ҳудудии мавод. Ба ин мақсад, бояд мавод ба табақаҳои алоҳидаҳои забонӣ ҷудо карда шавад, яъне нишона, аломат ва хусусиятҳои топонимҳоро ба эътибор гирифта, аз ҷиҳати таърихи пайдоиш ва баромад бояд ба забонҳои алоҳида ва ҳудудҳои алоҳидаи густаришӣ дар дохили минтақаи таҳқиқшаванда гурӯҳбандӣ шаванд. Таҳлили чиннигорӣ (стратиграфӣ). Дар ин маврид, мавод ва ё номҳои алоҳида бо мавод ва ё унсурҳои муайяни забонҳои дигар бояд дар муқоиса қарор дода шавад. Таҷдиди сохт ва шакли номҳои ҷуғрофӣ. Дар ин маврид бояд кӯшиш кард, ки дар асоси маводу маълумотҳои гуногун асос, реша ва ё шакли ибтидоию маънии аслии топоним барқарор карда шавад. Таҳлили этимологӣ. Дар ин маврид, диққати асосӣ ба лексикаи аппелятивӣ ва шакли ибтидоии исми хос дода мешавад. Бояд зикр кард, ки таҳлили этимологии топоним аз таҳлили этимологии дигар гурӯҳҳои луғавии забонӣ тафовутҳои зиёд дорад [75, 48-49].

Таҳлили миқдории воҳидҳои фразеологии фарҳангӣ бо ҷузъи топоним ба мо имкон медиҳад, ки шабоҳатҳои байни забонҳоро муайян кунем. Шумораи баштари воҳидҳои фразеологии байни фарҳангӣ бо ҷузъи топонимикӣ асосан аз ҳисоби захираҳои худӣ пурра карда мешавад, ки инъикосгари хусусиятҳои миллии ҳаёти ҳаррӯза ва иҷтимоию иқтисодӣ, зиндагӣ, таърих, анъана ва урфу одатҳои халқҳои мавриди назар мебошад.

Дар баъзе мавридҳо дар забонҳои муқоисашаванда монандии сохторӣ дида мешавад, аммо семантикаи воҳидҳои фразеологӣ хеле аз ҳамдигар дуранд. Ин гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба табиат ва падидаҳои шаҳру минтақаҳо буда, аслан муодил надоранд.

Тоҷ:

*Гоҳе аз **Ашт** гоҳе аз **Дашт** гап задан*

Вай ба синф даромада, гоҳ аз **Ашт** сухан меронду гоҳ аз **Дашт**.

(Хорпуштак) [200, 230]

Барои толибилм то ***Багдод*** *як қадам роҳ ҳаст* [Халқӣ]

Оби хуми ***Намангон*** *ях мекунад* [Халқӣ]

Онаи зората дар ***Учқургон*** *нишон медиҳам* [Халқӣ]

Анг.:

Bristol *cream*

Newcastle *disease*

People north of ***Watford***

Shipshape and ***Bristol*** *fashion* [151, 15]

Ин гурӯҳ воҳидҳои фразеологӣ падидаҳоеро, ки ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва саноатии мардумро чи дар гузашта ва чи дар замони ҳозира инъикос мекунанд, дар бар мегирад.

Дар байни фразеологизмҳо, махсусан дар забони англисӣ, ибораҳоеро иистифода мекунанд, ки маводи мухаддир, нӯшокиҳои спиртӣ ва беморихоро ифода мекунанд:

Анг.:

California *turnarounds* - истифодаи амфетамин аз ҷониби ронандагони мошинҳои боркаш дар назар доранд

(таҳт.: «нуқтаи гардиши Калифорния»);

Тасвирҳои баъзе воҳидҳои фразеологӣ бо табиат алоқаманданд ё падидаҳои табииро инъикос мекунанд - инҳо воҳидҳои фразеологӣ мебошанд, ки сарчашмаи он олами наботот ва ҳайвонот будаанд.

Масалан: анг. ***Keswick*** *codlin* «навъи себ»

Cambridge *oak* «булути Кембридж» (булут - дуб)

Тоҷ. *Себи* ***Самарқанд***

Тавре ки аз маълумоти дар боло овардашуда дида мешавад, воҳидҳои фразеологие бартарӣ доранд, ки манбаи онро ҳаёти ҳаррӯза, рафтор ва урфу одатҳои одамон ташкил медиҳанд, инчунин воҳидҳои фразеологӣ аз ҳисоби омилҳои иҷтимоӣ-таърихӣ бартарӣ доранд.

Дар байни воҳидҳои фразеологии байнифарҳангӣ бо ҷузъи топонимикӣ се зергурӯҳро фарқ кардан мумкин аст:

1) воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимӣ, ки ба мифологияи китобҳои динӣ асос ёфтаанд;

2) воҳидҳои фразеологие, ки пайдоиши он мифологияи қадим аст (номҳои мифологӣ);

3) воҳидҳои фразеологии топонимӣ, ки аз дигар забонҳо гирифта шудаанд.

Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи топонимӣ, ки ба мифологияи китобҳои динӣ асос ёфтаанд.

Масалан:

Тоҷ. *Хар рафтай* ***Маккаву Мадина*** *омадай хари пешина*. Маккаву Мадина номҳои шаҳрҳои муқаддаси мусулмонон аст.

Хари Исо гараш ба Макка баранд,

Чин биёяд боз ҳамон хар бошад.

(Байти Саъдии Шерозӣ аст, ки зоҳиран аз зарбулмасали маъмул татаббуъ кардааст).

Аҷоиб он аст, ки ин зарбулмасал, хоҳ тавассути тарҷума бошад ва хоҳ тавассути ривоятҳо дар забонҳои русӣ ва фаронсавӣ муодили он дида мешавад:

Рус. *Осла хоть в* ***Мекку*** *своди, все ослом останется* = дурак дураком останется. / Фр. *Menez un âne à la* ***Mecque*** *vous n'en ramènerez jamais qu'un âne* [151, 18]

Алами ***Исора*** *аз* ***Мӯсо*** *гирифтан* (ҳарчанд дар ин ҷо антропонимҳо истифода шудаанд, аммо ҳамчун ҷузъи ономастикии заминаҳои динидошта қабул кардан умумкин аст).

анг. *plagues of* ***Egypt*** - балоҳои Миср «вазъи тоқатфарсо: мушкилот, офатҳо». Ин ибора дар асоси афсонаи Инҷил дар бораи ҷазоҳое, ки Миср барои радди фиръавн барои раҳо кардани яҳудиён аз асирӣ ба замини ваъдашуда ба миён омад, ба вуҷуд омадааст;

the tower of ***Babel*** - бурҷи Бобил (бурҷи Бобул) - омезиши забонҳо, бисёрзабонӣ; шӯру ғавғо.

«Babel» номи ибронии Бобул - Вавилон аст, ки бо забони англисӣ мустақиман аз нусхаи ибронии Аҳди Қадим гирифта шудааст;

2) воҳидҳои фразеологие, ки пайдоиши он мифологияи қадим аст (номҳои мифологӣ):

Тоҷ. *Тухми анқо барин камчин шудан* – хеле ноёб шудан ягон чиз. Анқо мурғи афсонавӣ, ки дар пушти кӯҳи **Қоф** зиндагӣ мекунад.

*Париҳои кӯҳи **Қоф*** – парӣ барин зебо.

*Hot as **Hades*** – Ҳадес барин тасфон (бениҳоят гарм)

*Pile **Ossa** on **Pelion*** - тӯдаи Осса дар Пелион [219]

3) воҳидҳои фразеологии топонимӣ, ки аз дигар забонҳо гирифта шудаанд.

Дар забони тоҷикӣ асосан аз забонҳои арабӣ ва туркӣ иқтибос шудаанд:

*Барои толибилм то **Багдод** як қадам роҳ ҳаст.*

*Дузди **Багдод**.*

*Оби хумби **Намангон** ях мекунад.* [184]

Дар забони англисӣ асосан аз забонҳои лотинӣ ва фаронсавӣ иқтибос шудаанд.

*The land of **Cockaine** - Pays de **Cocagne.***

***Rome** was not built in a day - **Rome** ne fut pas faite toute en jour.*

*Do at **Rome** as the Romans do / (when in **Rome**) do as the Romans do* (Шаҳри якчашма равӣ якчашма шав) - *Si fueris **Romae**, Romano vivito more.*

3.2. Таҳлили воҳидҳои фразеологии топонимӣ вобаста аз маҳалли ҷойгиршавии объектҳои таъиншуда

Вобаста аз маҳалли ҷойгиршавии объектҳои таъиншуда, чунин воҳидҳои фразеологии топонимиро фарқ кардан мумкин аст:

1) топонимҳое, ки объектҳоро дар доираи минтақаи лингвистии баррасишаванда ном мебаранд;

2) топонимҳое, ки объектҳои берун аз минтақаи фаъолияти забони мавриди назарро ифода мекунанд.

Мувофиқи ин таснифот гуруҳи воҳидҳои фразеологиро бо ҷузъи топоним ба зергурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: 1) воҳидҳои фразеологӣ, ки дар он топонимҳо объектҳоро дар қаламрави ҷамъияти забонӣ-фарҳангии додашуда ном мебаранд (Топонимҳои худӣ):

Тоҷ.:

Омад омади шаҳи ***Дарвоз***

Гоҳе аз ***Ашт*** *гоҳе аз* ***Дашт*** *гап задан*

Лаъл ба ***Бадахшон*** *бурдан*

Ба ***Дараи Ниҳон*** *рафтан.*

Гоҳе аз ***Хуҷанд*** *гоҳе аз* ***Қуқанд*** *гап задан.*

Анг.

England's *difficulty is* ***Ireland's*** *opportunity*

2) воҳидҳои фразеологӣ бо топонимҳо, ки объектҳои берун аз минтақаи фаъолияти забони мавриди назарро ифода мекунанд («топонимҳои бегона»).

Тоҷ.:

Саги мову тарафи ***Ҳайдаробод*** *меҷакад*

Чити ***Хитой*** *барин ҷиррос зануондан*

Тухми аз ***Багдод*** *омадагӣ*

Сарфаи сари чагдон сарфакори ***Ҳиндустон***

Барои толибилм то ***Багдод*** *як қадам роҳ ҳаст*

Анг.

Mexican *breakfast*

The Solomon of ***France***

Paris *is worth a mass*

Bombay *duck*

Bombay *milk-cart*

The black hole of ***Calcutta***

Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда моро ба чунин хулоса меоранд: дар воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва англисӣ, топонимҳо бартарӣ доранд, номгузории ашё дар доираи забонӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки ин як падидаи комилан табиӣ мебошад. Забон падидаҳои беруназзабониро ифода мекунад, ки аҳаммияти бузурги коммуникативӣ дорад. Аз ин рӯ, объектҳои топонимӣ ҳар қадар муҳим бошанд, забон онҳоро ҳамон қадар «бо омодагӣ» аз худ мекунад, аз ин рӯ, маводи топонимии дар дохили кишвар ҷойгиршуда назар ба берун

аз он ҷолибтар аст. Дар забони англисӣ дар ин ду гурӯҳ тафовути миқдорӣ мушоҳида мешавад, аммо дар тоҷикӣ фоизи байни ин гурӯҳҳо тақрибан баробар аст. Дар ин зербоб воҳидҳои фразеологӣ бо топонимҳо, ки топонимҳои берун аз доираи забони мавриди назарро ифода мекунанд, баррасӣ карда мешаванд, яъне берун аз он кишварҳое, ки ин забон забони асосии гуфтугӯӣ ва расмӣ мебошад (барои англисӣ - Британиё, ИМА, Австралия ва Зеландияи Нав мебошанд; барои тоҷикӣ – Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон)

Дар забонҳои мавриди назар объектҳои «бегона»-ро ба ду намуд ҷудо кардан мумкин аст:

1) объектҳое, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҷамъияти забонӣ-фарҳангии муайян наздиканд (номҳои ҷуғрофии кишварҳои ҳаммарз бо қаламрави истифодаи забони мавриди назар);

2) объектҳое, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ аз ҷомеаи мазкури фарҳангӣ дуранд.

Фразеологизатсияи объектҳои топонимии дур нисбат ба фразеологизатсияи топонимҳои наздик камтар ба назар мерасанд, зеро соҳибзабонон албатта дар доираи ҷаҳонбинии худ воҳидҳои забонӣ, аз ҷумла воҳидҳои фразеологиро эҷод мекунанд. Дар ин ду гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ фарқиятҳои назарраси забонӣ ва фарҳангӣ мавҷуданд.

Ба гурӯҳи топонимҳои ба забони тоҷикӣ наздик топонимҳои Афғонистон, Эрон ва Узбекистон дохил мешаванд.

*Хар ба **Хуросон** бурдан*

*Зира ба **Кирмон** бурдан*

*Онаи зората дар **Учқурғон** нишон медиҳам*

Ҳарчанд ки топонимҳои дар таркиби воҳидҳои фразеологии додашуда аз доираи Тоҷикистон бурун бошанд, ҳам онҳо дар кишварҳои ҳамсоя ва ё нисбатан наздик қарор доранд (Афғонистон, Эрон ва Узбекистон).

Ба гурӯҳи компонентҳои англисӣ – топонимҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ наздик ба ин ҷамъияти забонӣ-фарҳангӣ номҳои ҷуғрофии кишварҳое,

ки дар қаламрави истифодаи забони англисӣ ҳаммарзанд, дохил мешаванд. Якум, инҳо дар наздикии Британиёи Кабир мебошанд (Фаронса, Белгия ва Ирландия); дуввум, инҳо кишварҳои ҳаммарз бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошанд (Канада, Мексика, Куба ва ҷазираи Ямайка).

Дар забони англисӣ, бисёр воҳидҳои фразеологӣ бо топонимҳои ирландӣ мавҷуданд. Аммо онҳоро аз ҷиҳати ба хоки Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир дохил шудани Ирландияи Шимолӣ «бегона» ба ҳисоб намераванд.

*Have kissed the **Blarney Stone***

*If you drop a fiver in **Brandon**, kick it all the way to **Cork***

Топонимҳои мексикоӣ дар воҳидҳои фразеологии зерин таҷассум ёфтаанд:

***Acapulco** gold* – тиллои Акапулко - киноя аз бастаи банги мексикоӣ, ки ба намуди ғишти тилло бастабандӣ шудааст.

***Mexican** breakfast* – субҳонаи Мексиканӣ - сигарет ва як пиёлача кофе ё об.

***Mexican** brown* – марихуанаи мексикоӣ.

***Mexican** standoff* – истидагарии мексикоӣ.

Воҳидҳои фразеологӣ топокомпонентҳои фаронсавӣ:

***Paris** is worth a mass* - Париж кирои ибодат мекунад.

*Go to **Cannes*** – ба Канн рафтан. Суханбозӣ аст, аз сабаби монанд будани номи шаҳраки истироҳатии Канн ва can ба маънои обхона, халоҷо.

*The Solomon of **France*** – Сулаймони Фаронса, киноя аз шоҳ Карл V.

Топонимҳои Белгия дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, ки аз ин миён бештар аз ҳама топоними «Waterloo» истифода шудааст:

*Meet one's **Waterloo*** – шикаст хӯрдан.

*The battle of **Waterloo** was won on the playing fields of **Eton*** – Пирӯзӣ дар ҷанги Вотерлоо дар майдонҳои бозии Итон ба даст омадааст.

Топонимҳои ҳиндӣ дар дохили воҳидҳои фразеологии англисӣ баъди истеъмори Ҳиндустон ба вуҷуд омадаанд, ки шумораи онҳо низ назаррас мебошад.

Bombay *duck* - Мурғобии Бомбей (аҷоиб он аст, ки ин хурок на аз гӯшти мурғобӣ, балки аз як намуд моҳии Уқёнуси Ҳинд пухта мешавад. Аз сабаби таъми он ба мурғобӣ монанд буданд аскарони Британия онро мурғобӣ гумон карда буданд)

The black hole of ***Calcutta*** – хонаи таргу тор

Дигар гурӯҳро фразеологизмҳо бо ҷузъи топонимҳои Италия ва Рим ташкил мекунанд

Cross the ***Rubicon***

Neapolitan *bone-ache*

All roads lead to ***Rome***

Fiddle while ***Rome*** *burns*

Do at ***Rome*** *as the Romans do /(when in* ***Rome****) do as the* ***Romans*** *do*

Better be the first in a village than second in ***Rome***

It is ill sitting at ***Rome*** *and striving with the Pope*

Rome *was not built in a day*

Зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъи топонимҳои Миср (Egypt).

Egyptian *darkness* - торикии Миср (ин зарбулмасал аз сарчашмаҳои динӣ, аниқтараш аз Таврот сарчашма мегирад, ки мувофиқи он Худо ба Мӯсо таъкид кардааст: «Ҳароина торикӣ хоҳад буд дар сарзамин Миср)

The flesh-pots of ***Egypt***

Табақҳои гӯшти Миср (киноя аз нозу неъматҳои аз даст рафта мебошад)

The ten plagues of ***Egypt*** – даҳ куштор дар Миср (ин зарбулмасал низ сарчашмаи динӣ дирад, ки аз устураи таклифи озодии яҳудиёнро рад кардани Фиръавн ривоят мекунад)

Throw him into the ***Nile*** *and he will come up with a fish in his mouth* – ӯро ба дарёи Нил ғарқ кунед ҳам, боз дар даҳонаш моҳӣ бармегардад (киноя ах толеъ ва иқболи баланди ягон кас)

Хороними Иерусалим низ яке аз топокомпонентҳои серистифода мебошад.

